АБИЛОВ С.А.

# НИЗОЪҲОИ МИНТАҚАВӢ ВА ХУСУСИЯТИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ ДИГАРГУНШАВИИ ҶОМЕА

(таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)




ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ФАКУЛТЕТИ ФАЛСАФА

АБИЛОВ С.А.


# НИЗОЪҲОИ МИНТАҚАВӢ ВА ХУСУСИЯТИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ ДИГАРГУНШАВИИ ҶОМЕА

## (ТАҶРИБАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

***Монография***


Душанбе

«ЭР-граф»

2021

ББК 66.4(2Тоҷик) + 66.5(2Тоҷик) + 66.77 + 92Я2
А–16

**Муқарризон:**
***Зоҳидов О.Ҳ.*** – *доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Ҳакимов Р.М.*** – *номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*

**Абилов С.А.** Низоъҳои минтақавӣ ва хусусияти онҳо дар раванди дигаргуншавии ҷомеа. Зери таҳрири профессор Муҳаббатов А. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 156 с.

Дар китоби мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар мисоли низои байни тоҷикон дар муносибат бо низоъҳои минтақавӣ таҳлили системавӣ анҷом диҳад. Вобаста ба ин, дар таҳқиқоти мазкур асосҳои назариявию методологии омӯзиши низоъҳои минтақавӣ муайян карда шуда, мазмун ва мундариҷаи низоъҳои байналхалқӣ нишон дода шудаанд. Инчунин омилҳо ва меъёрҳои асосии омӯзиши низоъҳои минтақавӣ ошкор карда шудаанд; тамоюлоти низоъангез мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар заминаи он хусусиятҳои минтақавии низои байни тоҷикон нишон дода шудаанд; дар ҳошияи бозсозӣ хусусиятҳои низоъҳои минтақавӣ дар раванди дигаргуншавии ҷомеаҳои пасошуравӣ нишон дода шудаанд; хусусиятҳои минтақавии низоъ таҳлил шуда, нақши миёнаравӣ дар танзими низои байни тоҷикон муайян карда шудааст.

ISBN 978-99975-71-69-4

© Абилов С.А., 2021.

# М У Н Д А Р И Ҷ А

**Пешгуфтор** .......... 4

**БОБИ 1. НИЗОЪҲОИ МИНТАҚАВӢ: ОМИЛҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГӢ** .......... 8

1.1. Мафҳум, омилҳо ва меъёрҳои асосии сарзадани низоъҳо .......... 8

1.2. Тамоюли низоангез ва хусусияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон .......... 38

**БОБИ II. НИЗОЪҲОИ МИНТАҚАВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОНҲО** .......... 70

2.1. Бозсозии системаи шӯравӣ ва тамоюли авҷ гирифтани низоъҳои минтақавӣ дар фазои шӯравӣ ва пасошӯравӣ .......... 70

2.2. Нақши миёнаравӣ дар раванди ба танзим овардани низои байни тоҷикон .......... 94

2.3. Нақши акторҳои хориҷӣ дар ҳалли низои дохилии Тоҷикистон .......... 117

**Хулоса** .......... 133

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда** .......... 140



DENOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM
№ 30926

# ПЕШГУФТОР

Рушду инкишофи равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ мавҷудияти минтақаро бори дигар тақвият мебахшад. Айни замон минтақа унсури муҳимтарини сохтори сиёсӣ ва унсури тартиботи нави ҷаҳонӣ махсуб меёбад. Дар маҷмӯъ, дар ҷаҳони муосир минтақа ҳамчун унсури муҳимтарини ба таври уфоқӣ ташкил ёфтани ҷомеа хеле аҳамиятнок гардидааст. Паст гардидани нақши давлатҳои миллӣ дар ташкили равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ бо дарназардошти воқеияти давру замон зарурияти аз сари нав ташкил додани ҳаёти иҷтимоиро тақозо менамояд.

Бояд гуфт, ки фурӯпошии системаи ҷаҳонии сотсиализм, пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва дар ҳудуди он ба вуҷуд омадани давлатҳои тозаистиқлол на танҳо харитаи сиёсии ҷаҳонро ба тағйирот рӯ ба рӯ намуд, балки дигаргуниҳои геостратегии сатҳи ҷаҳониро ба вуҷуд овард, ки дар низоми муносибатҳои байналмиллалӣ марҳилаи нави таърихӣ махсуб меёбад. Гузариш аз тартиботи куҳнаи ҷаҳонӣ ба тартиботи нав ба таври нохушоянд муносибатҳои сиёсиро ба тағйирот дучор намуда, на танҳо муносибатҳои байнидавлатӣ, балки муносибатҳои ҷамъиятии дохилии ҳар як мамлакатро дигаргун сохт ва дар натиҷаи зиёд гардидани ихтилофотҳо, ноустуворӣ ва низоъҳои иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд оварад.

Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар шароити муосир афзоиш ва паҳншавии низоъҳои дар сатҳи минтақа ба амалоянда, ки онҳо чи дар фазои сиёсии ҷаҳон ва чи дар фазои сиёсии мамлакати алоҳида ба мушоҳида мерасанд, онҳоро ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини таҳқиқоти илмию назариявӣ табдил додааст. Бинобар ин, низоъҳо ҳамчун шакли зоҳиршавии муносибати байнидавлатӣ ба таври доимӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд. Омӯзиши таъсири низоъҳо, бӯҳронҳо ва ҷангҳо ба низоми муносибатҳои байналмиллалӣ ва муайян намудани сабабҳои баамалоии онҳо бо мақсади танзими муносибатҳои байнидавлатӣ ва муносибатҳои дохилии мамлакат зарур дониста мешаванд. Таҳдиди зиёд гардидани минтақаҳои низоъангез диққати олимону муҳаққиқонро пайваста ба худ ҷалб менамояд. Онҳо бештар ба сабабҳои пайдоиши низоъҳо, раванди ташкилёбии онҳо, рафтори иштирокчиёни низоъ, инчунин натиҷаҳо ва пайомадҳои низоъ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Масъалаи низоъҳои минтақавӣ ва танзими онҳо доимо дар маркази диққати созмонҳои байналмиллалӣ қарор дорад. Аз ҷумла, СММ, САҲА, Ассамблеяи Генералӣ ва Шӯрои Амнияти СММ, Котиби Генералии СММ ба масоили пешгирию ҳалли низоъҳои минтақавӣ диққати махсус зоҳир менамоянд. Инчунин, ба масъалаи мазкур сиёсатмадорон ва дипломатҳои сатҳи ҷаҳонӣ низ таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд. Бо ёрии маълумотҳое ки дар раванди таҳқиқи бонизоми низоъҳо ба даст оварда шудаанд, барои танзими низоъҳои мазкур муносибати мувофиқро муайян кардан мумкин аст. Махсусан, зери назорат қарор додани авзоъ ва имкони ояндабинии пайдоиши низоъҳои нав имкон медиҳанд, ки таъсири манфии низоъҳои минтақавӣ пешгирӣ карда шуда, устувории ҷомеаҳои алоҳида ва ҷомеаи ҷаҳонӣ нигоҳ дошта шавад.

Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот инчунин бо равандҳои оштинопазири этникии минтақаи Осиёи Марказӣ ва равандҳои сиёсии оштинопазири Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок мегардад. Бояд гуфт, ки низоъҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар аксар маврид бинобар сабаби озурдагию ранҷишҳои замони гузашта, дискриминатсияи идомаёбандаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, дар баъзе аз мавридҳои дигар дар зери таъсири рушди иқтисодӣ ва модернизатсияи давлатҳои алоҳидаи ин минтақа ба амал меоянд. Масоили низоъҳои минтақавӣ ва шароитҳои этникии пайгирикунандаи ин минтақа таваҷҷуҳи ҳам сиёсатмадорон ва ҳам олимонро ба худ ҷалб намудаанд.

Тӯли даҳ соли охир шумораи олимоне, ки ба омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои низоъҳои минтақавӣ машғуланд, хеле афзудааст. Диққати бештар додан ва саривақт таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба вазъияти низоии минтақаҳои алоҳида бо равандҳои оштинопазир асоснок карда мешавад. Пеш аз ҳама, аз як минтақа ба минтақаи дигар гузаштани падидаҳо ва равандҳои оштинопазир, ки дар пайи худ низоъҳои минтақавиро ба вуҷуд меоваранд, сабаби асосии ин гуна таваҷҷуҳ мебошад. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки олимон, ба монанди Курганян С.Г., Чагилов В.Р., Калинкина И.В., Доева А.Н., Глухова А.В., Доленко Д.В. ва дигарон дар асарҳои илмию таҳқиқотии хеш ба омӯзиши моҳият, хусусият ва гуногунрангии низоъҳои минтақавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Дар миёни таҳқиқоте, ки дар онҳо низоъҳои минтақавӣ дар ҳошияи танзимнамоӣ ва идоранамоии вазъияти низоангез мавриди омӯзиш қарор мегиранд, асарҳои илмии олимон: Санов И.В., Доленко Д.В., Колба А.И., Гридчин А.А., Степанов Е.И., Штанко М.А., Бушков В.И., Микулский Д.В., Иванов С.М., Журавел В.П., Пряхин В.Ф. ва дигарон. мавқеи махсусро ишғол намудаанд.

Дар Тоҷикистон баррасии паҳлуҳои гуногуни низоъҳо дар давраи бозсозӣ оғоз гардидааст. Бояд гуфт, ки омӯзиши ин масъала бевосита дар алоқамандӣ бо равандҳое анҷом дода шудааст, ки дар ҷомеаи ҳамонвақта ҳукмфармо буданд. Маҳз дар заминаи омӯзиши воқеаҳои баамаломада дар илмҳои иҷтимоию сиёсӣ оид ба омӯзишу баррасии низоъҳо таҷрибаи кофии назариявию методологӣ ба вуҷуд омад. Қайд намудан бамаврид аст, ки то солҳои 90-уми қарни гузашта чи дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ ва чи дар Тоҷикистон масъалаи низоъҳои сиёсӣ мавзӯи муҳим ба шумор намерафт ва аз ин рӯ ба омӯзиши он чандон диққати ҷиддӣ зоҳир намегардид. Бинобар ин, танҳо дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти омӯзиши низоъҳои сиёсӣ заминаи илмию



назариявӣ ба вуҷуд омада ва аз ҷониби як қатор олимони ватанӣ корҳои илмию таҳқиқотӣ нашр гардиданд. Дар қатори онҳо асарҳои илмии Г.Н. Зокиров, А.Н. Маҳмадов, А.Муҳабатов, А.Х.Самиев, М.У. Хидирова, А. Искандаров, С.С. Фаттоев, Р.Ш. Нуриддинов, М. Олимов, А. Имомов ва чанде дигарон аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд.

Бояд қайд, ки баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон як гурӯҳ олимони ватанӣ ва хориҷӣ кӯшиш намудаанд, ки низои сиёсии мамлакатро таҳлил ва таҳқиқ намоянд. Дар ин самт олимону муҳаққиқони ватанӣ Раҷабов С.А., Ашуров М.К., Олимова С., Ҳайдаров Р.Ҷ., Расулов К., Раҳматуллоев Э., Маҳмадов П.А., Ниёзов С.О., Сафаров Р.Ф. корҳои назаррас анҷом додаанд.

Ҳамаи асарҳои илмии номбаршуда барои баррасии масъалаҳои вобаста ба низоъ ва ҳолати низоангези ҷомеа аҳамияти назариявию амалӣ доранд. Аммо бояд махсус таъкид намуд, ки як қатор масъалаҳое, ки бо таҳқиқи низоъҳои ҷомеаи пасошӯравӣ алоқамандáнд, то ҳанӯз ба таври мукамал мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода нашудаанд. Аз ин рӯ, ба шумораи зиёди асарҳои дар ин самт чопшуда нигоҳ накарда, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки масъалаи мазкур ба таҳлилу омӯзиши доимӣ ниёз дорад.

# БОБИ 1. НИЗОЪҲОИ МИНТАҚАВӢ: ОМИЛҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГӢ

## 1.1. Мафҳум, омилҳо ва меъёрҳои асосии сарзадани низоъҳо

Дар илми сиёсӣ шуморида мешавад, ки демократия шароитро барои институтсионализатсияи низоъҳои сиёсӣ фароҳам оварда, омузиши онро вобаста бо режимҳои сиёсӣ таъмин менамояд. Режимҳои авторитарӣ ба танзими бархӯрдҳои сиёсӣ, нигоҳ доштани онҳо дар доираи институтҳои муайян мусоидат накарда, чун қоида, низоъҳои сиёсиро фурӯ нишонида, ниҳонӣ будани онро дастгирӣ менамоянд.

Низоъҳое, ки дар шаклҳои ғайриинститутсионалӣ пайдо мешаванд, метавонанд сабаби бӯҳрони системаи сиёсии ин ё он ҷомеа гарданд.

Давлатҳое, ки дар раванди гузариш аз тоталитаризм ба режими демократӣ қарор доранд, бештар ба низоъҳои мусаллаҳона ва зӯроварона ворид мешаванд. Раванди демократикунонӣ ба низоъҳои зиёди сиёсӣ (аз он ҷумла, низоъҳои яроқнок) оварда мерасонад. Амалҳои зӯроварона, миллатгароӣ, рӯҳияи низомӣ дар натиҷаи он пайдо мешаванд, ки сиёсатмадорон кӯшиш менамоянд онҳоро барои ба даст овардани дастгирии омма, нигоҳ доштани ҳокимият ва ғайра истифода намоянд.

Илми сиёсии муосир ба коркарди асосҳои консептуалии омӯзиши вазъияти низоӣ диққати махсус зоҳир менамояд, мафҳуми «низоъ» бошад, ба таври кофӣ дар таҳқиқотҳои раванди сиёсии замони муосир истифода мешавад.

Дар замони муосир масоили низоъ дар садри ҳаёти дохилӣ ва байналмилалӣ қарор дорад. Дар алоқамандӣ бо



ин, муҳаққиқи тоҷик А.Н. Маҳмадов қайд менамояд, ки «таҳқиқи низоъҳо дар доираи сиёсатшиносӣ нисбат ба дигар давраҳо муҳимтар гардидааст, зеро дар ҳаёти сиёсӣ на танҳо пешбинии низоъҳо ва танзими онҳо амалӣ мегардад, балки ба сифати воситаи рушд истифода мегарданд».[1]

Тавре маълум аст, дар замони ҳозира миқдори зиёди асарҳое нашр гардидаанд, ки ба низои байни тоҷикон бахшида шудаанд ва дар онҳо сабабҳои сарзадани он тасниф шуда, чараёни ҳодисаҳо таҷассум гардидаанд.

Дар воқеъ, миқдори зиёди ин корҳо хосси услуби рӯзноманигорӣ, адабиёти ёддоштӣ ва инчунин корҳои дорои хусусияти таҳқиқотӣ ва ташхисӣ мебошанд. Адабиёти таҳқиқотиву ташхисӣ дар заминаҳои мухталифи методологӣ асос ёфта, мувофиқи он муносибатҳои гуногун, дар баъзе ҳолатҳо, ҳатто муносибатҳои куллан мухолифи низои байни тоҷикон пешниҳод шудаанд.

Мутаассифона, ба ғайр аз адабиёти ёддоштӣ ва маводи рӯзноманигорӣ, инчунин ба истиснои асарҳои С.С.Фаттоев, С.Кенҷаев, Х.Насриддинов, И.Усмонов ва К. Абдулов, дигар корҳои таҳқиқотӣ, ки низои байни тоҷиконро ба таври маҷмӯӣ, ҳамаҷониба ва бо тамоми ҷузъиёташ ташхис намуда бошанд, вуҷуд надоранд.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, дар ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон, як навъ номафҳумӣ, муаммо ва хусусияти берун аз қонун ба назар мерасад. Бешубҳа, якрангии таҳлил, ба инобат нагирифтани як қатор ҷанбаҳои низоъ, коршиносонро мӯътақид месозад, ки ҳалли низоъ, яъне аз байн бардоштани сабабҳои сохтории он ғайриимкон буда, танҳо фурӯ нишондани зуҳуроти алоҳидаи он ё кӯшиши идораи он мумкин аст. Дар баробари ин қайд намудан зарур аст, ки имрӯз маълумотҳои зиёде ҷамъоварӣ шудаанд, ки ҷанбаҳои мухталифи масъаларо тавзеҳ медиҳанд. Дар асоси ин

[1] Махмадов А.Н. Социология конфликта. Учебное пособие. – Куляб: Сада, 1995. – С.3.

маълумотҳо таҳлили маҷмӯии низои байни тоҷикон амалӣ гардида, методҳои мувофиқи ҳалли он дарёфт карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки дар илмҳои иҷтимоиву сиёсӣ падидаи «низоъ» ҳамчун шакли субъективии мавҷудият ва рушди ихтилофотҳои объективии раванди ҷамъиятӣ тасниф карда мешавад. Агар, нисбатан мушаххастар баён намоем. Низоъ ин бархӯрд, мувофиқ набудан ва ихтилофоти манфиатҳо, амалҳо, ақидаи шахсиятҳои алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синфҳо, ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ, давлатҳо, минтақаҳо ва мақомоти онҳо, системаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад.

Дар ҳар як низоъ тибқи ақидаи аксарияти муҳаққиқон, нақши калидиро ихтилофотҳои иҷтимоӣ мебозанд, ки ҳамеша дар шакли субъективӣ рӯйпӯш карда мешаванд.[2]

Агар чунин тасдиқотро нисбати низои байни тоҷикон дар солҳои 90-уми асри XX истифода намоем, пас ошкор мегардад, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар назди собиқ ҷумҳуриҳои дар ҳайати он роҳ ва имкониятҳои воқеии гузариш аз системаи тоталитарӣ ба режими демократӣ кушода мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори онҳо дохил аст.[3]

Дар шароити ҷаҳонишавӣ низоъҳои минтақавӣ ба воситаи самараноки мубориза барои нигоҳ доштан ва васеъ намудани манфиатҳои ҳам кишварҳои абарқудрат, ҳам сохторҳои мухталифи сиёсӣ ва иқтисодии фаромиллӣ мубадал гардидаанд. Аз тарафи дигар, низоъҳои минтақавӣ дар шароити муосир ҳамчун эпифиноменӣ раванди

[2] Ниг.: Фаттоев С.С. Социально-политические конфликты и их особенности в условиях трансформации общества (на материалах Республики Таджикистан): автореф. дис. … д-ра филос. наук. –Душанбе, 2012. –С.15.

[3] Холмуродова З.И. Теоретические основы анализа проблемы межтаджикского конфликта и его особенности // Известия Института философии, политологии и права АН РТ. –2015. –№4. –С.72.



фурӯпошии давлатҳои бисёрҳайата ифода гардидаанд ва паидаи ба ҳадди ақал расидани нақши институти давлати миллӣ дар сиёсати дохилии онро, ки хосси ҷаҳонишавӣ мебошад, пурзӯр менамояд.[4]

Илова бар ин, рушди равандҳои сиёсии минтақавӣ дар назди муҳаққиқон мақсад ва вазифаҳоро барои омӯзиши моҳият, хусусиятҳо ва навъҳои зуҳуроти онҳо пешниҳод менамояд. Солҳои охир, теъдоди муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши масъалаҳои минтақавӣ, махсусан, таҳқиқи низоъҳо машғуланд, афзудааст. Чунин шавқмандии илмӣ майли зиёд ба омӯзиши падидаи мазкур дар равандҳои гузаришу трансформатсионӣ ниҳон аст, ки дар давраи кунунии рушд дар минтақаҳои алоҳидаи ҷаҳон ба миён омадаанд ва ё ба миён омада истодаанд. Яке аз муҳаққиқони вазъияти низоӣ С. А. Раҷабов оид ба мафҳуми «низоъ» муҳокимаронӣ намуда, қайд кардааст, ки мафҳуми «низоъ» дар асоси худ баҳс ва ихтилофотро дар назар дорад. Низоъшиносон дар қатори ин дигар низоъҳоро ҷудо менамоянд, ки дар онҳо ба тариқи дақиқ ихтилофот муқаррар нашудаанд:

- низои тасодуфӣ ё шартӣ – вақте, ки муносибатҳои низоӣ дар асоси тасодуф ва шароитҳои ба осонӣ тағйирёбанда ба вуқуъ меоянд.

- низои нодуруст сабтгардида – вақте ки муносибатҳои низоӣ на ба он тарафҳое, ки дар байни онҳо низои воқеӣ пайдо мешавад, нисбат дода мешавад;

- «низои ниҳонӣ», вақте ки муносибатҳои низоӣ дар асоси сабабҳои объективӣ бояд ҷой дошта бошанд, лекин мубрам арзёбӣ намегарданд;

[4] Ниг.: Чагилов В.Р. Политические детерминанты этнорегионального конфликта: теоретико-методологические аспекты // Региональные конфликты в контексте глобализации и становления культуры мира: Сборник научных материалов. –Ставропол: Изд-во СГУ, 2006. – С. 53.

- «низои бардурӯғ» – низое, ки асосҳои объективӣ надорад ва дар натиҷаи тасаввуроти бардурӯғ ва ё иштибоҳ пайдо мешавад.[5]

Дар сатҳи умумимиллӣ сарҳадоти минтақа аллакай дигар натанҳо бо нишондиҳандаҳои географӣ, балки нишондиҳандаҳои этникиву фарҳангӣ муайян карда мешаванд. Дар чунин ҳолат, бешубҳа хусусиятҳои географии фазоии низои баррасишаванда устувор боқӣ мемонанд ва дар таҳлили имконпазир на танҳо вазифаи дескриптивӣ, балки вазифаи таҳлилиро низ иҷро менамоянд. Дар сатҳи умумимиллӣ низои минтақавӣ метавонад на танҳо ба сифати субъектҳо гурӯҳҳои мухталифи этникиро дар бар гирад, балки низоъ метавонад дар байни намояндагони як этнос низ ба вуқӯъ ояд. Чун қоида, низои минтақавии сатҳи умумимиллӣ - ин низои сиёсӣ аст, ҳатто агар ба он ягон гурӯҳи этникие кашида шуда бошад, ки ба ҳокимияти марказӣ ихтилофот нишон медиҳад. Масалан, низои чеченҳо низои минтақавии сатҳи умумимиллӣ мебошад.

Низои минтақавии сатҳи маҳаллӣ бо истилоҳоти географӣ бо мақсади маҳдуд намудани фазоии он тавсиф меёбад. Дар шакли аслӣ – ин низои байниэтникии навъи этникиву минтақавӣ аст. Ба он гурӯҳҳои этникие кашида мешаванд, ки бархӯрди байни онҳо метавонад дар асоси сабабҳо ва омилҳои мухталиф пайдо гардад.[6]

И.В. Калинкина ва А.Н. Доева дар китоби «Низоъшиносии минтақавӣ» қайд менамоянд, ки низоъҳои минтақавӣ яке аз навъҳои низои иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд. Низоъҳои иҷтимоӣ, ин низоъҳое мебошанд, ки дар ҷомеа пайдо шуда, бо мубориза барои арзишҳо ва бо иддао барои ба даст овардани мавқеи ҳокимият ва дастрасӣ ба захираҳо алоқаманд мебошанд, ки дар ҷараёни ин мубориза ҷонибҳо таъсири якдигарро бе асар мегардонанд, ба якдигар зиён мерасонанд ва ё якдигарро бартараф менамоянд.

Ҳамин тариқ, низоъҳои минтақавӣ низоъҳои иҷтимоии байни иштирокчиёни бо сарҳадоти маъмурӣ дар доираи як давлат тақсимшуда, инчунин низоъҳои байни марказ ва минтақаҳо мебошанд. Ба низоъҳои иҷтимоӣ ба тариқи ҳатмӣ хусусиятҳои фазоӣ ва ҷалби миқдори зиёди одамон хос мебошад. Асоси низоъҳои минтақавиро ихтилофот дар соҳаҳои иқтисодиёт, сиёсат, дин, идеология ташкил медиҳад ва онҳо чун қоида, дар радифи бархӯрди милливу этникӣ ва динӣ сурат мегиранд. Чунин низоъҳо дорои хусусияти дурру дароз буда, ба системаи муносибатҳои байналмилали таъсири бе восита мерасонанд.[7]

А.В. Глухов низоъҳои минтақавиро бо дар назардошти се ҷиҳати бунёдӣ таҳлил менамояд:

- якум, дар сиёсати минтақавӣ тамоюлоти таъсиррасонии ҷаҳонӣ инъикос меёбанд;

- дуюм, аксарияти низоъҳои сиёсии минтақавӣ ба тариқи функсионалӣ бо равандҳои умумифедеративӣ алоқаманд мебошанд;

- сеюм, ҳар як минтақа дорои сарчашмаҳои худ ва навъи бартаридоштаи низоъҳо мебошад, ки дар онҳо низоъҳои сиёсӣ нисбатан системавӣ ба ҳисоб меравад.[8]

Мувофиқи ақидаи И.Тсанов «низои минтақавӣ, навъи ҳамгирой низои иҷтимоӣ мебошад, ки соҳаҳои асосии фаъолияти ҷамъиятиро фаро гирифта, дар сатҳи сиёсиву

5 Ниг.: Раджабов С.А. Международно-правовые аспекты урегулирования вооруженного конфликта в Таджикистане. – Душанбе, 2011. – С.13.
6 Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 53-54.

7 Ниг.: Калинкина И.В., Доева А.Н. Региональная конфликтология. – Ярославль, 2009. – С.13.
8 Ниг.: Глухова А.В. Политические факторы региональной конфликтологии // Социальные конфликты: экспертиза, прогнозирование, технологии разрешения. –Вып. 19. –М., 2004. –С.53.

географӣ зоҳир мегардад».[9] Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки хусусиятҳои назарраси асосии низоъҳои минтақавӣ, ки ба инобат гирифтани онҳо зарур аст, инҳо мебошанд:

- якум, низоъҳои минтақавӣ дорои хусусиятҳои интегративӣ мебошанд, яъне онҳо аз рӯйи сифат фарқ намуда, дар худ ҷиҳатҳои мураккаби печдарпечи ба якдигар таъсиррасонандаи сиёсӣ, иқтисодӣ, этникӣ, мазҳабӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, психологӣ, экологӣ ва ғайраро таҷассум менамоянд;

- дуюм, низоъҳои минтақавӣ, чун қоида, бо ангезаҳои таърихӣ ва равандҳои гузаштаи таърихӣ муайян карда мешаванд, яъне одатан низоъҳои нав ба вуқӯъ омада намебошанд, балки низоъҳое мебошанд, ки заминаҳои таърихӣ ва ё ниҳонӣ доранд ва дар сатҳҳои гуногун ба вазъият, динамика ва зуҳуроти он таъсир мерасонанд;

- сеюм, низоъҳои минтақавӣ дар аксарияти ҳолатҳо бо якчанд омилҳои асосӣ муайян карда мешаванд: а) номутобиқатии минтақавии дорои хусусиятҳои мухталиф; б) нокифоягии захираҳо ва мубориза барои аз нав тақсимкунии онҳо; в) коэволютсияи рушди воҳидҳои мухталифи сиёсиву географӣ ва ҳудудӣ. Дар ин ҳолат зери мафҳуми «коэволютсия» ҳаракатҳо ва сатҳҳои гуногуни рушди воҳидҳои сиёсиву географии нишондодашуда фаҳмида мешавад; г) фарқияти этникӣ ва мазҳабӣ. Фарқиятҳои этникӣ ва мазҳабӣ на ҳама вақт худро зоҳир мекунанд, зуҳуроти онҳо, пеш аз ҳама, бо ягонагии ҳудуд ба маънои ягонагии этникӣ - конфессионалӣ алоқаманд аст.[10]

---

[9] Цанов И. Управленческие решения и региональные конфликты // Региональные конфликты в контексте глобализации и становления культуры мира: Сборник научных материалов. –Ставрополь: Изд-во СГУ, 2006. – С. 350.
[10] Цанов И. Управленческие решения и региональные конфликты // Региональные конфликты в контексте глобализации и становления культуры мира: Сборник научных материалов. –Ставрополь: Изд-во СГУ, 2006. – С. 350-351.



Д.В.Доленко оид ба моҳияти низоъҳои минтақавӣ муҳокимаронӣ намуда, қайд менамояд, ки «тамоми низоъҳои хусусияти минтақавӣ дошта, дар ниҳояти кор бо масъалаҳои сиёсиву ҳудудӣ, яъне бо масъалаи ҳокимият дар ҳудуди муайян алоқамананд. Ҷудо кардани қисмҳои алоҳидаи ҳудуди кишвар, ҳамроҳ намудани ҳудуд ба давлат, барқарор намудани ҳокимият дар ҳудудҳои берун аз тахти назорат қарор дошта даъвои ҳокимият дар ҳудуди алоҳида, иваз гардидани ҳокимият дар ҳудуди муайян – зуҳури табиати низоъҳои минтақавӣ ба ҳисоб мераванд».[11]

Низоъҳои минтақавӣ ва макроминтақавӣ ба сатҳи умумидавлатӣ мебароянд, агар онҳо масъалаҳои заминавии мавҷудият ва рушди давлатро фарогир бошанд, ба амният ва устувории давлат таҳдид намоянд. Низоъҳои минтақавӣ гуфта чунин низоъҳоеро меномем, ки дар ҳудуди як субъекти ин ё он минтақа маҳдуд гардидааст, ки рушди он то ин ё он андоза ба вазъияти дигар субъектҳо таъсир мерасонад. Чунин низоъҳо дар раванди рушди худ метавонанд сифатҳои навро касб намоянд, бо низоъҳои сатҳҳои дигар якҷоя амал намоянд.[12]

Низои байни тоҷикон, ки дар аввал дорои шакли ғайризӯроварии ихтилофоти шаҳрвандӣ буд, ғайри чашмдошт барои аксарият ба муқовимати мусаллаҳона мубаддал гардид. Заминаҳо, решаҳо ва сарчашмаҳои он имрӯз ба тариқи мухталиф тасниф карда мешаванд. Як гурӯҳ онҳоро ҳамчун муборизаи геополитикии бозингарони бузург медонанд. Дигарон бошанд, чунин мешуморанд, ки сабабҳои низоъ бо нокифоягии захираҳо ва ғайра алоқаманд аст.

С.А.Раҷабов чунин мешуморад, ки «ихтилофоти байни тоҷикон, тибқи ақидаи аксарияти сиёсатшиносон, аз та-

---

[11] Доленко Д.В. Региональные конфликты в современной мировой политике // Социально-политические науки. –2011. –№1. –С. 135.
[12] Колба А.И. Региональный конфликт: проблемы дефиниции и управления // Человек. Сообщество. Управление. –2006. –№4. –С.107.

моми низоъҳои дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба миён омада, яке аз низоъҳои мураккабтарин ва мушкил ҳалшаванда ба ҳисоб мерафт. Бо як қатор хусусиятҳои хос фарқ карда, низои байни тоҷикон, дар баробари ин дорои аксарияти нишонаҳое буд, ки хосси низоъҳои дар вақтҳои охир бавуқӯъомада новобаста аз макони ҷойгиршавии онҳо дар харитаи географӣ, мебошад».[13]

Навъи дигари низои минтақавӣ низои этникиву минтақавӣ ба ҳисоб меравад, ки ба равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир ва мавқеи минтақавии давлатҳо таъсир мерасонад. В.Р.Чагилов низои этникиву минтақавиро таҳлил намуда, онро ҳамчун навъи низои иҷтимоӣ муайян намудааст ва моҳияти ин падидаро аз рӯйи якчанд аломат тасвир намудааст. Мувофиқи ақидаи ӯ, низои этникиву минтақавӣ, ин якум, хосияти ҳар як ҷомеаи муташаккили гуногунтаркиби одамон аст, ки дар он таркиби сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиву институтсионалии муносибатҳои иҷтимоӣ дорои сатҳҳои мухталифи ифодаи номутаносибӣ дар дастрасӣ ба истифодаи захираҳои ҷамоа аз тарафи гурӯҳҳо мебошанд.

Дуюм, номутаносибӣ байни гурӯҳҳои этникӣ дар назорат аз болои захираҳои минтақа ва ҷомеа умуман, дар маҷмӯъ, муносибатҳои этникиву минтақавиро ба тариқи амудӣ бунёд намуда, гурӯҳҳои этникиро ба гурӯҳи ҳукмфармо ва миноритарӣ ҷудо менамояд. Сеюм, ратсионализатсияи низои этникиву минтақавӣ ҳамчун воситаи ҳалли он унсури ирратсионалии бархӯрди байни этникиро, ки дар сохтор ва мундариҷаи мансубияти этникӣ ҷой дорад, истисно намекунад.

Сохтори мансубияти этникӣ, ягонагии худдаркунии гурӯҳ ва шахсиятро дар равандҳои мусовии худмуайянкунӣ ва пайдарпайи худмуайяннамоӣ дар равандҳои диахрониро нигоҳ дошта, унсурҳоеро фаро мегирад, ки тарҳи мусбӣ ва

[13] Раджабов С.А. Международно-правовые аспекты урегулирование вооруженного конфликта в Таджикистане. –Душанбе, 2011. –С.36.



манфии ҳамбастагии байниэтникиро бунёд менамоянд. Гузариш аз низои байниэтникӣ ба низои этникиро метавон ҳамчун давраи нисбатан вазнин баррасӣ кард. Дар чунин ҳолат истифодаи зӯрӣ бо мақсади ҳалли низоъро метавон дуруст ҳисобид.

Чорум, низои этникиву минтақавӣ дар ҳолати ҳалли пайдарпайи парадигмаи демократӣ, ногузир ба рушди рӯҳ ва институти демократия мусоидат менамояд.[14]

Дар воқеъ, низои минтақавии сатҳи маҳаллӣ бо истилоҳоти географӣ бо мақсади маҳдуд намудани ҳудуди он тавсиф дода мешавад. Лекин дар асл ин низои байниэтникии навъи этникиву минтақавӣ аст. Ба он гурӯҳҳои этникӣ ҷалб карда мешаванд, ки бархӯрди байни онҳо дар заминаи сабабҳо ва омилҳои мухталиф ба миён меояд.

Дар чунин ҳолат, ба андешаи мо, сабабҳои асосии тезутунд гардидани низоъҳои байниэтникӣ дар аксарияти соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ҷомеа, давлат ҷой доранд. Лекин, тавре амалия нишон медиҳад, ҳеҷ як сабаб дар алоҳидагӣ наметавонад бе восита ба низоъ оварда расонад. Танҳо дар ҳолати асаргузарии сабабҳои дигар дар шароити мувофиқ, пайдо гардидани таъсири кумулятивӣ имконпазир аст, яъне пайдо гардидани чунин сатҳи хатарнок, ки гузариш аз миқдор ба сифат таъмин мегардад ва дар ниҳояти кор бевосита ба вазъияти низоги оварда мерасонад.

Таҳлили низоъҳои минтақавӣ имконият медиҳад, ки гурӯҳҳои зерини оқибатҳои манфӣ ҷудо карда шаванд: демографӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, геополитикӣ, иҷтимоӣ ва иҷтимоиву психологӣ. Оқибатҳои демографӣ дар ду навъ зоҳир мешаванд: а) дар талафоти ҷонӣ; б) дар муҳоҷирати иҷбории аҳолӣ. Чун қоида, иқтисодиёти харобгардида, гуруснагӣ ва қашшоқӣ, оқибатҳои иқтисодии низоҳои

[14] Ниг.: Чагилов В.Р. Политические детерминанты этнорегионального конфликта: теоретико-методологические аспекты // Региональные конфликты в контексте глобализации и становления культуры мира: Сборник научных материалов. –Ставрополь: Изд-во СГУ, 2006. –С. 53-54.



DENOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM
№ 30926

минтақавӣ ба ҳисоб мераванд. Оқибатҳои сиёсӣ дар муташаннич гардидани институтҳои давлатдорӣ, ки демократия ва қонуниятро таъмин менамоянд, риоя нагардидани ҳуқуқи инсон, пурра ё қисман аз даст додани истиқлолияти сиёсӣ зоҳир мегарданд. Оқибатҳои геополитикӣ дар тағйирёбии мутобиқати қувваҳо дар саҳнаи байналмиллалӣ, дигаргун шудани хусусияти муносибатҳои байнидавлатӣ зоҳир мегарданд. Оқибатҳои иҷтимоии низоъҳои минтақавӣ, пеш аз ҳама, дар бад гардидани вазъи иҷтимоии аҳолӣ, боло рафтани сатҳи ҷинояткорӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ зоҳир мегардад. Оқибатҳои иҷтимоиву психологӣ бо он вобастаанд, ки зӯроварӣ ҷузъи табиии фаъолияти ҳаётии одамон мегардад.[15]

Таҳқиқотчии дигари низоъҳои минтақавӣ А.И Колба, масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, байни мафҳуми «низои минтақавӣ» ва «низои этникиву сиёсӣ» фарқият мегузорад. Колба муътақид аст, ки айният додани мафҳумҳои «низои минтақавӣ» ва «низои этникиву сиёсӣ» асоснокшуда ба ҳисоб меравад.[16] Дар бунёди он метавонанд сабабҳои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, маъмуриву идоракунӣ ва ҳуқуқидошта ҷой дошта бошанд. Чунин низоъҳо дар минтақаҳои полиэтникӣ агарчанде дар сатҳи паст манфиати ҷамоаҳои этникиро дахл намояд ҳам, тобиши мутобиқро касб менамояд. Лекин, метавон мисолҳо овард, ки унсури этникӣ дар онҳо ба таври назарнорас ифода карда шудааст.

Тавре, маълум аст, низоъҳои этникиву сиёсӣ на ҳамеша дар сатҳи минтақавӣ ба миён меоянд, низоъҳои минтақавӣ на ҳамеша ба таври амиқ хусусияти этникиро доро мебошанд. Чунин фарқиятҳо имконият медиҳанд, ки печ дар печии мафҳумиро бартараф намуда, ба таври дақиқ предмети таҳқиқотро муайян намоем.

[15] Гридчин А.А. Повышение готовности персонала миротворческих организаций урегулированию региональных конфликтов: автореф. дис. .. д-ра соц. наук. – Орел, 2009. –С.34.

[16] Колба А.И. Региональный конфликт: проблемы дефиниции и управления // Человек. Сообщество. Управление. –2006. –№4. –С.107.



Д.В.Доленко ба қатори низоъҳои нави минтақавии замони муосир ду гурӯҳи низоъҳоро дохил менамояд:[17]

1. Низоъҳои дар ҳудуди собиқ лагери сотсиалистӣ бавуқӯъомада, ки натиҷаи гузариши сиёсӣ дар Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ва фурӯпошии давлатҳои федеративии сотсиалистӣ ба ҳисоб мераванд ва ба ин қатор низоъҳои пасошӯравӣ ва дар ҳудуди собиқ Югославия бавуқӯъомада дохил мешаванд;

2. Низоъҳои байналмиллалӣ дар Афғонистон, Ироқ, Ливия ва Сурия.

Низоъҳои дар ҳудуди собиқ лагери сотсиалистӣ бавуқӯъомада, пеш аз ҳама, дар асоси муборизаи дохилии сиёсӣ дар давлатҳои дар ҳолати гузариш қарордошта тавлид шудаанд. Низоъҳои нисбатан бузург ва тезутунди пасошӯравӣ, ки танзимнашаванда боқӣ мемонанд, низоъҳои Қарабоғи Кӯҳӣ, Абхазия, Осетияи Ҷанубӣ, Приднестровие мебошанд, ки дар асоси муборизаи сиёсӣ ба миён омада буданд ва дар онҳо як қатор неруҳои сиёсӣ ба нигоҳ доштани тамомияти арзии давлатҳое, ки онҳоро роҳбарӣ намуданд, кӯшиш менамуданд. Неруҳои дигар бошанд, кӯшиши бунёди давлатҳои нави мустақилро доштанд. Идомаи ин низоъҳо низои байни Россияву Грузия дар соли 2008 ва эътирофи Абхазия ва Осетияи Ҷанубӣ аз тарафи Россия мебошад.

Табиати низоъҳои дар ҳудуди собиқ Югославия бавуқӯъомада ба низоъҳои пасошӯравӣ монанд буд, дар ин ҷо новобаста аз ҷалби кишварҳои Ғарб, ба даст овардани ҳалли ниҳоии масъала имконпазир нагардид. Махсусан, масъалаи мақоми (истиқлолияти Косово аз тарафи Сербия эътироф нагардид) ҳал нашуда боқи монд.

Дар ниҳоят, низоъи минтақавии дар Афғонистон, Ироқ ва Сурия, бавуқӯъомада аз як тараф, бо фаъолияти

[17] Доленко Д.В. Региональные конфликты в современной мировой политике // Социально-политические науки. –2011. –№1. –С. 135.

зиддитерроristӣ ва зиддиамерикоӣ, аз тарафи дигар бо кӯшиши Америко дар самти таъмин намудани амнияти миллӣ ва манфиатҳои миллии худ, инчунин ҳимояи манфиат ва амнияти иттифоқчиёни худ ба воситаи воруди мусаллаҳона ба Афғонистон, Ироқ ва Сурия ва сарнагун намудани режимҳои ҳукмрони ин кишварҳо вобаста мебошанд.

Лекин дар ин низоъҳо ҷиҳати умумӣ ба назар мерасад: тамоми ин низоъҳо дар ниҳояти кор бо масъалаҳои сиёсиву ҳудудӣ, яъне бо масъалаи ҳокимият дар ҳудуди муайян алоқаманд мебошанд.[18] Ҷудо кардани қисмати алоҳидае аз ҳудуди давлат, ҳамроҳ намудани ҳудуди муайян ба давлат, барқарор намудани ҳокимият дар ҳудудҳои берун аз таҳти назорат қарор дошта, даъвои ҳокимият нисбат ба ҳудуди муайян, иваз намудани ҳокимият дар ҳудуди муайян – хусусиятҳои аслии ин низоъҳо ба ҳисоб меравад.

Дар чунин ҳолат номувофиқат дар муқобилати сиёсиву ҳуқуқии қувваҳо ба назар мерасад, ки танзими ин низоъҳо ё ақаллан коркарди муносибати ягонаро нисбат ба чунин танзимнамоӣ мушкил ва мураккаб мегардонанд:

1) номувофиқат дар ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ ва принсипи эҳтироми тамомияти арзии давлатҳо;

2) ихтилоф байни истиқлолияти давлатии кишварҳо ва сиёсати гуманитарӣ ё интервенсияи зиддитерроristӣ, ки дар дахолат ба корҳои дохилии давлатҳо бо мақсади танзими буҳрони гуманитарӣ ё бартараф намудани таҳдидҳои терроristӣ зуҳур меёбад.

Дар амалия ихтилоф байни принсипи тамомияти арзии давлат ва ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ дар алоқамандӣ бо ҷудоихоҳӣ ва ҳаракати сиёсӣ зоҳир мегардад, ки мақсади

[18]Ниг.: Доленко Д.В. Региональные конфликты в современном мире и проблемы их урегулирование // Гуманитарий: актуальные проблемы науки и образования. –2008. –№7. –С.15.



онҳо ба ҷудо намудани қисми ҳудуди давлат ва бунёди давлати мустақил муваффақ мебошад. Ҷудоихоҳӣ, чун қоида, ба ҳуқуқи миллат ба худмуайянкунӣ такя менамояд, давлат, ки дар ҳудуди он ҳаракатҳои ҷудоихоҳ амал менамоянд, принсипи ҳимояи тамомияти арзиро ба роҳбарӣ мегирад.

Ин ду принсип қисми ҳуқуқи байналхалқии муосир ба ҳисоб меравад. Моҳияти онҳо дар Эъломия оид ба принсипҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ баён карда шудааст, ки ба муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории байни давлатҳо мувофиқи Низомномаи СММ аз 24 октябри соли 1970 дахл дошта, ҷиҳатҳои зеринро фарогир аст:

- тамомияти арзӣ ва истиқлолияти сиёсии давлат дахлнопазиранд;

- ҳар як халқ ба худмуайянкунӣ ҳуқуқ дорад, ки воситаи амалӣ намудани он бунёди давлати озод ва мустақил, ҳамроҳ гардидан ба давлати соҳибистиқлол, барқарор намудани мақоми дигари сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Амалан, ҳар як минтақа дорои сарчашмаҳои хосси, бартарии ин ё он навъи низоъ мебошад. Пешгӯӣ ва танзими минбаъдаи онҳо танҳо бо назардошти маҷмӯи омилҳое, ки табиат, сарчашмаҳо, стратегияи рафтори иштирокчиёни низоъро дар минтақаи мазкур дар бар мегиранд, имконпазир аст.

Мутобиқан, сатҳи минтақавии таҳлили низоъҳои иҷтимоӣ ба дар маркази диққати муҳаққиқон қарор гирифтааст, зеро низоъшиносон бар ин ақидаанд, ки тасбити вазъият дар ин сатҳ метавонад ба равандҳои тасбити вазъият дар сатҳи умумимиллӣ мусоидат намояд.

Е.И.Степанов,[19] бар ин ақидааст, ки дар ҳар як минтақа дар ҳар давру замон масъалаҳое пайдо мешаванд, ки ба навъи фавқулода дохил мешаванд ва қарорҳои махсус

[19] Степанов Е.И. Управление региональными конфликтами в России: средства и способы обеспечения эффективности // Конфликтология (Ежеквартальный научно-практический журнал). –2009. –№1. –С.25.

ва захираҳои махсус, мутобиқан иттилооти махсусро барои тавсиф ва ташхис талаб менамоянд.Бинобар ин, тамоми мушкилоти минтақавӣ дар маҷмӯъ ихтилофотҳои мушаххаси минтақавиро дар бар гирифта, бояд ҳамчун мушкилоти дар оянда наздик ҳалшаванда (ба низом даровардан, паст кардани сатҳи муташаниҷ) қабул карда шаванд. Ба тариқи умумӣ, метавон масъалаҳои зерини минтақавиро ҷудо намуд:

- масъалаҳои иҷтимоиву демографӣ ва этникиву миллӣ (депопулятсияи фаъол, барзиёдии иҷтимоӣ, таҳдид ба афзоиши миллатҳои таҳҷоӣ, тағйирёбии таркиби милливу этникӣ, аз он ҷумла аз ҳисоби муҳоҷирати идоранашаванда);
- масъалаҳое, ки бо камшавии захираҳо алоқаманд мебошанд (камшавии сарчашмаҳои табиии, масалан, канданиҳои фоиданок, чарогоҳҳо, об, хурок ва ғ);
- масъалаҳои вобаста ба механизми номутаносиби ҳамкории мутақобилаи марказ ва музофотҳо, давлат дар маҷмӯъ ва қисмҳои таркибии он;
- масъалаҳое, ки дорои хусусияти геополитикӣ мебошанд (бунёди анклавҳо ва эксклавҳо, минтақаҳои низоъҳои наздисарҳадӣ) ва дар заминаи сабабҳои берунаи аз даст додани соҳаи хоҷагидории ҳудуд ба миён омадаанд (масъалаи тағйирдиҳии сохтори истеҳсолии соҳавии минтақа).[20]

Ногузирии ба миён омадани низоъҳои минтақавӣ ба тариқи пурра ошкор ва аён аст. Дар асоси он ихтилофоти объективӣ байни манфиатҳои умумӣ ва ҷузъҳои алоҳидаи он ҷой дорад. Дар авлавият қарор додани давлат ба тариқи умумӣ, на ҳамеша бо манфиатҳои минтақаҳои алоҳида мувофиқ аст. Маълум аст, ки низоми сиёсии плюралистӣ фарқият тафовути байни манфиатҳои давлат, минтақаҳои он ва ҳудудҳои маҳаллиро ба вуҷуд меорад. Мутобиқан, низои минтақавӣ ин бархӯрди ошкорои неруҳои сиёсӣ мебошад, ки дар он ҳадди ақал яке аз тарафҳои низоъ субъектҳои минтақа мебошад. Дар таҳқиқоти мазкур низоъҳои сиёсии минтақавӣ диққати моро бештар ҷалб менамоянд.

Онҳо, одатан, бо ғасби ваколатҳои ҳокимиятӣ, аз нав тақсимкунии онҳо ба фоидаи ин ё он минтақа, бо тағйири мақоми сиёсии он алоқаманд мебошанд. Низоъҳои сиёсии минтақавӣ раванди динамикӣ ба ҳисоб меравад.

Дар давраи «ҷанги сард» низоъҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ дар радифи сохтори дуқутбаи системаи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешуданд. Дар вазъияти имрӯза хусусиятҳои системаи байналмилалӣ бо душворӣ дар доираи тарҳи одии назариявӣ ҷо дода мешаванд. Бо вуҷуди ин, бе дар назардошти сохтори низоми байналмиллалӣ, ба омӯзиши низоъҳои минтақавӣ ғайриимкон аст. Инқилоб дар кишварҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ, дезинтегратсияи Иттиҳоди Шӯравӣ барои пешниҳоди фарзияҳои зиёд нисбати ин масъала таконҳои бузург доданд.[21]

Дар шароити муосир навъбандии классикии низоъ ҷудо намудани вазъияти низоӣ аз рӯйи мавқеи иштирокчиёни низоъ ба ҳисоб меравад. Дар асоси ин нишондиҳанда низоъҳои амудӣ, уфуқӣ ва омехта ҷудо карда мешаванд, ки хусусиятҳои низои амудӣ ва уфуқиро фаро мегиранд. Низоъҳои уфуқӣ асосан байни шахсон ё гурӯҳҳое, ки дар тобеияти якдигар қарор надоранд, пайдо мешаванд. Дар низои амудӣ бошад, мухолифин дар тобеияти мутақобилаи иерархӣ қарор доранд.

Бо дарназардошти иштирокчиён ва ҳудуди низоъ метавон низоъҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва маҳаллиро ҷудо намуд. Қайд намудан зарур аст, ки низоъҳои минтақавӣ, то сатҳи муайян, ба низоъҳои маҳаллӣ, бо доштани

[20] Ниг.:Ҳамон ҷо.. –С.25.

[21] Штанько М.А. Региональные конфликты в современном мире: учебное пособие. – Томск: Изд-во ТПУ, 2006. – С.61.

хусусиятҳои умумӣ монанд мебошанд. Аммо, дар баробари ин, як қатор хусусиятҳои фарқкунанда низ мавҷуданд.

Дар низоъҳои маҳаллӣ иштирокчиёни асосӣ ду неруи сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Чунин низоъҳо аз ҷиҳати ҳудудӣ маҳдуд ба ҳисоб меравад. Дар низоъҳои маҳаллӣ маҳз тарафҳои даргир иштироккунандагони асосӣ ба ҳисоб мераванд ва онҳо худ тақдир ё имконияти қатъ ё ҳал намудани низоъро муайян менамоянд.

Лекин, ин маънои онро надорад, ки неруи сеюм дар низои мазкур иштирок намеварзад. Иштироки неруҳои сеюм асосан хусусияти ғайримустақимро доро мебошад, яъне, ин неруҳо яке аз тарафҳоро, ки дар низоъ қарор доранд, дастгирӣ менамоянд.

Лекин низоъҳои минтақавӣ аз ҷиҳати ҳудуд минтақаҳои томро фаро гирифта, серсатҳа ва бисёркишра ба ҳисоб мераванд. Дар низоъҳои минтақавӣ зиёда аз ду давлат, блокҳои сиёсӣ иштирок менамоянд ва қайд намудан зарур аст, ки ҳалли низоъ аз тарафҳои даргир вобаста нест, зеро дар он неруҳои мухталифи сиёсӣ иштирок менамоянд. Аз ин рӯ, иштирокчиёни мустақими низоъ имконияти назорат ва ҳалли низоъро надоранд, зеро аз дигар қувваҳо, ки мақсад ва манфиатҳои мухолифро пайгирӣ менамоянд, вобаста мегарданд.

Ҳамин тариқ, бо устувор гардидани арзишҳои демократӣ, дар фазои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ низоъҳои зиёде ба вуқӯъ пайвастаанд. Чунин бархӯрдҳои миллӣ дар Грузия, Узбекистон, Озарбойҷон, Арманистон, Қарабоғи Кӯҳӣ, Тоҷикистон ба миён омадаанд. Метавон ки ҳодисаҳои Тбилиси, тазоҳуротҳоу гирдиҳамоиҳо дар Ереван, Алма-Ато ва Боку ҳанӯз дар охири солҳои 80-ум марҳилаҳои болоравии миллатгарой гардиданд.

Дар охири солҳои 80-ум дар Осиёи Марказӣ бархӯрди байни аҳолии ноҳияи Исфараи Тоҷикистон ва аҳолии ноҳияи Баткени Қирғизистон ба миён омад. Сабаби



бархӯрд тақсими замину об байни ин ноҳияҳо ба ҳисоб мерафт. Илова бар ин, дар ноҳияҳои мухталифи ин ду ҷумҳурии шӯравӣ байни аҳолии ноҳияҳои наздисарҳадӣ задухӯрдҳо ба миён омаданд, ки сабаби онҳо тақсимоти заминҳо, об ва чарогоҳҳо ба ҳисоб мерафтанд. Қайд намудан зарур аст, ки як қатор аз ин бархӯрдҳо то бадастории истиқлолияти Тоҷикистон ва Қирғизистон идома ёфтанд. Дар охири солҳои 80-ум ин бархӯрдҳо бо истифодаи қувва, яъне ВКД Иттиҳоди Шӯравӣ ҳал гардиданд.[22] Онҳо то ба имрӯз идома доранд.

Бояд гуфт, ки дар минтақаҳои мухталиф ҳаракатҳои этникӣ ва миллӣ аз вазъи ниҳонӣ ба сатҳи ошкоро ворид гардида, унсурҳои марказии мансубияти миллат ва давлатҳо дар фазои пасошӯравӣ гардиданд. Маҳз бозсозӣ асоси чунин равандҳо гардид, ки аз тарафи роҳбарияти кишвар барои бартараф намудани падидаҳои буҳронӣ, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар давоми мавҷудияти Иттифоқӣ Шӯравӣ фаро гирифта буд, оғоз гардида буд.

Дар асоси ҳодисаҳои дар охири солҳои 90-ум бавуқуъомада то имрӯз муносибати манфӣ ташкил ёфтааст, зеро он вақт тасаввурот, қолаб ва муқарраррот, анъана ва арзишҳои маъмуливу одатшуда, ки тӯлӣ солҳои зиёд ба ҳаёт ворид карда шуда буданд, ба тариқи муқаррарӣ амал накарда, пош хӯрданд. Аксарияти одамон дар шароити пайдоиш ва ташкили арзишҳои нав натавонистанд мақоми худро дар ҷомеа муайян намоянд. Зеро онҳо ба арзиш ва муқаррароти нав боварӣ надоштанд. Дар чунин вазъият муносибати байни неруҳои мухталифи миллӣ ба ихтилофот, бархӯрд ва низоъҳои тезутунд оварда расониданд.

Ихтилофот ва бархӯрд на танҳо байни ҳаракатҳои миллӣ ва марказ, балки инчунин байни ҳаракатҳои миллӣ

---

[22]Бушков В.И., Микульский Д.В. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (Этносоциальные процессы и политическая борьба, 1992-1996). – М., 1997. С.50-51.

низ ба амал омаданд. Дар он давра тавсифи илмии ин падида ва равандҳо вуҷуд надошт. Ба ақидаи мо, имрӯз барои таҳлили дақиқ ва амиқи раванду падидаҳое, ки дар фазои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба миён омада буданд, имкониятҳо мавҷуданд. Чунин таҳлил барои дарки беҳтари механизм, омил ва сабабҳои асосии пайдоиши низоъҳо зарур мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки чунин таҳлил танҳо бо назардошти марҳилаи пешин имконпазир аст. Дар ин давра метавон заминаҳои зиёди зуҳури масъалаи миллиро дар сатҳи нав мушоҳида намуд. Масъалаи пайдо гардидани низоъҳоро дар фазои собиқ Давлати Шӯравӣ таҳлил намуда, дарк намудан зарур аст, ки бозсозӣ ва либерализатсияи муносибатҳои сиёсӣ ҳаракатҳои миллӣ ва мушкилоти этникиву сиёсиро бунёд намуданд.

Бозсозӣ ва либерализатсияи муносибатҳои сиёсӣ танҳо имконияти ошкоро баррасӣ ва амалӣ намудани он нақшаҳо ва ниятҳоро таъмин намуданд, ки солҳои зиёд бо механизмҳои сензуравӣ ва фишороварии давлатӣ маҳдуд карда мешуданд. Барои фаъолгардии ҳаракатҳои миллӣ, то давраи бозсозӣ ва либерализатсия дар даҳсолаҳои пешина кӯшиши ташкили заминаҳои фаъолгардии ҷомеа пайгирӣ карда мешуд. Метавон як қатор омилҳоро номбар намуд, ки дар ташкили низоъҳо дар фазои шӯравӣ ва сипас дар фазои пасошӯравӣ нақши муайянкунандаро бозидаанд.

Метавон тасдиқ намуд, ки яке аз чунин омилҳо хотираи таърихӣ ба ҳисоб меравад. Нисбат ба миллатҳо чунин сиёсат амалӣ мегардид, ки дар аксарияти ҳолатҳо дорои хусусияти ихтилофнок буд. Институтҳои нави иҷтимоӣ бунёд мегардиданд, модернизатсияи муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ амалӣ мегардид, лекин, аз тарафи дигар, дар системаи шӯравӣ анъанаҳои муайяне истисно карда мешуданд ки тӯли асрҳо бақои инсоният ва рушди фарҳангҳо,



тақвияти худмуайянкунии миллатҳоро, дар навбати аввал, ҳамон миллату халқиятҳое, ки ҳуқуқи онҳо поймол шуда буданд, таъмин менамуданд. Сиёсати миллии шӯравӣ на ҳамеша ба рушди фарҳанг, забон ва анъанаҳо мусоидат менамуд. Ягонагии ҳудудӣ ва миллии халқиятҳо халалдор гардида буд. Ба хотири манфиатҳои умумӣ, манфиатҳои гурӯҳӣ поймол карда мешуданд. Қайд намудан зарур аст, ки масъалаҳои мазкур дар фазои иттилоотӣ то давраи бозсозӣ ва либерализатсияи муносибатҳои сиёсӣ низ ҷой доштанд, новобаста аз он, ки бо шиорҳои шӯравӣ оид ба дӯстии халқҳо рӯйпӯш карда мешуданд.

Вақте ки сухан оид ба низои минтақавӣ меравад, низои байни ду ё зиёда давлатҳо дар назар дошта шудааст, ки ба вазъияти минтақаи мушаххас дахл намуда, дар аксарияти ҳолатҳо бо иштироки мустақим ва ғайримустақими давлатҳои бузург ё бо ҷалби иттиҳодияҳои ҳарбиву сиёсии хусусияти байналмилалидошта ба амал меоянд.

Низои минтақавӣ метавонад ба падидаи доманадор, рушдёбанда мубаддал гардида, ба марҳилаи хавфнок расад. дар низои минтақавӣ миқёси истифодаи яроқ, аз он ҷумла яроқи қатли ом афзуда, хавфи ҷаҳонӣ шудани низоъ ва ҷалби кишварҳои дорои яроқи ҳастаӣ ба миён меояд. Низои минтақавӣ тезутундшавии муносибатҳои байналхалқиро пурзӯр менамояд. Сатҳи хавфнокии низоъҳои минтақавии муосир бо дастрасӣ ба навъҳои навтарини яроқҳои қатли омм ва имкони истифодаи онҳо алоқаманд аст.

Дар қатори низоъҳои нав, низоъҳое мавҷудияти худро идома дода истодаанд, ки аз давраи «ҷанги сард» боқӣ мондаанд, масалан, дар Шарқи Наздик («бӯҳрони сесатҳа»): 1) бо барномаи ҳастаии Эрон алоқаманд аст; 2) вазъият дар Ироқ; 3) вазъияти имрӯзаи низои арабу исроил. Шарқи Наздик ва Миёна бо сатҳи баланди низоӣ фарқ мекунанд, ки натиҷаи ихтилофоти этникӣ, динӣ, сатҳи гуно-

гуни рушд, ихтилофот бо кишварҳои хориҷӣ, низоъҳо дар Афғонистон ва Осиёи Ҷанубӣ ба ҳисоб меравaнд.[23]

Имрӯз робитаи мутақобилаи ҷаҳонишавӣ, ки ҷомеаи муосирро фаро гирифтааст ва раванди болоравии мақоми минтақаҳо тақвият ёфтааст. Баъзан, муҳаққиқони Ғарб барои тавсифи тамоюли мазкур мафҳуми «ҷаҳонишавӣ»-ро истифода менамоянд, ва ба ин тариқ ба нақши болоравандаи минтақаҳо таъкид мекунанд.

Низоъҳои минтақавӣ хусусиятҳои маҳаллии меҳнат ва ҷиҳатҳои маишӣ, фароғат ва рафтор, шуур ва ҷаҳонбинии одамонро, ки муддати тӯлонӣ дар ҳудуди муайян зиндагӣ мекунанду дорои анъанаҳои фарҳангӣ ва менталитети устувор мебошанд, таҷассум менамоянд. Хусусияти хоси минтақа хусусияти низоии минтақаро муайян менамояд. Бе он муайянкунии сифатии низои минтақавӣ ғайриимкон аст.

Минтақа ҳамеша ҳамчун ҷузъи таркибии як қисмати том баромад менамояд. Маҳз дар ҳамин қарина мо ин мафҳумро истифода менамоем. Агар минтақа вуҷуд дошта бошад, пас, ҳадди ақал марказ низ ҷой дорад, ки нисбати он мафҳуми мазкур маъно дошта, бо мундариҷаи мушаххас пурра карда мешавад. Минтақагроии ҳудуди муайян ба таври расмӣ ба тақсимоти маъмуриву сиёсии он мувофиқ аст.

Тақсимоти маъмуриву сиёсӣ бо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии мувофиқ муқаррар карда мешавад, ки асоситарини онҳо чорабинии аҳамиятноки давлатӣ, конститутсияи кишвар ба ҳисоб меравад. Дар муқарраротои қонуни асосӣ, чун қоида, дар мавриди вобаста кардани аҳоли ба ҳудуди муайян, хусусиятҳои ташкилёфтаи рушди иқтисодӣ, иҷтимоиву сиёсӣ, миллӣ, фарҳангиву таърихӣ ба инобат гирифта ме-

23 Региональные конфликты [Электронный ресурс]. – URL: http://www.geograf-stud.ru/shpargalki-po-ekonomicheskoj-geografii/217-regionalnye-konflikty.html (дата обращения: 25.12.2018 г.)



шаванд. Лекин, ҳатто дар тимсоли идеалӣ ба инобат гирифтани тамоми шароитҳои объективии имконпазир, ин равандро аз расмиятпарастӣ ва ғаризаҳо озод наменамояд. Умуман, ҳар як тақсимоти маъмуриву сиёсӣ дорои хусусияти шартӣ мебошад. Ба ин маъно, ки моҳиятан минтақагарой аз тақсимоти маъмуриву сиёсии кишвар фарқ мекунад ва байни онҳо дар аксарияти ҳолатҳо ихтилоф пайдо мешавад.[24]

Қайд намудан зарӯр аст, ки оқибатҳои бӯҳрони ҷаҳонӣ ба фаъолгардии назарраси ҳаракатҳои оммавии иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон, аз он ҷумла, дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Амрико (масалан, ҳаракати «Уолл-стритро забт намо»), Россия ва аксарияти кишварҳои Амрикои Лотинӣ оварда расонидааст. Рушд ва қувват гирифтани ин ҳаракатҳои эътирозӣ ба элитаи сиёсии кишварҳои мухталиф фишор меоварад ва дар натиҷа метавонад ба коркард ва амалӣ намудани ислоҳоти нави муҳимми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ оварда расонад. Маҳз дар ҳамин амал ҷиҳатҳои «мусбии» бӯҳрони ҷаҳонӣ таҷассум меёбанд.

Албатта, сенарияҳо ва воситаҳои мухталифи бартараф намудани натиҷаҳои бӯҳрони ҷаҳонӣ, аз он ҷумла тариқи оғоз намудани низоъ ва ҷангҳои доманадори минтақавӣ имконпазиранд. Воситаи охирин ба таври фаъол аз тарафи кишварҳои Ғарб дар Шарқи Наздик истифода шуда истодааст, лекин, тавре таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, бидуни ислоҳоти воқеии амиқи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, баратараф намудани бӯҳрон ва натиҷаҳои он дар дурнамои тӯлонӣ ғайриимкон аст.[25]

24 Демократия: конфликтность и толерантность / Под ред. В.С.Рахманина. Воронеж: Воронежский госуниверситет, 2002. –С. 122-123.

25 Новые факторы глобального и регионального развития: обострение этносоциокультурных противоречий / Под ред. Е.Ш.Гонтмахера, Н.В.Загладина, И.С.Семененка. –М.: ИМЭМО РАН, 2013. –С.12.

Низоъҳои минтақавӣ аз рӯйи оқибатҳои харобиовари худ, аз сарҳадоти ҳудудҳои маҳаллӣ ва давлат берун меравaнд. Онҳо мушкилоти гуманитарӣ ва дигар мушкилоти хусусияти байналхалқӣ доштаро ба миён меоранд. Чунин ҳолат, албатта, арзиши сулҳ ва ризоиятро дар пешгирӣ ва танзим намудани вазъияти низоӣ ва пасазнизоӣ муҳим мегардонад.

Дар омӯзиш ва баррасии низоъҳои минтақавӣ, мутахассисони соҳа беш аз ҳама, ба моҳият ва хусусиятҳои низоъҳои минтақавии пасошӯравӣ диққат зоҳир менамоянд.

Масалан, С.М.Иванов ва В.П.Журавел низоъҳои минтақавии пасошӯравиро дар Россия таҳлил намуда, таъкид менамоянд, ки яке аз сабабҳои асосии ин низоъҳо сиёсати нодурусти дохилии режимҳои ҳукмрон дар собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ нисбат ба ақаллиятҳои миллӣ ва ҳудудҳои алоҳида гардидааст. Роҳбарони нави онҳо ба муносибати боэҳтиромона бо намояндагони ақаллиятҳои миллӣ, ҷалби сарварони онҳо ба иштироки мутаносиб дар мақомотҳои марказии ҳокимият беэътиноӣ зоҳир намуда, талаботи қонунии онҳоро нисбати нигоҳ доштан ва васеъ намудани мавқеи таърихан ташкилёфтаи автономияҳо ва ҳудудҳо рад менамуданд, ҳуқуқу озодиҳои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолиро вайрон мекарданд, ки мақомоти қонунгузор ва иҷроияи автономияҳо ва минтақаҳоро ба қабули қарорҳо оид ба худмуайянкунӣ водор намуд. Дар натиҷа, давлатҳои эътирофнашуда ва қисман эътирофшуда дар фазои пасошӯравӣ пайдо шуданд. Чунин ҳолат ба воқеияти объективӣ табдил ёфт. Дар чунин вазъият пинҳон доштани мушкилоти мавҷуда, муддати тӯлонӣ нигоҳ доштани вазъияти «на ҷанг, на сулҳ» дар мавзеъҳои низоъҳои минтақавӣ, тавре ки таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ба қашшоқгардии аҳолии ҳудудҳои баҳснок, ҳатто то ба вазъияти фалокати гуманитарӣ, вайроншавии иқтисодиёт ва



инфрасохтор оварда мерасонад, ба ин ноҳияҳо террористони байналмиллалӣ, савдогарони яроқ, савдогарони маводи мухаддир, муҳоҷирони ғайриқонунӣ ва намояндагони ҷинояткории муташаккилро ҷалб менамояд.[26]

Бо дар назардошти тамоми хусусиятҳо тамоми низоъҳои минтақавӣ дар фазои пасошӯравӣ дорои заминаҳои умумии пайдоиш ва хусусиятҳои муштарак мебошанд.

Якум, ин фурӯпошии системаи сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ ва идеологии шӯравӣ, ки дар тӯли ҳафтод сол суботро дар ин фазо таъмин менамуд. Тамоми кӯшиши ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз он ҷумла дар доираи СММ ва САҲА, дар самти танзими вазъияти буҳронӣ дар Тоҷикистон, Гурҷзия, Қарабоғи Кӯҳӣ ва дар Приднестрове аз рӯйи моҳияти сиёсии худ дар ҷӯстуҷӯи омили ивазкунандаи суботи низоми шӯравӣ зоҳир мегардад.

Дуюм, душвории сатҳи фавқулода мураккаби танзим, ки аз тарафи САҲА унвони «шахшуда» -ро соҳиб шудаанд. Пас аз нисбатан зуд қатъ гардидани (бо кумаки фаъоли Россия) марҳилаи фаъол дар нимаи якуми солҳои 90-ум, ин низоъҳо ҳамчун системаҳои мураккаби динамикӣ, ба вазъияти устувори гомеостаз гузаштанд, ки онҳо бе таъсири беруна метавонанд дар чунин вазъият муддати номуайян боқӣ монанд.

Сеюм, дар низоъҳои маҳаллии пасошӯравӣ мавҷудияти мушкилоти глобалии ҷаҳонӣ зиёд ба назар мерасанд. Ин, пеш аз ҳама, афзоиши тафовути байни қутбҳои ҷаҳонии қашшоқӣ ва сарват, таркиши демографӣ ва тағйироти идоранашавандаи сохтори этникиву деомографии инсоният, хатарҳои технологияҳои навтарин, терроризм, гардиши маводи мухаддир ва ғайраҳо мебошанд, ки

[26] Иванов С.М., Журавель В.П. Региональные конфликты на постсоветском пространстве и роль России в их урегулировании // Право и безопасность. –2009. –№4 (33). –С.15.

дар онҳо мо зуҳуроти бӯҳрони умумии ҷомеаи ҷаҳониро ҳамчун система мушоҳида менамоем.[27]

Дар байни навъҳои мухталифи низои минтақавӣ низои интихоботӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад, ки омӯзиши онҳо имконият медиҳад тағйиротҳои сиёсие, ки дар минтақа рӯй медиҳанд, ташхис карда шаванд, хусусияти амал намудани режими сиёсии минтақавӣ омӯхта шавад, сатҳи сафарбарии элитаи минтақавӣ дар равандҳои сиёсии маҳаллӣ баҳогузорӣ карда шаванд. Билохира, сатҳи иштироки имконпазири омма дар ҷобаҷогузории неруҳои сиёсӣ дар доираи минтақа муайян карда шаванд. Албатта, ин танҳо дар вазъияте имконпазир аст, ки интихобот ба овоздиҳӣ барои як ҳизби сиёсӣ мубаддал нагардад.

Тавре маълум аст, чараёни интихобот асоси режими сиёсии демократиро ташкил менамояд ва бо табиати сохтори сиёсии демократӣ муқаррар карда мешавад. Рақобати солими неруҳои сиёсӣ ва ба даст овардани «тухфа» дар шакли ғолибият дар интихобот сатҳи зарурии легитимияти сиёсии мавҷуда ё ҳокимияти ба ивази он омадаро таъмин менамояд.

Хусусияти низои интихоботӣ дар сатҳи минтақа дар ҷиҳатҳои зерин зоҳир мегардад:

Якум, ин навъи низоъ давра ба давра такроршаванда ба ҳисоб меравад ва дар сатҳҳои гуногун мушкилоти шиддатноки ҷумҳурӣ, вилоят, кишварро, новобаста аз муқобилияти ҳокимияти минтақавӣ пешниҳоди ҷомеа мегардонад.

Дуюм, дар шароити ташкили «ҳокимияти амудӣ» интихобот дар легислатураи минтақавӣ, интихоботи асосӣ дар минтақа мегардад. Аз ин рӯ, муносибати оштинопазир байни рақибони сиёсӣ ба таври назаррас боло меравад.

[27] Пряхин В.Ф. Региональные конфликты на постсоветском пространстве (Абхазия, Южная Осетия, Нагорный Карабах, Приднестровье, Таджикистан). –М.: ООО «Издательство ГНОМ и Д», 2002. –С.20.



Сеюм, низои интихоботӣ мавқеи низои сиёсии минтақавиро дошта, раванди интихобот ба доираи худ иштирокчиёни сатҳи федеративиро ҷалб менамояд, ки дар нақшҳои мухталиф баромад менамоянд. Иштироки онҳо дар интихоботи минтақавӣ на ҳамеша якхела баҳогузорӣ карда мешавад.

Чорум, дигар навъҳои низоъ, ки то ин давра дар вазъияти ниҳонӣ қарор доштанд, шиддат мегиранд. Дар чунин ҳолат низои интихоботӣ нақши механизми бакорандозиро иҷро менамояд, ки раванди рақобати иштирокчиёни сиёсиро, ки бо мақсади ба даст овардани муваффақият ба мубрамгардонии мушкилоти хусусияти мухталиф дошта рӯй меоранд, оғоз мебахшад.[28]

Дар давоми ду даҳсолаи охир ҷаҳон шоҳиди зуҳуроти низоъҳои нав гардид, ки бо ихтилофотҳои байниэтникӣ, байнимазҳабӣ, сиёсӣ, ҳудудӣ ва дигар ихтилофотҳо байни давлатҳо ва дар дохили онҳо алоқаманд мебошанд. Низоъҳои минтақавӣ ё маҳаллӣ, ки дар минтақаҳои алоҳидаи сайёра ба вуқӯъ меоянд, ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш меоранд. Таҳлили оқибатҳои низоъҳои минтақавӣ имконият дод, ки як қатор гурӯҳҳои онҳо ҷудо карда шаванд: иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иҷтимоиву психологӣ ва демографӣ. Хусусият ва доираи миқёси ин оқибатҳо вазифаи пешгири намудани низоъҳои минтақавӣ ё ба онҳо бахшидани шакли муътадилу бунёдиро муҳиммгардонанд.

Дар тарҳи консептуалӣ яке аз вазифаҳои муҳим ва таъхирнопазири рушди минбаъдаи низоъшиносии ватанӣ, ҳам дар тарҳи гузариш аз ҷиҳати умуминазариявии моделсозии низоъҳои иҷтимоӣ ба самти мушаххасу консептуалии онҳо, ҳам дар тарҳи мукаммал намудани технологияҳои иҷтимоии бартараф ва танзим намудани

[28] Суслов Е.В. Выборы как разновидность регионального политического конфликта // Конфликтология. –2009. –№4. –С. 74-75.

онҳо, гузаронидани таҳқиқотҳои низоъшиносӣ аз сатҳи умумиичтимоӣ ба сатҳи минтақавӣ ба ҳисоб меравад.

Моделсозии низоъҳои минтақавӣ ҷараёни таҷассуми маҷмӯи воқеии равандҳо ва муносибатҳои низоие мебошад, ки дар минтақаи мазкур ба миён омада, вусъат меёбанд. Ба ин васила гузариши тадриҷӣ аз муқаррар намудани нишондиҳандаҳо ва вобастагиҳои одитарин, ки ҷиҳатҳои алоҳидаи вазъияти низоиро таҷассум менамоянд, ба нишондиҳандаҳо ва вобастагиҳое, ки ин вазъиятро пурра ва ҳаматарафа таҷассум менамоянд, амалӣ мегардад.

Дар ин маврид модели бадастовардашуда бояд барои истифодаи амалӣ, махсусан аз тарафи ҳамон мақомоти ҷамъиятӣ ва сохторҳои маъмурӣ, ки имконияти қабули қарорҳои машаххасро доранд, мувофиқ бошад. Барои ин, дар амалӣ намудани ин вазифа диққати асосӣ бояд ба ошкор намудан, дарк кардан ва ҳамгироии консептуалии (аз он ҷумла, бо истифода аз усули бунёди модели мувофиқ ва таҳлили сенариявӣ) омилҳои низоӣ (сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиву психологӣ, этникӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғ.), ки чунин вазъияти низоро дар муносибатҳои мутақобилаи ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоранд ва шиддат мебахшанд, ки дар минтақаҳои мухталифи кишвар, махсусан минтақаҳое, ки дар онҳо маҷбурнамоӣ ва зӯроварӣ ташкил меёбанд, ба ошкор намудани оқибатҳои амалӣ мутташанниҷкунанда ва деструктивии ин омилҳо, инчунин ба ин васила ҷустуҷӯ ва асоснокнамоии тамоми чораҳои имконпазири бартарафнамоӣ ва ба низоъҳои иҷтимоӣ нисбат додани хусусиятҳо ва шаклҳое, ки ба беҳтар намудани вазъияти иҷтимоӣ ва ҳаракати ҷомеа ба самти демократӣ равона карда мешаванд.

Дар баробари ҳалли масъалаи моделсозии низоъҳои минтақавӣ, ҳалли масъалаи моделсозии сиёсати мувофиқи таъсиррасонӣ ба онҳо зарур арзёбӣ мегардад. Дар алоқамандӣ бо ин таъкид намудан зарур аст, ки дар коркар-



ди чунин модели сиёсат нисбати пешгирӣ деэскалтсия ва танзими низоъҳои иҷтимоӣ бояд омилҳои зиёд ба инобат гирифта шаванд: якум, манзараи умумии низоъ дар минтақа, ки «омодагии низоъии аҳолӣ»-ро муайян менамояд; дуюм, давраи пешинаи таърихи низоъ, махсусан низоъҳои этникӣ, ки таърихи тӯлонии ивазшавии марҳилаҳои ошкоро ва ниҳониро доро мебошанд; таносуби омилҳои эндогенӣ ва экзогении вазъи низоъии минтақа, мавҷудияти механизмҳои воқеии таъсиррасонӣ ба омилҳои экзогенӣ; чорум, афзалиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангии субъектҳои раванди сиёсӣ, ки ба низоъ ҷалб гардидаанд ё онро танзим менамоянд, манфиатдор будани тарафҳои мухолиф барои батанзимдарории низоъ, на барои идомаи низоъ.

Модели идора кардани раванди низоъ дар сатҳи минтақавӣ бояд системавӣ бошад ва ҳадди ақал унсурҳои зерини бунёдиро фарогир бошад:

- принсипҳои илмии ояндабинӣ ва ташхиси барвақтии низоъҳои иҷтимоиву сиёсӣ, истеҳсолотӣ, ҳуқуқӣ, байни миллатҳо ва дигар низоъҳои иҷтимоӣ;
- методҳои пешгирии низоъҳо, тариқи андешидани тадбирҳои пешгирикунанда, механизмҳои бартараф намудани авҷгирии низоъ, маҳдуд намудани қобилияти деструктивии низоъ;
- технологияи деэскалатсияи низоъҳо ва инкишофи иқтидори бунёдии низоъ;
- воситаҳои танзим ва ҳалли низоъ, чорабиниҳо нисбати паст намудани умумии шиддатнокии низоӣ дар минтақа, тасбит ва ҳамоҳангсозии равандҳои ҷамъиятӣ;
- ташкили фарҳанги низоъ, ки ба вазифаҳои муосир мувофиқ буда, ба танзими бунёдӣ ва ҳалли низоъ равона карда шудааст.

Дар замони муосир мушкилӣ дар танзим ва пешгири намудани низоъҳои минтақавӣ ва тақобул бо нокифоягии

фундаменталии коркарди проблема ва методҳо алоқаманд аст, ки бо истифодаи ҳаматарафаи моделсозии назариявӣ ва таҳлили консептуалии мушкилоти низоии минтақавӣ барои мониторинги самараноки вазъияти низоӣ дар минтақаҳо, инчунин барои идоракунии самараноки онҳо дар шакли ташкили корҳои амалии хадамоти «ҷавоби босуръат» алоқаманд мебошанд.

Дар замони муосир мониторинги (назорати) низоъҳои минтақавӣ (инчунин истилоҳи «мониторинги минтақавӣ»-ро истифода мебарем) ҳамчун пойгоҳи иттилоотиву таҳлилии сиёсати минтақавӣ ва миллӣ вуҷуд надорад. Ташкил ва фаъолияти минбаъдаи чунин система (ҳамчун истифодаи он ҳангоми қабули чораҳо дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ оиди ба танзими рушди ҳудудӣ) аз ҳалли як қатор масъалаҳои баҳсноки хусусияти объективӣ ва субъективӣ доштa вобаста аст.

Зери мафҳуми мониторинги низоъҳои минтақавӣ бояд системаи махсусан ташкилшуда ва доимоамалкунанда фаҳмида шавад, ки барои ҳисоботи оморӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ, гузаронидани таҳқиқи иловагии иттилоотиву таҳлилӣ (пурсиши аҳолӣ) ва баҳогузории (ташхиси) вазъият ва самти рушд ва шиддатнокии вазъияти умумии минтақавӣ ва мушкилоти мушаххаси минтақавӣ зарур мебошад.[29]

Мушкилот дар бунёд намудани системаи мониторинги минтақавӣ дорои хусусиятҳои объективӣ ва субъективӣ мебошад. Аз ҷумлаи мушкилоти объективӣ метавон номутобиқати сохтор, сифат ва фаврияти иттилооти омориро оиди низоъҳои минтақавӣ, ки аз давраи шӯравӣ ба мерос мондаанд, ҳамчун зуҳуроти равандҳои системавии иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ, этникиву демографӣ, ки дар сарҳадоти муайяни фазоӣ маҳдуд шудаанд, номбар

[29]Ниг.: Валиулина Г. Р. Проблемы моделирования и экспертизы региональных конфликтов: дисс. … канд. соц. наук. –М., 2002. –С.76.



намуд. Унсурҳои алоҳидаи ин равандҳои системавӣ, масалан ҷамъиятиву сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин як қатор самтҳои муҳимми онҳо – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ислоҳоти мунисипалӣ, умуман ба қатори предмети омори анъанавӣ дохил намешуданд.

Яке аз ҷиҳатҳои нисбатан муҳим ҷалби иттилооти ҳамроҳикунанда ба ҳисоб меравад. Дар масъалагузории минтақавӣ ҳамон ҷиҳатҳои низоъ махсусан муҳиманд, ки ифодаи онҳо тариқи омор ғайриимкон аст. Дар ин радиф метавон ҳолату кайфият, мотиватсия, тарзи ҳаёт, рафтори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, эҳсосӣ милливу этникӣ ва дигар ҷиҳатҳои маишии фардӣ ва дастаҷамъии аҳолиро ном бурд. Дар чунин ҳолат доштани иттилооти мувофиқ оид ба гурӯҳҳои синнусоливу ҷинсӣ, оид ба шаклҳои мухталифи фаъолияти хоҷагидории аҳолии шаҳр ва деҳот, оид ба гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ муҳим мегардад. Дар замони муосир чунин иттилоотро метавон танҳо дар ҷараёни таҳқиқотҳои сотсиологии махсус ташкилшуда ба даст овард.

Ҳамин тариқ, ба натиҷаҳои таҳқиқотҳои минтақавӣ такя намуда, метавон тасдиқ намуд, ки ба вуқӯъ омадани аксарияти низоъҳои калон ба фаъолгардии элитаи дохили кишвар оварда мерасонад, на он сабабҳое, ки сиёсатмадорон, афкори умум ва адабиёти академӣ нисбати масъалаи мазкур нишон медиҳанд. Роҳбарони ноуҳдабаро, одатан, катализаторон ба ҳисоб меравaнд, ки метавонанд вазъияти хатарноки наздик ба таркишро ба бархӯрди ошкорои яроқнок мубаддал гардонад.

Низоъҳои дохилӣ амалан ҳамеша ба устувории минтақавӣ таъсир мерасонанд. Илова бар ин, ба он нигоҳ накарда, ки давлатҳои ҳамсоя метавонанд қурбонии низоъҳои дохилӣ шаванд, онҳо дар аксарияти бештари маврид ба таври фаъол дар авҷгирии амалҳои ҳарбӣ ва заифгардонии суботи минтақавӣ иштирок менамоянд.

## 1.2. Тамоюли низоангез ва хусусияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бархӯрди фарҳангҳои мухталиф, тарзи ҳаёт, афзалияти арзишҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ, аз як тараф шароитро барои якдигарро пурра намудан воситаи муҳим мебошанд, вале аз ҷониби дигарон, метавонад сарчашмаи низоъҳои иҷтимоӣ гардад. Ин бо он алоқаманд аст, ки барои инсон муоширaт бо одамоне, ки нуқтаи назари ӯро қабул менамоянд, дорои арзишҳо ва эътиқод, фарҳанги рафтор ва эҳсоси ягона мебошанд, сода ва осон аст. Лекин, ӯ на ҳамеша дар байни он нафароне, ки фарҳанги дигар ва номаълумро доранд, худро бароҳат ҳис менамояд. Сатҳи чунин нороҳатӣ аз вазъияте, ки «бархӯрди» фарҳангҳои гуногун амалӣ мегардад, аз сифатҳои шахсии инсон, аз баҳогузории азалии фарҳанги дигар вобаста аст. Агар фарҳангҳо, арзишҳо, идеали одамон бо ҳам мувофиқ наоянд, он метавонад дар тоқатнопазирӣ ва душманиву хусумат нисбати дигарон ифода гардад, ки қадами ҷиддӣ ба сӯйи низоъ ба ҳисоб меравад. Ҳалли мусбии вазъият имконпазир аст, агар инсон ба дарку қабули нафари дигар ба ҳамон тарзе, ки ӯ вуҷуд дорад, қодир бошад, агар ӯ фарқияти фарҳангиро ба сифати яке аз шартҳои имконпазири ҳастии инсон баррасӣ намояд.

Авҷгирии хатаровари низоъҳо ва зӯроварӣ дар заминаи этникӣ ва динӣ, махсусан ҷангҳо дар Босния, Либерия, Сомали, Афғонистон, Шри-Ланка, Грузия, Озарбойҷон, Тоҷикистон, Россия, Осетияи Ҷанубӣ дар самти худмуайянкунии этникӣ ва сиёсигардонии масъалаи аққалиятҳои миллӣ дар сатҳи ҷаҳон мушкилоти зиёдеро ба миён оварданд. Дар чунин ҳолат дархости таҷрибаи идоракунии ҷомеаи бисёрэтникӣ дар доираи як давлат ба фоидаи намояндагони гурӯҳҳои бузург ва хурд аҳамият пайдо намуд. Миқдори зиёди коршиносон ва сиёсатмадорон ба чунин хулосае омаданд, ки на танҳо дар кишварҳои онҳо, балки



барои тамоми ҷаҳон дастурамали умумӣ, на сиёсати тақсими давлат ё ҷойгир намудани аҳолӣ барои ба даст овардани «ягонагии миллӣ», балки беҳтар намудани шароити иҷтимоиву фарҳангии ҳаёт ва системаи идоракунии ҷомеаҳои сермиллат ба ҳисоб меравад.

Тақсимоти ҷаҳон ба ду қутби муқобил дар давраи «ҷанги сард», ба суботи давлатҳо мусоидат намуда, захираҳо ва фазои ҷамъиятиро барои баҳсу мунозираҳо нисбат ба ҷудоихоҳии гуногунтаркибӣ ва партикуляризми фарҳангӣ боқӣ нагузошт. Охирин, танҳо дар рақобати геополитикӣ истисмор мегардид, лекин ҳеҷ вақт ба сифати омили мустақили сиёсати ҷаҳонӣ ва давлатӣ эътироф нагардидааст.Чунин ҳолат, масалан, бо ҷангҳо ва муқобилияти мусаллаҳонаи дохилӣ дар Тибет, Кашмир, дар аксарияти кишварҳои Африқо мушоҳида мегардид, ки аз тарафи давлатҳои абарқудрат - Амрико ва Иттиҳоди Шӯравӣ дастгирӣ карда мешуданд.

С.Хангтингтон дар китоби «Бархӯрди тамаддунҳо» менависад, ки «ҷиҳати марказӣ ва нисбатан хатарноки сиёсати ҷаҳонии тавлидёфта низоъ байни гурӯҳҳои тамаддунҳои гуногун мегардад».[30] Ӯ чунин мешуморад, ки пас аз шикасти сотсиализм ва ба итмом расидани «ҷанги сард» фарқияти нисбатан ҷиддии байни одамон аллакай на аз ҷиҳати идеологӣ, сиёсӣ ва ҳатто иқтисодӣ, балки дар сатҳи фарҳангӣ ба назар мерасад. Ин маънои онро надорад, ки инсон ба таври худкор бояд чизеро аз дигар фарҳангҳо қабул намояд. Дар баробари ин, дар раванди ташкили шахсият аз этнсентризм дури ҷустан муҳим аст. Дар давлати сермиллат зиндагӣ намуда, инсон набояд дигар халқиятҳо ва фарҳанги онҳоро аз мавқеи бартарияти фарҳанги худ мазаммат намояд ва нисбати дигар забонҳо, динҳо ва урфу одатҳо эҳсоси тарсу ҳарос ва адоват дошта бошад.

[30]Хантингтон С. Столкновение цивилизаций. – М.: ООО «Издательство АСТ», 2003. – С.145.

Яке аз принсипҳои асосӣ дар ин ҷо эътирофи гуногунии фарҳангии бунёдиҳои муосири сиёсӣ ва номумкун будани мувофиқ омадани сарҳадоти этникиву фарҳангӣ ва давлативу маъмурӣ ба ҳисоб меравад. Принсипи дигари худмайякунии дохилӣ иштироки нисбатан васеи намояндагони фарҳанг ва динҳои гуногун дар равандҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати сеюм, дар дарки он зоҳир мегардад, ки ақаллият, аз он ҷумла гурӯҳҳои хурд, ки аз тарафи хоҷагони хориҷӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, метавонанд сарчашмаи зӯроварӣ ва терроризм гарданд, махсусан, вақте ки терроризм шаклҳои идеологӣ ва психологиро истифода менамояд [31]

Далели фарҳангӣ дар баъзе ҳолатҳо дар амалӣ намудани зӯриву зӯроварӣ асосӣ мегардад. Бо такя намудан ба далелҳои фарҳангӣ ксенофобия, тоқатнопазирӣ ва дар ниҳояти кор зӯроварии ошкорои ҷисмонӣ тавлид меёбанд. Мо иштибоҳ менамоем, вақте фикр мекунем, ки механизмҳои анъанавии фарҳангӣ ва сулҳофаринӣ, ки дар мо ниҳонанд дар ҳолати зарурӣ барои бартараф намудани низоъҳо истифода карда мешаванд. Мо хато мекунем, вақте фикр мекунем, ки ақаллияти мутеъгардида, ин ҳамеша гурӯҳи аз хукмронии аксарият ҷафокашида, аз имкониятҳои қонеъ намудани талаботҳои бунёдии фарҳангӣ маҳрумгардида мебошад.

Дар асл, ақаллият маҳз тариқи далелҳои фарҳангӣ ташаббускори зӯроварӣ мегарданд, яъне онҳо даъво мекунанд, ки бояд фарҳанги худро эҳё ва ҳифз намоянд. Лекин дар чунин ҳолат иттилоот оид ба роҳҳои имконпазири бадастории ин мақсад хеле маҳдуд гардидааст ва танҳо ба ғасби тартиботи мавҷуда ва инқилоб асос меёбад. Аз ин сабаб ақаллият (аниқтараш сарварон ва фаъолони он) ташаббускори зӯроварӣ ва низоъ гардидаанд, ки

[31]Ниг.: Социальное неравенство этнических групп: представления и реальность / Под ред. Л. М. Дробижевой. М.: Academia, 2002.



дар вақтҳои охир дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва дар дигар минтақаҳои ҷаҳон ба миён омадаанд. Оид ба омили фарҳангӣ сухан ронда, мо на танҳо фарқияти этникӣ ва забонӣ, балки фарқияти динӣ ва дигар навъҳои фарқиятро дар назар дорем. Аз ин нуқтаи назар бисёрфарҳангӣ ба сиёсат танҳо воситаи муътадили таъсиррасониро медиҳад. Он метавонад сатҳи шиддатнокиро паст намояд, лекин мушкилоти зӯроварӣ ва таъмини амнияти ҷомеа ва давлатро ҳал наменамояд. Фарқияти фарҳангӣ, одатан, бо мақсадҳои сиёсӣ ё барои қувват бахшидан ба таъсирбахшии академикӣ муқаррар ва эълон карда мешаванд, ки қабати фарҳангӣ, сохтори қавми ё этноси нав таҳқиқ карда шавад. Психологизатсияи этнос яке аз василаҳои махсуси мавқешон дар соҳаи тафсири этникӣ гардидааст.[32]

Интишори муқаррарот ва қабули онҳоро, вобаста ба бомбаборонкардан ва ҷароҳат бардоштани одамон, гирдиҳамоии қурбониҳо ё эътироси рӯзномаҳо, як қатор олимон, сиёсатмадорон ва рӯзноманигорон бо категорияҳои фундаменталии фарқиятҳои ҳувият ва «хусусиятҳои миллии» этносҳои гуногун шарҳ медиҳанд. Дар ниҳояти кор, чунин навъи этнофашизм дар образҳои филмҳои бадеӣ ва асарҳои бадеӣ таҷассум меёбад.

Кӯшиши «маҳдуд» намудани шахсият дар фазои бисёрфарҳангӣ ногузир ба ҳолати садамавии фарҳангӣ мубаддал мегардад, ки дар доираи иҷтимоӣ низоъ дар заминаи фарҳангҳои мухталиф дар сатҳи шуури фардӣ, меъёрҳои фарҳангӣ ва самтгириҳо зоҳир мегардад. Бунёди шароит зарур аст, ки ҳамчун заминаи воқеии ташкили шахсияти серфарҳанг баромад намояд. Шахсияте, ки тавонад бо барандагони арзишҳои этникиву фарҳангии мухталиф ҳамкории бунёдиро ба роҳ монад.

[32]Ниг.:Тишков В. А. Культурная мозаика и этническая политика в России // Знамя. – 2003. – №3. – С. 47-58.

Институтҳои нави демократӣ, сохторҳои пешинаи ҷомеаи шӯравиро вайрон намуда, ба нишондиҳандаҳои заминавии ичтимоиву фарҳангии сохтори он ҷавобгӯ нашуданд ва аз тарафи омма дар асоси номутобиқатии меъёрҳо ва қоидаҳои қабулгардида дар амалияи коммуникативии ҷомеа рад гардиданд. Дар натиҷа бухрони мансубияти ҷамоавӣ пайдо шуд, ки боиси вайрон гардидани системаи пешинаи ягонаи мансубияти шӯравӣ ва зухуроти шаклҳои ниҳоии алоқаҳои тарафайн дар дохили ҷомеа, фаъолгардии мансубияти минтақавӣ, этникӣ ва мазҳабӣ гардид.

Бо ба имзо расидани Созишномаи умумӣ байни ҷумҳуриҳои славянӣ, Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ аз байн рафт, ин ҳодиса дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун омили нохушу ногувор қабул карда шуд. Аксарияти сиёсатмадорон қайд менамуданд, ки дар чунин созишнома иштирок намудани дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ зарур аст. Лекин қайд намудан зарур аст, ки бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ гузариши ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии ҷумҳурӣ ба системаҳои нав оғоз гардид, ки дар он нақши пешбарандаро маҳз арзишҳои демократӣ ишғол намуданд. Ҳамин тариқ, тамоми неруҳои оппозитсионӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба магзи ҳизбҳои сиёсӣ мубаддал гардиданд ва сабабгори ихтилофотҳои объективӣ-субъективӣ шуданд, ки ба бухрони ҷомеаи шӯравӣ оварда расонид.

Ба монанди дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, дар Тоҷикистон низ раванди гузариши ҷомеа аз як системаи ҷамъиятиву сиёсӣ ба системаи дигар оғоз гардид. Метавон таъкид намуд, ки барои чунин гузариш, пештар, то пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ як қатор заминаҳои хусусияти миллӣ дошта пайдо шуда буданд, иттиҳодия ва ҳаракатҳои алоҳидаи сиёсӣ ташкил меёфтанд. Амалияи таърихӣ, ҳадди ақал, давраи пасошӯравӣ, нишон медиҳад, ки дар шароити гузариши ҷомеа мубориза барои ҳокимият



пуршиддат мегардад, зеро элитаи ҳукмрон намехоҳад ҳокимиятро аз даст диҳад, неруҳои оппозитсионии самтҳои мухталиф бошанд, кӯшиш менамоянд, ки бо истифода аз роҳҳо ва воситаҳои гуногун ҳокимиятро ба даст оранд. Аз ин рӯ, дар ҷомеа ихтилофоти сиёсии байни ин неруҳои сиёсӣ пайдо мешавад, ки дар Тоҷикистон дар асоси сабабҳои мухталифи дохилӣ ва берунӣ ба ихтилофоти мусаллаҳона табдил ёфт.

Дар як қатор адабиёт ва корҳои илмӣ,[33] ки ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон бахшида шудаанд, сабаби асосӣ дар мубориза байни кланҳо, дар сабаби ниҳонии динӣ, дар васеъ гардидани гардиши моводи мухаддир баён гардидааст, яъне, ба ақидаи ин муаллифон, сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон асосан дар доираи омилҳои дохилӣ пайдо шудаанд. Лекин баъзе муҳаққиқон ба ин назаранд, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар заминаи омилҳои беруна ба вуқӯъ пайвастааст.[34] Қайд намудан зарур аст, ки муаллифони мухталиф сабабҳои ҷанги шаҳрвандиро ба таври гуногун баён намудаанд. Шурӯъ аз сабабҳои дохилӣ то сабабҳои минтақавӣ ва ҳатто сабабҳои хусусияти байналмилалӣ дошта иброз шудаанд. Аз ҷумлаи ин манфиатҳои ҳарбиву сиёсии Россия, таассуби динӣ, таъсири давлатҳои динӣ, фаъолияти иртиҷоии

[33] Ниг.: Олимов М. Проблемы методологии анализа и прогноза в изучении межтаджикского конфликта // Центральная Азия и Кавказ. – 1997. – № 5 (11); Олимова С., Олимов М. Таджикистан на пороге перемен. – М., 1999; Имомов А. Межтаджикский конфликт: общественное согласие и согласительные документы // Центральная Азия и Кавказ. – 1998. – № 2 (14); Расулов К. Особенности проявления конфликта в Таджикистане. –Душанбе, 2000; Хакимов Р.М. Конфликтогенные факторы межнациональных и внутринациональных отношений в Таджикистане: Автореф. дисс. ... канд. полит, наук. – Душанбе, 1999; Имомов А. Межтаджикский конфликт: общественное согласие и согласительные документы // Центральная Азия и Кавказ. – 1998. –№ 2/14.

[34] Пряхин В.Ф. Региональные конфликты на постсоветском пространстве (Абхазия, Южная Осетия, Нагорный Карабах, Приднестровье, Таджикистан). – М.: ООО «Издательство ГНОМ и Д», 2002. –С.20.

ҳаракатҳои мухталифи оппозитсионии самти демократӣ ва исломӣ доштаро метавон ном бурд.

Ҳодисаҳои дар Тоҷикистон бавуқӯъомадаро танҳо бо як сабаб шарҳу эзоҳ додан ғайриимкон аст. Илова бар ин, ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар танҳо аз амали як синф, гурӯҳи иҷтимоӣ ё неруи сиёсӣ вобаста набуд. Аз ин хотир, шарҳу эзоҳи ҷанги шаҳрвандӣ дар асоси сабаби ягона яктарафа ва маҳдуд ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи мо, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар асоси сабабҳо ва омилҳои зиёди ба якдигар алоқаманд ба миён омадааст.

Қайд намудан зарур аст, ки яке аз чунин омилҳо «омили афғонӣ» ба ҳисоб меравад. Пас аз баровардани қӯшунҳои Иттиҳоди Шӯравӣ аз Афғонистон тавозун дар минтақа халалдор гардид. Ин халалдоршавӣ ба он оварда расонид, ки тамоми неруҳои марказӣ сиёсати фаъолро нисбати кишварҳои минтақа оғоз намуданд. Аз тарафи дигар, пас аз заиф гардидани сарҳад, наркобаронҳои афғон аллакай дар охири солҳои 80-ум сиёсати гузариши маводи мухаддирро тариқи Тоҷикистон ташкил дода буданд. Ин омил, албатта, ба вазъияти дохилии Тоҷикистон таъсири назаррас расонидааст.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, Тоҷикистон дар чорраҳаи манфиатҳои кишварҳои бузург қарор гирифт. Қайд намудан зарур аст, ки мавқеи геополитикии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат хусусиятҳои мухталифи манфиатҳои бозингарони берунаро нисбат ба он муайян менамояд. Ҳар як бозингари бузурги сиёсати байналмилалӣ дар Тоҷикистон дорои манфиатҳои муайян буд, ки вазъияти дохилиро дар кишвар пас аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ дучанд шиддатнок менамуд.

Ин кишварҳо бо назардошти манфиатҳои худ, ин ва ё он ҳаракати сиёсиро, ки аллакай дар Тоҷикистон фаъолият менамуданд, дастгирӣ мекарданд. Масалан, ИМА ба наздикшавии кишварҳои минтақа бо кишварҳое, ки сиёсати зиддиамерикоиро пеш гирифтаанд ва бо ҳаракатҳои исло-



мии иртиҷоӣ мухолиф буданд. Илова бар ин, Амрико сиёсати худро дар муқобили манфиатҳои Россия дар минтақа пеш мебурд. Ҳиндустон низ, бар зидди паҳн гаштани маводи мухаддир ва ғояҳои исломи радикалӣ дар минтақа, махсусан дар Тоҷикистон баромад менамуд, зеро ба васеъ гардидани таъсири Покистон ба ин кишвар муқобил буд.

Дар давраи мазкур, Туркия ба таври фаъол сиёсати худро нисбат ба минтақа, махсусан Тоҷикистон, амалӣ менамуд. Туркия кӯшиш менамуд, ки дар минтақа мавқеи сарвариро бо истифода аз имиҷи дунявӣ дар муқобили сохтори теократии Эрон ишғол намояд. Инчунин, Туркия ба ҳузури Россия дар минтақа мухолиф баромад намуда, кӯшиш менамуд, ки идеяи пантуркизмро дар минтақа барқарор намояд. Аз тарафи дигар, Эрон низ бо кишварҳои минтақа, махсусан бо Тоҷикистон дар асоси умумияти таърихӣ ва забонӣ сиёсати фаъоли худро пеша намуда буд. Дар ин асос, Эрон ҳузур ва таъсири худро дар минтақа дар заминаи рақобат бо Туркия, инчунин ихтилофот ба ҳузури Амрико дар минтақа қувват мебахшид.

Ҳамин тариқ, сиёсат ва манфиатҳои кишварҳои пешбар ва кишварҳои ҳамсоя пас аз ба даст овардани истиқлолият омилҳои берунаи вазъияти низоӣ дар Тоҷикистон гардиданд, зеро онҳо дар вобастагӣ аз манфиатҳои худ ин ё он неруи сиёсиро дар кишвар, ки дар солҳои 90-ум бо боварии комил ба саҳнаи сиёсии Тоҷикистон ворид гардида буданд, дастгирӣ намуданд.

Лекин, дар қатори омилҳои беруна, дар ба амал омадани вазъияти низоӣ нақши муҳимро омилҳои дохилӣ низ бозиданд. Ба омилҳои дохилӣ, пеш аз ҳама, омилҳои маҳалгароӣ ва динӣ тааллуқ доранд, ки дар заминаи рушди таърихӣ, динӣ, демографӣ, иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон шиддат мегирифтанд.

Хусусияти рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар дар он зоҳир мегардид, ки дар иқтисоди ҷумҳурӣ асосан

чамбаи истеҳсолӣ ашёи хом рушд мекард ва ин буд, ки Тоҷикистон манбаи ашёи хом барои ҷумҳуриҳои рушдкардаи Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт. Дар собиқ ИҶШС ба бунёди системаи ягонаи иқтисодӣ кӯшиш менамуданд, ки дар он барои ҳар як ҷумҳурӣ ҷойи муайян ҷудо гардида буд. Тоҷикистон ба истеҳсоли пахта махсус гардонида шуда буд, ки он бо нархи паст фурӯхта мешуд. Диққати асосӣ танҳо ба бунёди саноати гидроэнергетика ва саноати истихроҷӣ маъдан равона гардида буд. Аз ин рӯ ҳаёти иҷтимоӣ дар кишвар, асосан, аз ҳисоби дотатсияи марказ таъмин карда мешуд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар охири солҳои 70-ум, маблағгузории марказ ба Тоҷикистон ихтисор гардид ва иқтисодиёти кишвар, ки асосан ба истеҳсоли пахта асос ёфта буд, натавонист мустақилона чунин вазъиятро паси сар намояд. Ин ба буҳрони иқтисодӣ оварда расонид, ки дар натиҷаи он батадриҷ рафтани сатҳи иҷтимоии ҳаёти аҳолӣ оғоз гардид.

Тибқи баъзе баҳогузориҳо, аз рӯйи сатҳи рушди иқтисодиёт ва иқтидори захиравӣ, Тоҷикистон дар солҳои 90-ум байни дигар ҷумҳуриҳои ИДМ дар ҷойи охир қарор дошт.[35] Дар даҳсолаи охирини мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ва дар оғози солҳои 90-ум, вақте ки ИДМ ташкил ёфт, нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои бародарӣ, Тоҷикистон дорои нишондиҳандаҳои пасти даромади миллӣ, сатҳи зиндагӣ, таъминот бо манзил буд.

Заминаи дигарро метавон бекорӣ номид, ки ҳамеша байни ҷавонон дар Тоҷикистон ҷой дошт. Дар ин асос, пас аз буҳрони иқтисодӣ, бекорӣ босуръат рушд мекард. Маҳз бекорӣ ба пайдоиши гурӯҳҳои мухталифи ҷавонон оварда расонид, ки ба таври доимӣ ба гурӯҳҳои ҷиноятпеша табдил ёфтанд. Ба ҷиноятпешагии қишрҳои мухталифи аҳолӣ инчунин «омили афғонӣ» мусоидат намуд, яъне, мубаддал

[35]Ниг.: Экономическое развитие и ресурсный потенциал стран СНГ // Деловой мир. –М., 1992. – С.14.



гардонидани ҷумҳурӣ ба ҳалқаи алоҳидаи занҷири кашонидани маводи мухаддир ба дохили Иттиҳоди Шӯравӣ.

Маҳз дар асоси ин мушкилот дар ҷумҳурӣ заминаҳои таркиши иҷтимоӣ ташкил ёфтанд. Болоравии норозигӣ аз ҳолату вазъияти мавҷуда аз тарафи қишрҳои мухталифи аҳолӣ ва ташкилёбии гурӯҳҳои мухталифи ҷавонон дар ҷумҳурӣ, ки то сатҳи муайян муташаккил буданд, барои амалҳои зиддидавлатӣ тайёр буданд.

Ҳамин тариқ, мушкилоти мавҷудаи иқтисодӣ ва сиёсӣ батадтиҷ дар шуури аҳолӣ самти сиёсии ба тариқи дақиқ ифодашударо касб намуд. Норозигӣ байни аҳолӣ тадриҷан ба муносибати манфӣ ба ҳокимият ва дастгоҳи идоракунӣ гузашт ва чунин вазъият ба экстремизм ва радикализми иҷтимоӣ оварда расонид. Дар чунин вазъият ҳукумат натавонист мушкилоти мавҷударо ҳал намояд ва муносибатҳои иҷтимоиро дар кишвар ба танзим дарорад.

Дар оғози феврали соли 1990 бо иштироки ҳаракати «Растохез» ва дигар қувваҳои ифротӣ дар кишвар гирдиҳамоиҳои оммавии эътирозӣ бар зидди ҳокимият доир гардиданд, ки дар онҳо аз рӯйи ҳисобҳои мухталиф аз 10 то 30 ҳазор нафар иштирок намуданд. Маҳз дар ҳамин гирдиҳамоиҳо якумин маротиба шиор ва плакатҳои хусусияти миллидошта пайдо шуданд.[36]

Ҳамин тариқ, ҳодисаҳои феврали соли 1990 дар Душанбе сиф хусусияти сиёсӣ доштанд. Ин ҳодисаҳо аз овозаҳо оид ба ҷудо намудани манзилҳо барои миқдори зиёди гурезагони арман оғоз гардиданд, лекин бояд хотиррасон намоем, ки рӯзи дигар иштирокчиёне пайдо шуданд, ки амали онҳо ба таври дақиқ хусусияти зиддиҳукуматӣ доштанд.

Ин амали эътирозӣ ба фоҷиаи хунин оварда расонид, вақте ки эътирозгарон ба бинои Комитети Марказии Ҳизби Коммунистӣ бо талаботи истеъфои ҳукумат ҳамла намуданд.

[36]Ниг.: Февральские события в Душанбе // Коммунист Таджикистана. – 1990. – 25 февраля.

Эътирозгарон аз тарафи кўшунҳои дохилӣ ва қисматҳои кўшунҳои махсуси собиқ Шўравӣ пароканда ва тирборон карда шуданд. Тибқи маълумотҳои расмӣ, он вақт 26 нафар кушта ва зиёда аз 100 нафари дигар захмӣ гардиданд.

Қайд намудан зарур аст, ки ҷалби унсурҳои ҷиноятӣ ва ташкили бетартибиҳо наметавонистанд ба таври стихиявӣ рўй диҳанд. Аз тарафи дигар, дар асоси вазъияти мушкилу хатарноки ҷомеа, такони хурдтарин метавонист боиси таркиши норозигӣ ва бетартибиҳои оммавӣ гардад. Метавон тасдиқ намуд, ки маҳз ҳодисаҳои февралӣ метавонистанд чунин нақшро иҷро намоянд. Аз ин рў, дар асоси таҳлили ҳодисаҳои февралӣ, ба боварии комил метавон гуфт, ки ин кўшиши табаддулоти давлатӣ дар кишвар буд.

Бо вуҷуди он, ки ҳодисаҳои февралӣ мушкилоти мавҷударо ҳал накарданд, лекин муқаддимаи бархўрдҳои мусаллаҳона гардиданд. Метавон якчанд гурўҳҳои асосиро, ҷудо намуд, ки дар ихтилофоти сиёсии ин давра таъсир расониданд, иштирок намуданд ва фаъолии худро зоҳир намуданд: элитаи ҳизбӣ-шўравӣ; қишри давраи бозсозӣ; неруҳои самти исломӣ; неруҳои оштинопазири маҳаллӣ; мафияи тоҷик.

Бояд зикр кард, ки дар ин давраи ноороми ҷомеа элитаи ҳукмрон ҳамчун гурўҳи нисбатан аҳамиятнок ва пурқувват элитаи ҳизбиву шўравӣ баромад менамуд, ки бозсозиро ҳамчун бозии навбатии марказ қабул намуда, тамоми амрҳои марказро дастгирӣ ва иҷро менамуд. Лекин, дар натиҷа, дар кишвар гурўҳҳои мухталифи сиёсӣ ташакул ёфтанд, ки ба таври ҷиддӣ мубориза барои аз нав тақсим намудани ҳокимият мебурданд, масалан мубориз дар байни Горбачёв ва Елцин. Чунин вазъият элитаи ҳизбиро маҷбур намуд, ки самтгирии худро муайян намуда, ба аксуламал гузарад, ки дар он тамоми шакл ва воситаҳои мавҷудаи муборизаи сиёсиро истифода мешуд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар нимаи дуюми солҳои 80-ум дар ҷумҳурӣ ҳаракатҳои демократӣ қувват гириф-



танд ва якумин чунин ҳаракати сиёсӣ иттиҳодияи «Рў ба рў» гардид. Ин иттиҳодия бо ташаббуси Иттиҳоди ленинииву комсомолии ҷавонони Тоҷикистони шўравӣ бунёд гардида, бо тамоми неруҳои солим ҳамкорӣ менамуд. Метавон тасдиқ намуд, ки маҳз ин иттиҳод ба ҷомеаи нисбатан сиёсигардида оварда расонид ва дар зери таъсири он дар шаҳру ноҳияҳоя мухталифи ҷумҳурӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ташкил карда шуданд.

Қисми зиёиён аз ҳисоби омўзгорони мактабҳои олӣ, кормандони соҳаи фарҳанг ва адабиёт дар доираи ҳаракатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ фаъолона амал менамуданд. Ин иттиҳодияҳои нави демократӣ ғояи плюрализми сиёсӣ, бисёрҳизбӣ, адолати иҷтимоиро баён карда, аз ҳукумат иштироки баробари минтақаҳоро дар идоракунии давлатӣ талаб менамуданд. Ҳамин тариқ, «Рў ба рў» заминаи бунёди дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятиву сиёсӣ гардида, фаъолияти худро қатъ намуд, зеро аксарияти иштирокчиён ва аъзоёни ин созмон ба ҳаракати мардумии «Растохез» дохил шуданд.[37]

Илова бар ин, дар асоси дигаргуниҳо ва пайдо гардидани имконияти ташкили неруҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ, ба монанди Ҳизби демократӣ, Ҳизби наҳзати ислом, ҳаракати мардумии «Растохез», иттиҳодияи ҷамъиятии «Лаъли Бадахшон», «Ошкоро», «Ҳисори шодмон», «Меҳри Хатлон», «Эҳёи Мастчоҳ» ва ғ., ба таври физоянда ба муқобили системаи мавҷудаи Шўравӣ мубориза мебурданд.[38]

Неруи исломиро ходимони масҷидҳо, тарафдорони шуъбаи тоҷикии минтақавии Раёсати динии мусулмонони Осиёи Марказӣ, ҷавонон аз ҳисоби тарафдорони Ҳизби наҳзати исломӣ ташкил менамуданд. Қайд намудан зарур аст, ки дар он солҳо ин ҳизб, махсусан дар деҳот дар асоси даъвати худ ба эътиқоди тозаи динӣ маъруфияти зиёдеро ба даст овард.

[37]Ниг.: Основа новейшей государственности // Под ред. М.Убайдуллаева. – М., 2002. – С. 286-287.

[38] А. Муҳаббатов, Р. Нуриддинов. Асосҳои сиёсатшиносӣ. Душанбе, Ирфон. 2006. – С. 154-155.

Бояд гуфт, ки мушкилоти мухталифи иҷтимоӣ дар кишвар дар охири солҳои 80-ум ба он оварда расонидаанд, ки аҳолӣ дигар ба идеологияи коммунистӣ бовар надошт ва халои идеологӣ пайдо гардид, ки барои пурра намудани ин фазо аксарият ба ислом рӯй оварда, ғояи исломии рушди кишварро дастгирӣ менамуданд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои 90-ум дар ҷумҳурӣ дар шаклҳои мухталиф низоъҳои иҷтимоӣ сар заданд, ки шаҳодати шиддатнокии иҷтимоӣ дар кишвар ба ҳисоб мерафтанд. Қонунҳои қабулгардида «Оид ба забон» соли 1989, «Оид ба суверенитети давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» соли 1990, «Оид ба озодии виҷдон ва созмонҳои динӣ» соли 1990, «Оид ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҶШС Тоҷикистон» соли 1990, изҳороти Шӯрои Олӣ «Оид ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 сентябри соли 1991 ва ғ. ба сиёсигардии босуръати ҳаёти ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуданд.

Ба ақидаи мо, дар Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳаракатҳои мухталифи ҷамъиятиву сиёсӣ бунёд гардида буд. Дар шароити бамиёномада маҳз ташкили чунин ҳаракатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ метавонистанд ихтилофоти байни ҷомеаи исломигардида ва давлатдории дунявиро таҷассум намоянд.[39]

Дар оғози солҳои 90-ум дар Тоҷикистон даҳҳо неруҳои сиёсӣ ташкил ёфтанд, ки дар мубориза барои ҳокимият омода буданд. Чунин созмонҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ба монанди «Растохез», «Ҳизби демократии Тоҷикистон», «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон» асосан хусусияти зиддикоммунистӣ доштанд. Дар муборизаи зиддикоммунистӣ аҳолӣ ин ҳаракатҳои ҷамъиятиро дастгирӣ менамуд, зеро вазъи иҷтимоии он давра ба ин мусоидат менамуд. Ба хотире, ки неруҳои нави сиёсӣ дорои

[39]Ниг.: Бушков В.И., Микульский Д.В. Анатомия гражданской войны в Таджикистане. – М., 1996. – С.53.



хусусияти минтақагароӣ ва табақавӣ буд, мубориза байни онҳо ва дар дохили ҳар яке аз онҳо мушоҳида карда мешуд.

Қайд намудан зарур аст, ки мақсади ин созмонҳо, вақте ки вазъият дар кишвар муташанниҷ гардид, ҳимояи манфиатҳои истиқоматкунандагони минтақаҳои худ, ба ҳисоб мерафт. Маҳз дар асоси чунин муносибат, дар кишвар ҷудоихоҳии маҳаллӣ афзуд, ки манфиатҳои маҳаллӣ ва таҳҷоиро аз манфиатҳои умумимиллӣ боло мегузошт. Дар он солҳо ходимон ва арбобони ҷамъиятӣ кӯшиш менамуданд, ки ин раванди ҳалокатоварро бартараф намоянд, лекин рӯз аз рӯз вазъияти сиёсӣ дар кишвар бадтар мешуд.

Дар ҳодисаҳои августии соли 1991 ҳукумат натавонист дар вазъияти сиёсии дигаргуншуда мавқеи худро муайян намояд. Ноуҳдабароии ҳукумат ба он оварда расонид, ки неруҳои оппозитсионӣ ба баромади ошкоро бар муқобили режими ҳукмрон гузаштанд. Дар пойтахти кишвар гирдиҳамоиҳои зиддиҳукуматӣ ташкил карда шуданд, лекин ташкили чунин гирдиҳамоиҳо дар дигар шаҳрҳои калон бемуваффақият анҷом ёфтанд.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳукумати Қ.Махкамов дигар наметавонист, вазъиятро дар ҷумҳурӣ идора намояд ва метавон гуфт, ки дар ин вақт асосҳои ҳукмронии режими коммунистӣ дар ҷумҳурӣ ноустувор гардид ва ҳукумат маҷбур гардид ба истеъфо равад. Неруҳои оппозитсионӣ имконият доштанд, ки ҳокимиятро дар кишвар ба даст оранд, лекин дар интихоботи президентии соли 1991, ғолибият насиби неруҳои оппозитсионӣ нагардид.

Неруҳои оппозитсионӣ тадриҷан худро беобрӯ намуданд ва аҳолӣ аз онҳо рӯй гардонид. Ба ақидаи мо, сабаби чунин сурат гирифтани ҳодисаҳо бо он алоқаманд аст, ки неруҳои сиёсӣ натавонистанд барномаи азнавсозии ҷомеаро пешниҳод намоянд.

Аз тарафи дигар, фаъолгардии ифротгароёни исломӣ, боис гардид, ки аксарияти одамон аз онҳо дури ҷӯянд.

Аҳолии кишвар, умуман, ҳоло ҳам ба системаи шӯравӣ боварӣ дошт, ки дар чунин вазъият маҳз роҳбарияти системаи шӯравӣ метавонад муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро дар кишвар танзим намояд.

Ҳамин тариқ, ҷомеа дар кишвар ба гурӯҳҳои мухталиф тақсим гардид, ки мувофиқи манфиатҳои минтақавӣ, сиёсӣ ва динии худ амал менамуданд. Интихоботи президентии гузашта то сатҳи муайян одамонро аз якдигар ҷудо намуд. Неруҳои оппозитсионӣ натиҷаҳои интихоботро эътироф накарданд ва бо ҳар роҳу восита кӯшиш менамуданд ҳокимиятро ғасб намоянд, ё ҳадди ақал сохторҳои алоҳидаи ҳокимиятиро тахти назорати худ қарор диҳанд.

Пас аз интихоботи президентии соли 1991 ба ҳокимият номенклатураи ҳизбии шӯравӣ баргашт ва тавонист мансабдорони оштинопазири маҳаллиро ба идоракунии давлат ҷалб намояд. Маҳз дар ҳамин давра, демократҳо ва неруҳои самти исломӣ дошта ба ҳам муттаҳид шуданд. Сипас давраи нави ихтилофотҳо оғоз мегардад, ки кишварро ба бухрони амиқ оварда мерасонад.

Рӯз аз рӯз неруҳои оппозитсионӣ мавқеи худро дар саҳнаи сиёсӣ мустаҳкам менамоянд ва пас аз интихоботи соли 1991, президенти интихобгардидаи Тоҷикистон бо сарварони оппозитсия созишномаро ба имзо мерасонад, ки мувофиқи он ҳукумат ухдадор мегардад, ки сарварони оппозитсияро пайгирӣ намекунад, тарафи дигар бошад, ризоияти худро ифроз менамояд, ки танҳо дар доираи қонун амал намуда, амалҳои ғайриқонунии зиддидавлатиро пиёда намесозад.

Ин созишнома танҳо барои он ба имзо расонида шуд, ки ҳукумат як миқдор вақтро ба даст орад, то ки тактикаи амалҳои минбаъдаро нисбат ба неруҳои оппозитсионӣ муайян намояд. Аз ин рӯ, метавон таъкид намуд, ки тавозуни неруҳои сиёсӣ дар натиҷаи ин созишнома, асосан хусусияти муваққатиро доро буд. Маҳз аз ҳамин хотир нуқтаҳои



асосии ин созишнома риоя намегардиданд, зеро ҳукумат баҳонаҷӯӣ менамуд, то ки дар доираи қонунгузории мавҷуда ба оппозитсия хотима бахшад, неруҳои оппозитсионӣ бошанд, дар навбати худ, барои тағйир додани ҳокимият дар кишвар баромад намуда, ғайриқонунӣ амал менамуданд ва тадриҷан ба чораҳои ниҳоӣ даст мезаданд.

Тавре, қаблан зикр гардид, номенклатураи ҳизбии коммунистӣ баҳонаҷӯӣ менамуданд, ки бо асосҳои қонунӣ ба оппозитсия хотима бахшанд. Метавон қайд намуд, ки дарёфти баҳона дар он давра ягон мушкилиеро ба миён намеовард. Он неруҳое, ки барои тағйири ҳокимият дар кишвар баромад менамуданд, асосан бо роҳи ғайриқонунӣ амал менамуданд. Неруҳои оппозитсионӣ, ки зоҳиран ба ҳамкории конструктивӣ бо ҳокимият кӯшиш менамуданд, батадриҷ ба истифодаи чораҳои ниҳоӣ мегузаштанд. Тағйирот дар методҳои мубориза дар асоси назари баъзе аз сарварони оппозитсия ва ҳавобаландии роҳбарияти динии расмии ҷумҳурӣ ба вуқӯъ омада буд.[40]

Вақте ки як қатор оппозитсионерони машҳур ҳабс ва ба муҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум карда шуданд, вазъият тезутунд гардид. Чунин амали ҳукумат сабаб гардид, ки талаботи созишномаҳои пештар қабулгардида иҷро нагарданд.

Метавон тасдиқ намуд, ки вазъияти бамиёномада ба муборизаи тезутунд барои ҳокимият ва таъсиррасонӣ байни кланҳои ҳудудӣ дар кишвар оварда расонд. Дар ин маврид метавон муборизаи этномиллии байни марказ ва бюрократияи Бадахшон, фаъолияти гурӯҳҳои миллатгаро ва даъво ба ҳокимият аз тарафи фақеҳони мусулмонро номбар намуд. Қайд намудан зарур аст, ки муборизаи мазкур пас аз ба даст овардани истиқлолият қувват гирифт, маҳз зери

[40]Ниг.: Бушков В.И., Микульский Д.В. Анатомия гражданской войны в Таджикистане. – М., 1996. – С.54.

таъсири ин қувваҳо президент Р.Набиев ба бунёди ҳукумати коалитсионӣ розӣ гардид.

Ҳамин тариқ, ин ҳодисаҳо боиси ба вуқӯъомадани гирдиҳамоиҳои эътирозӣ ба муқобили пайгирии роҳбарони неруҳои оппозитсионӣ оварда расонид. Дар давраи мазкур қувваҳои беруна низ ба тариқи фаъол ба раванди муташанниҷ намудани вазъият ҳамроҳ гардида, кӯшиш менамуданд ҳар яке аз тарафҳоро барои амалӣ намудани манфиатҳои худ истифода намоянд. Вазъият, дар маҷмӯъ, бо камчинии умумии молу маҳсулот, хароб гардидани иқтисодиёт ва баланд гардидани шиддатнокии иҷтимоӣ дар ҷомеа, тезутунд мегардид.

Пас аз он, ки вазири корҳои дохилӣ М.Навҷувонов ба хунукназарӣ ва суистифода аз ваколатҳои хидматӣ гунаҳкор дониста шуд, барои дастгирии ӯ дар майдони Шаҳидон, аз тарафи намояндагони Помир гирдиҳамоӣ ташкил карда шуд. Аммо дар давоми якчанд рӯз миқдори иштирокчиёни гирдиҳамоӣ зиёд гардида, ба онҳо гурӯҳҳои дигар аз ноҳия ва шаҳрҳои ҷумҳурӣ ҳамроҳ шуданд.

Гирдиҳамоӣ хусусияти сиёсӣ касб намуд, талаботҳои сиёсӣ пешниҳод карда мешуданд: истеъфои стикери парламент, баъдтар истеъфои тамоми парламент, қабули конститутсияи нав, эътирофи бисёрҳизбӣ ва гузаронидани интихобот ба Шӯрои Олӣ дар асоси бисёрҳизбӣ, қатъ намудани пайгирии сарварони неруҳои оппозитсионӣ дар ҷумҳурӣ.

Гирдиҳамоӣ дар майдони Шаҳидон барои дастгирии М.Навҷувонов ба рушди ҳодисаҳои минбаъда такон дод ва баҳонаи муборизаи ошкоро гардид, зеро пас аз якчанд рӯз аз оғози он гирдиҳамоӣ хусусияти сиёсиро касб намуд. Неруҳои сиёсӣ мехостанд аз ин вазъият истифода намоянд. Инро дар ҳукумат низ хуб дарк менамуданд ва аз ин хотир аз тарафи қувваҳои ҳукуматӣ дар майдони Озодӣ гирдиҳамоӣ ташкил карда шуд.



Ин қувваҳо умед бар он доштанд, ки ташкили намоиши дигар метавонад ба рафтори гирдиҳамомадагони майдони Шаҳидон таъсир расонад. Лекин, маҳз ин амали ҳукумат ба он оварда расонид, ки ба майдони Шаҳидон аз ноҳияҳои гуногуни ҷумҳури теъдоди зиёди одамон омаданд. Вазъият аз таҳти назорати ҳукумат берун гардид, зеро ҳукумат имконият надошт, ки бо истифода аз қувва вазъияти бамиёномадаро танзим намояд. Ҳукумат чунин ғайрату ҷасорати неруҳои оппозитсиониро интизор набуд, аз ин ру маҷбур гардид сиёсати фиреби назарро амалӣ намояд, яъне ба неруҳои оппозитсионӣ як қатор гузаштҳоро дар шакли ислоҳоти муайяни сиёсӣ бар ивази қатъ намудани гирдиҳамоӣ ваъда дод.

Мухолифат дар кишвар аз аввал хусусияти динӣ ва сиёсӣ дошт. Решаҳои динии рушди вазъияти низоиро дар кишвар ба инобат нагирифтанд. Қайд намудан зарур аст, ки аз оғози ихтилофоти шаҳрвандӣ чунин ақидае паҳн гардид, ки дар кишвар нақши асосиро муносибати байни қавмҳо иҷро менамояд. Лекин, дар асоси таҳлили ҳодисаҳои солҳои 90-ум бавуқӯъомада, метавон гуфт, ки низоъ дар Тоҷикистон дорои хусусияти байнимитақавӣ буд, ки ба сиёсати умумии кишвар таъсир мерасонид.

Ташкил намудани гирдиҳамоӣ барои дастгирии вазири корҳои дохилӣ М.Навҷувонов маҳз аз хусусиятҳои минтақавии рушди вазъияти низоӣ дар кишвар шаҳодат медиҳад. Ба он нигоҳ накарда, ки дар раванди низоъ, махсусан дар давраи оғози он, шиорҳои сиёсӣ истифода мегардиданд, низоъ маҳз хусусияти минтақавӣ касб намуд, зеро таркиби асосии роҳбарияти ҳизбҳо ва ҳаракатҳоро дар асоси намояндагони як минтақа ташкил медоданд.

Қайд намудан зарур аст, ки дастгоҳи роҳбарӣ ва аксарияти аъзоёни Ҳизби назҳати исломи Тоҷикистон аз рӯйи баромад истиқоматкунандагони Қаротегин ва Ғарм буданд. Минтақаи мазкур ҳамеша худро бо шимолиён то

муҳоҷират ба водии Вахш муқобил мегузошт. Ҳатто пас аз муҳоҷират онҳо анъанаҳои этникиву минтақавиро нигоҳ дошта, якҷоя зиндагӣ менамуданд, ҳамчун гурӯҳи мустақили минтақавӣ баромад менамуданд.

Шимолиён на танҳо мавқеи пешбарро дар ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии ноҳияҳои ҷануб ишғол менамуданд, балки дар давоми тамоми давраи шӯравӣ ҷумҳуриро идора менамуданд. Чунин идоракунӣ бо чунин омил алоқаманд буд, ки марказ ба шимолиён бовар дошт, шимол минтақаи рушдкардаи иқтисодӣ буд ва алоқаи ногусастании ноҳияҳои шимол бо Россия мавҷуд буд, ки дорои таърихи тулонӣ буд. Қайд намудан зарур аст, ки гарчанде марказ ба шимолиён бовар дошт, лекин ба тариқи умумӣ кӯшиш менамуд, ки тавозунро дар тақсими ҳокимият ва неъматҳои моддӣ нигоҳ дорад.

Аммо, вазъият дар нимаи дуюми солҳои 70-ум тағйир ёфт, аз як тараф дар асоси заиф гардидани таъсири марказ, шимолиён кӯшиш намуданд, ки мавқеи пешсафиро ишғол намоянд. Аз тарафи дигар, то ин давра дар ноҳияҳои ҷануби ҷумҳурӣ болоравии иқтисодӣ мушоҳида гардида, ин ноҳияҳо саҳми худро дар иқтисодиёт зиёд намуданд, нақши онҳо дар ҳаёти фарҳангиву интеллектуалӣ ҷумҳурӣ низ боло рафт. Аз ин рӯ, системаи ҷабаҷогузории кадрҳо дигар онҳоро қонеъ наменамуд ва онҳо норозигии худро нисбати ин масъала баён менамуданд, ки баъзан ба низоъ мубаддал мегардид. Баъзан барои танзими чунин низоъҳо комиссияҳои махсус ташкил карда мешуданд.

Ноҳияҳои ҷанубӣ ҳеҷ вакт минтақаи ягонаро ташкил наменамуданд ва дар ҳудуди минтақа мухолифат мавҷуд буд. Аҳолии Кӯлоб, ки ҷамоаи мустақили минтақавӣ ба ҳисоб мерафт, на ҳамеша бо намояндагони Помиру Қаротегин созиш мекарданд. Дар чунин вазъият маҳз номенклатураи шӯравӣ, амалан, маҳалчигиро дар ҷумҳурӣ тақвият бахшид. Дар оғози солҳои 90-ум, маҳз намояндагони номенклатураи шӯравӣ ташаббускори низоъҳои минтақавӣ буда, амалҳои хусуматомези минтақаҳоро ба муқобили якдигар бармеангехтанд.



Таҳлил нишон медиҳад, ки заминаи минтақагароӣ дар ҷумҳурӣ кайҳо аз тарафи намояндагони шимол ташкил ёфта буд. Дар давоми мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ онҳо мансабҳои калидиро дар фазои ҷумҳурӣ, ҳатто дар ноҳияҳои ҷанубӣ ишғол менамуданд. Намояндагони шимол мансабҳои мухталиф, ба монанди директорони заводҳои бузург ва ояндадор, котибони комитети ноҳиявӣ, вилоятӣ, намояндагони комитети иҷроияи ноҳияҳои калонро ишғол менамуданд. Ҳатто, намояндагони шимол дар дохил шудан ба кор, ба мактабҳои олӣ як қатор имтиёзҳоро доро буданд. Албатта, чунин вазъият рӯз аз рӯз норозигии намояндагони дигар ноҳияҳои ҷумҳуриро тақвият мебахшид.

Метавон тасдиқ намуд, ки чунин амалҳо аз тарафи элитаи сиёсии кишвар, пеш аз ҳама, ба норозигии гурӯҳи ноҳияҳои Ғарм ва Қаротегин мусоидат намуд. Илова бар ин, то оғози ихтилофотҳо дар ҷумҳурӣ аллакай даҳсолаҳо минтақагароӣ ташкил ёфта мустаҳкам гардида буд.

Ҳамин тариқ, муносибат байни минтақаҳо дар заминаи ташкили созмонҳои мухталифи ҷамъиятиву сиёсӣ шиддатнок гардид. Ташкили ҳизбу ҳаракатҳои мухталифи оппозитсионӣ ҷонибҳоро муттаҳид насохт, балки баръакс сабаби тезутунд шудани манфиатҳои минтақавӣ ва минтақагароӣ гардид. Масалан, ба созмонҳои бадахшонӣ ҷомеаи «Лаъли Бадахшон» ва маркази фарҳангии «Носири Хусрав» дохил мешуданд, ки дар низои сиёсӣ ва мусаллаҳона фаъолона иштирок менамуданд. Онҳо ба таркиби неруҳои оппозитсионӣ дохил мешуданд. Созмони «Лаъли Бадахшон» барои ҳимояи манфиатҳои аҳолии Бадахшон ташкил шуда буд, ки аз аввал барои тағйири ҳокимияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ ва дигаргун шудани мақоми Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ баромад менамуд.

Пас аз мағлубияти раиси созмон Д. Худоназаров дар интихоботи президентӣ, ҷомеа нисбатан радикалӣ ва ҷангҷӯ гардид. Созмон, дар иттиҳоди неруҳои оппозитсионӣ амал намуда, пеш аз ҳама, мақсадҳои минтақавӣ, махсусан, мустаҳкам намудани мавқеи бадахшониҳо дар сохторҳои ҳокимиятӣ, ба Помир бахшидани мақоми ҷумҳурии автономиро пайгирӣ намуда, яке аз мақсадҳои ососиаш дар ҳолати зарурӣ барои баромадан аз ҳайати Тоҷикистон тайёр намудан ба ҳисоб мерафт.

Қайд намудан зарур аст, ки Ҳизби демократии Тоҷикистон ва «Растохез» созмонҳои оммавӣ нагардиданд ва ба неруи ҷиддӣ мубаддал нагардиданд, аз ин рӯ дар солҳои 90-ум дар неруҳои мутаҳидгардидаи оппозитсионӣ, пеш аз ҳама, исломистон мавқеи худро мустаҳкам намуданд.

Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурӣ то оғози ихтилофоти неруҳои ҳукуматӣ ва оппозитсионӣ минтақагароӣ рушд карда буд. Маҳз минтақагароӣ нақши бузургро дар ҷалби омма ба ҳаёти сиёсӣ ва сипас ба муборизаи мусаллаҳона барои ҳокимият ва мавқеъ дар ҷомеаи тоҷик бозидааст.

Омили дигари дохилӣ, ки боиси ба миён омадани вазъияти низоӣ дар ҷумҳурӣ гардид, таъсиррасонии идеологӣ ба ҳисоб меравад. Дар солҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳукумат ҳамеша кӯшиш менамуд, ки сатҳи шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсиро маҳдуд намояд. Аз ин рӯ, дар солҳои 90-ум дар Тоҷикистон низ сатҳи хеле пасти маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсӣ ба назар мерасид. Аҳолӣ дорои таҷрибаи иштироки сиёсӣ набуд. Маҳз дар асоси ин далел, дар аксарияти ҳолатҳо аҳолӣ ҳатто бар хилофи манфиатҳо ва талаботҳои худ баромад менамуд.

Метавон таъкид намуд, ки дар чунин вазъият омили идеологӣ мавқеъ ва шуҳрати махсусро касб менамояд. Дар самти идеологӣ Ҳизби назҳати исломии Тоҷикистон дар байни ҳизбҳо ва ҳаракатҳои оппозитсионӣ мақоми пеш-



сафро доро буд. Нашриёҳои демократӣ, ба монанди «Адолат», «Дунё», «Чароғи рӯз», «Сухан», интишоркунандагони ғояҳои неруҳои мухолифин, махсусан ғояҳои исломӣ гардиданд. Ин рӯзномаҳо саҳифаҳои худро ба ихтиёри фаъолони гурӯҳи мухолифин дода, ба таври доимӣ матнҳои диниро нашр менамуданд ва сарварони Ҳизби назҳати исломи Тоҷикистонро таърифу тавсиф менамуданд ва ҳамин тариқ вазъияти воқеиро таҷассум менамуданд. Маҳз таҷассуми воқеият, баъзан истифодаи шиорҳои мухталиф дар саҳифаҳои ин рӯзномаҳо ба рафтори аҳолӣ таъсир расонид ва онҳо дар баъзе ҳолатҳо иттиҳоди мухолифинро дастгирӣ ва дар баъзе ҳолатҳои дигар ба муқобили он баромад менамуданд.

Дар зери таъсири чунин омилҳо рӯз аз рӯз вазъият дар кишвар бадтар мегардид. Дар сессияи Шӯрои Олӣ якчанд намояндагони оппозитсия ба ҳайати раёсати Шӯрои Олӣ дохил карда шуданд, ки шаҳодати нотавониву заифии парламент ва ҳукумат ба ҳисоб мерафт. Қайд намудан зарур аст, ки дар натиҷа мавқеи неруҳои зиддиҳукуматӣ дар парламент устувор гардид. Ҳукумат дигар наметавонист вазъиятро тахти назорат қарор диҳад. Неруҳои оппозитсионӣ якчанд мансабдорро гаравгон гирифтанд.

Дар ин марҳилаи рушди вазъияти низоӣ, дар пойтахти ҷумҳурӣ аз ҷониби ҷавонони Душанбе гирдиҳамоии сеюм ташкил карда шуд, ки ба он намояндагони гурӯҳҳои мафиозӣ ва ҷиноятпеша ҳамроҳ шуданд. Онҳо аз ҳукумат қабули чораҳои мушаххасро барои баромадан аз вазъияти низоӣ талаб менамуданд. Ҳамин тариқ, унсурҳои мафиозӣ ва ҷиноятпеша ошкоро ба саҳнаи сиёсат ворид гардиданд. Дар пойтахти Тоҷикистон бетартибиҳои оммавӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, нобуд кардани моликият, гаравгон гирифтани одамон оғоз гардиданд, ки ба бесарусомонӣ ва фалаҷ гардидани ҳокимият оварда расониданд. Унсурҳои ҷиноятпеша дар тамоми иқдому амалҳои ғайриқонунӣ

фаъолона ширкат варзида, онҳоро ба манфиатҳои худ истифода менамуданд.[41] Аксарияти гурӯҳҳои сиёсӣ, ки дар ин давра дар кишвар мавҷуд буданд, аз хизматҳои унсурҳои ҷиноятпеша истифода менамуданд, дар баъзе ҳолатҳо ба онҳо такя менамуданд.

Дар асоси вазъияти бамиёномада ҳолати фавқулода эълон карда шуд, ки фаъолияти тамоми ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкили гирдиҳамоиҳоро дар кишвар манъ менамуд. Аз тарафи неруҳои сиёсӣ баромадҳо бар зидди барҳам додани режими коммунистӣ, ки ният дошт системаи тоталитариро барқарор намояд, идома меёфтанд. Ҳукумат имконияти амал карданро надошт, аз ин рӯ танҳо аз шаҳрвандон даъват ба амал меовард, ки қонуният ва тартиботро дар кишвар дастгирӣ намоянд. Дар ин марҳилаи рушди вазъияти низоӣ дар кишвар ҳанӯз гуфтушуниди байни президент ва намояндагони оппозитсия идома дошт, қарордодҳои мушаххас қабул мегардиданд ва ҳуҷҷатҳои алоҳида ба имзо мерасиданд, лекин шарту уҳдадориҳои ин қарордодҳо иҷро намегардиданд. Ба ин даъватҳо нигоҳ накарда, неруҳои оппозитсионӣ талаботҳои нав ба навро ба ҳукумат пешниҳод менамуданд. Аз ҷумлаи талаботҳои неруҳои оппозитсионӣ метавон ташкили ҳукумати коалитсионӣ, истеъфои спикери парламент, ноиби президент, прокурори генералӣ, раиси комитети радио ва телевизиони ҷумҳуриро ном бурд. Ҳокимият дар ин замон аллакай пурра фалаҷ гардида буд, восита ва имконияти танзими муносибатҳо ва тартиботи сиёсиро дар кишвар надошт, аз ин хотир президент протоколеро ба имзо расонид, ки ба пуррагӣ талаботҳои неруҳои оппозитсиониро қонеъ намуд.

Лекин, талаботҳои нав пешниҳод шуданд, аз ҷумла истеъфои президент, барҳамдодани Шӯрои Олӣ ва ташкили Шӯрои миллӣ. Илова бар ин, неруҳои оппозитсионӣ

[41] Хайдаров Г.Х., Иномов М. Таджикистан: трагедия и боль народа. – СПб., 1993. –С. 35.



миллигардонии горнизони ҳарбиро талаб менамуданд, зеро чунин мешумориданд, ки қарор доштани қушунҳои ИДМ дар кишвар мувофиқи мақсад нест. Ҳамин тариқ, дар кишвар Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ ташкил ёфт, ки дар он неруҳои оппозитсионӣ ҳашт ҷойро соҳиб шудаанд. Пас аз ташкили чунин ҳукумат иштирокчиёни гирдиҳамоиҳо майдонҳоро тарк намуданд ва ҳамин тариқ марҳилаи аввали рушди вазъияти низоӣ дар кишвар, ки заминаҳои ҷанги шаҳрвандиро бунёд намуд, ба итмом расид.

Дар давраи дуюм, ихтилофоти байни неруҳои ҳукуматӣ ва мухолифин ба пуррагӣ хусусияти ҳарбӣ гирифт. Дар ҷануби кишвар ихтилофоти отрядҳои мусаллаҳи ҳукуматӣ ва неруҳои оппозитсионӣ оғоз гардид. Воқеан, дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид, дар ҷануби кишвар ихтилофоти ҳарбӣ идома дошт.

Ҳамин тариқ, дар ҷануби Тоҷикистон амалҳои ҷангӣ идома доштанд, отрядҳо ва гурӯҳҳои мухталиф пайдо шуданд, ки танҳо барои қасос гирифтан меҷангиданд. Аз ин хотир метавон тасдиқ намуд, ки амалҳои ҷангӣ тадриҷан хусусияти сиёсии худро гум карданд. Дар ин марҳила ҳолатҳои қасоси хунин ба қайд гирифта шуда буданд. Аз ҳарду ҷониб дар амалҳои ҳарбӣ зархаридон ва унсурҳои ҷиноятпеша, ки аз зиндонҳои минтақа озод карда шуда буданд, иштирок мекарданд.

Неруҳои сиёсӣ барои амалӣ намудани нақшаҳои худ дар таърихи давлати ҷавони соҳибистиқлол давраи душвори гузаришро интихоб намуданд. Пас аз фурупошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар ин давра асосҳои сохтори пешина барҳам хӯрданд, ҳукумат ҳанӯз ба амалҳои қатъӣ омода набуд, аз санҷиш нагузашт, ноуҳдабарои ва беҷуратии худро нишон дод.

Илова бар ин, бо сабаби қатъ нагардидани амалиётҳои ҷангӣ раванди аз кишвар рафтани мутахассисони баланихтисос оғоз гардид. Аксарияти русҳо ва русза-

бонон ҷумҳуриро тарк намуданд. Дар ин давра, дигар халқиятҳо нақши назаррасро дар ҳаёти кишвар бозиданд ва ин вазъият метавонист ба системаи мушкили муносибати байни миллатҳо, ба хусусиятҳои нав дар шароити ихтилофоти шаҳрвандӣ оварда расонад.[42]

Бояд гуфт, ки ҳукумат барои фурӯ нишондани бетартибиҳо дар кишвар қувва надошт ва маҳз аз ин сабаб натавонист вазъиятро дар кишвар таҳти назорат қарор диҳад.

Ба андешаи мо, маҳз аз сабаби беҷуръатии ҳукумат, рӯз ба рӯз вазъият муташанниҷ мегашт ва кишварро ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид. Ноуҳдабороиву беҷуратии ҳукуматро истифода намуда, неруҳои оппозитсионӣ тавонистанд бо суистифода аз шиорҳои динӣ ва дигар шиорҳо ба, масъалаҳои дардноки мавҷуда дахл намуда, ба дуршавии халқ аз ҳалли мушкилоти муҳимми ҳаётӣ мусоидат намуданд, онҳоро маҷбур сохтанд, ки яроқ ба даст гиранд. Ҳамин тариқ, чунин мешуморем, ки дар ҳолати амалӣ намудани сиёсати муназам аз ҷониби ҳукумат, нисбатан ҷиддӣ ва қатъӣ будани ҳукумат, омма ҳукуматро дастгирӣ менамуд.

Рӯз аз рӯз мавқеи намояндагони минтақаи Кулоб мустаҳкам мешуд ва онҳо ба пойтахти ҷумҳурӣ ҳаракат мекарданд. Дар моҳи сенябр дар маҷлиси Шӯрои Олӣ ва кабинети вазирон талаботи кӯлобиҳо эълон карда шуд, ки аз ҷиҳатҳои зерин иборат буд: даъвати сессияи ғайринавбатии парламент дар шимоли кишвар, барои муайян кардани шароити ба истеъфо рафтани президент Р.Набиев; ворид намудани намояндагони тамоми минтақаҳои кишвар ба ҳайати вакилони ҷумҳуриявӣ дар маҷлиси сарони давлатҳои ИДМ дар Бишкек; аз Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ барканор намудан шахсоне, ки аз ҷониби оппозитсия пешниҳод карда шудаанд.

[42] Махмадов А., Хидирова М. Межтаджикский конфликт и его особенности. –Куляб, 1997. –С.20.



Неруҳои оппозитсионӣ, зарурати мустаҳкам намудани мавқеи худро дар муборизаи тулонӣ барои ҳокимият дарк намуда, ба муқобили имзои шартнома байни Тоҷикистон ва Россия оид ба дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ворид намудани неруҳои сулҳовари ИДМ ба ҳудуди ҷумҳурӣ баромад намуданд. Аз тарафи дигар, роҳбарияти расмии динии ҷумҳурӣ бунёдгароёни исломиро дастгирӣ намуд, ки барои бунёди давлати исломӣ кӯшиш мекарданд ва ба доираи низоъ яке аз масъалаҳои дарднок, яъне омили динӣ ворид карда шуд.

Дар вазъияти бамиёномада 16 ноябри с. 1992 дар шаҳри Хуҷанд сессияи XVI ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд, ки дар он масъалаи қатъ намудани амалҳои ҷангӣ дар кишвар баррасӣ карда шуд. Амалҳои неруҳои оппозитсионӣ маҳкум карда шуданд ва Фронти халқӣ ҳокимиятро ба дасти худ гирифт. Президент Р.Набиев ба таври расмӣ ба истеъфо рафт, ба Конститутсия як қатор тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, ки тибқи муқаррароти он Тоҷикистон ҷумҳурии парламентӣ гардид.

Лекин, қайд намудан зарур аст, ки оппозитсия ба пуррагӣ шикаст хӯрда, ба ин розӣ набуд ва фаъолона ба муборизаи мусаллаҳона омодагӣ медид. Аз ин рӯ, байни қувваҳои оппозитсионӣ мухолифин ва Фронти миллӣ ҷангҳои шадид барои Душанбе идома доштанд, ки дар натиҷа Душанбе таҳти назорати Фронти халқӣ қарор гирифт.

Ба мағлубият нигоҳ накарда, роҳбарони Қӯрғонтеппа, Гарм ва Бадахшон, инчунин як қатор гурӯҳҳои миллатгаро, яроқҳои худро нагузоштанд. Барои идома додани мубориза аксарияти намояндагони неруҳои мухолифин ба хориҷа муҳоҷират намуданд ва ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар идома мекард.[43] Аммо, он қувваҳое, ки дар кишвар монданд,

[43] Ниг.: Ганковский Ю.В. События в Таджикистане и их резонанс в мире. – М., 1995. – С.69-70.

муборизаро то ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ дар соли 1997 идома доданд. Дастаҳои ҳарбие, ки дар Афғонистон макон гирифта буданд, сарҳади ҷумҳуриро гузашта вазъиятро дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ тезутунд менамуданд, лекин онҳо натавонистанд, ки ба таври умумӣ вазъиятро дигаргун намоянд.

Қайд намудан зарур аст, ки қувват гирифтани дастаҳои ҳарбии мухолифин дар Афғонистон бо ёрии кишварҳои исломӣ ва марказҳои динии хориҷӣ амалӣ мегардид. Аз сабаби қувват гирифтани неруҳои оппозитсионии исломӣ дар Тоҷикистон ва сипас дар Афғонистон, ки ба манфиатҳои Россия ва Ӯзбекистон мувофиқ набуд, онҳо Фронти халқиро дастгирӣ менамуданд. Ин бо он алоқаманд буд, ки дар Ӯзбекистон, махсусан дар водии Фарғона ғояҳои бунёдгароии исломӣ паҳн гардида буданд, аз ин рӯ Ӯзбекистон бо ёрӣ расонидан ба Фронти халқӣ, бар зидди қувват гирифтани таъсири ғояҳои бунёдгароӣ дар Фарғона мубориза мебурд.

Дар асоси таҳлили ҳодисаҳои солҳои 90-ум, метавон гуфт, ки дар ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, як қатор созмонҳои фаъоли исломӣ бо сохторҳои ҷиноятпеша алоқаманд буданд. Чунин алоқа, пеш аз ҳама, бо болоравии талабот ба яроқ ва маблағгузорӣ шарҳ дода мешуд. Чунин мешуморем, ки дар ҷумҳурӣ маҳз фурӯши маводи мухаддир ҳамчун сарчашмаи маблағгузорӣ баромад менамуд, зеро харидани он хароҷоти зиёдеро талаб накарда, фурӯши он даромади зиёд меовард.

Метавон тасдиқ намуд, ки рушди низои байни тоҷикон, маблағгузорӣ ва зиёд шудани шумораи мухолифини мусаллаҳ бо фурӯши маводи мухаддир алоқаманд аст. Байни дастаҳои алоҳидаи неруҳои мухолифин дар қитъаҳои алоҳидаи сарҳад барои нигоҳ доштани доираи нуфуз низоъҳои мусаллаҳона ба миён меомаданд, зеро шароити ҳифзи сарҳад дар ноҳияҳои сарҳадӣ гуногун буд.



Дар радифи низоъ дар Тоҷикистон, дигар ҷумҳуриҳои минтақаи Осиёи Марказӣ низ бо хавфи низои дохилии этникӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Аз сабаби вуҷуд доштани миқдори зиёди яроқ дар минтақа эҳтимоли амиқгардӣ ва вусъатёбии низоъ дар минтақа мавҷуд буд. Воқеаҳои Тоҷикистон метавонистанд ба вуҷуд омадани омилҳо ва фарқиятҳои динӣ гарданд, ки бешубҳа ба тезутунд гардидани муносибати байни миллатҳои гуногун оварда мерасониданд. Россия сабаби низои байни тоҷикон яку якбора сиёсати стратегии худро нисбати минтақа фаъол намуд.

Ҳамин тариқ, пас аз ба даст овардани истиқлолият дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид. Ба ин низоъ омилҳои мухталифи дохилӣ ва берунӣ мусоидат намуданд. Аз омилҳои беруна метавон манфиатҳои геополитикии кишварҳои мухталифро ном бурд, ки мехостанд мавқеи худро дар минтақа устувор намоянд. Метавон тасдиқ намуд, ки низоъ дар Тоҷикистон ин бархӯрди манфиатҳои геополитики давлатҳои пешсаф дар минтақа ба ҳисоб меравад. Ин давлатҳо бо дарназардошти манфиатҳои худ ин ё он тарафи даргирро дастгирӣ намуда, ба рушди вазъияти низоӣ дар кишвар мусоидат менамуданд.

Ба омилҳои дохилӣ, пеш аз ҳама, мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ дохил мешаванд. Дар солҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ, Тоҷикистон яке аз ҷумҳуриҳои қафомонда ба ҳисоб мерафт, пас аз фурӯпошии ИҶШС мушкилоти мухталифи иҷтимоиву иқтисодӣ пайдо шуданд, ки ба воридшавии қишрҳои мухталифи аҳолӣ ба ҳаёти сиёсии кишвар мусоидат намуданд. Аҳолии Тоҷикистон аз Иттиҳоди Шӯравӣ сатҳи пасти маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсиро ба мерос гирифт, аз ин рӯ қишри муайян метавонист диққати одамони одиро, ки таҷрибаи пешбурди муборизаи сиёсиро надоштанд, ба муборизаи сиёсӣ ҷалб намояд. Аз бисёр ҷиҳат, одамони одӣ

манфиатҳои сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии худро дарк на-карда, амал менамуданд.

Илова бар ин, дар кишвар минтақагароӣ рушд карда буд, ки ташкил ва рушди ҳаракатҳои мухталифи ҷамъиятиву сиёсӣ дар солҳои 90-ум шаҳодати он аст. Ин ҳаракатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ асосан барои ҳимояи манфиатҳои аҳолии як минтақа ташкил ёфта буданд. Бояд зикр намоем, ки минтақагароӣ дар кишвар решаҳои қадими ва устувор дошт. Маҳз минтақагароӣ ба рушди вазъияти низоӣ дар кишвар мусоидат намуд .

Омили дигар, ноуҳдабароии ҳукумат аст, зеро дар он давра ҳукумат қувваи зарурии ҳарбӣ барои тариқи қувва ҳал намудани вазъиятро надошт. Маҳз ноуҳдабароии ҳукумат ба рушди вазъияти нозоъгӣ дар кишвар оварда расонид.

Дар замони кунуни шиддатнокӣ воқеъ дар ноҳияҳои сарҳадии ӯзбеку тоҷик ва ӯзбеку қирғиз, дар водии Фарғона нигоҳ дошта мешавад. дар маҷмӯъ, минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи ноустувор, гузаргоҳи интиқоли маводи му-ҳаддир ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ боқӣ мемонад.

Ба минтақа ифродгароёни исломии самти гуногун ва террористони байналмилалӣ ворид мешаванд. Дар ин ҷо, тавре амалия нишон медиҳад, манфиатҳои Россия, Чин, Амрико, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Эрон, Ҳиндустон, Туркия, Покистон ва дигар кишварҳо бармехӯранд. Яке аз омилҳои асосии беруна, ки вазъиятро дар минтақа ноором месозад, Афғонистон бо тамоми унсурҳои ҷиноятпешааш (маводи мухаддир, ярок, муҳоҷирони ғайриқонунӣ, экс-тремистон, террористон) ба ҳисоб меравад. Аз қобилияти ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти маҳдуд намудани ҳаракати «То-либон» ва гурӯҳи «ал-Қоида» дар Афғонистон ва ноҳияҳои ба он ҳамсарҳади Покистон, аз бисёр ҷиҳат вазъияти умумӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ вобаста аст.[44]

[44] Иванов С.М., Журавель В.П. Региональные конфликты на постсоветском пространстве и роль России в их урегулирование // Право и безопасность. –2009. –№4 (33). –С.19.



Дар паст намудани сатҳи низоӣ воситаҳои ахбори умум нақши муассир доранд: Тариқи воситаҳои ахбори умум таъсиррасонии мақсаднок ба шуури ҷаъмиятӣ ва стигматизатсияи қисми шаҳрвандон аз рӯйи аломати этни-киву мазҳабӣ амалӣ мегардад. «Образҳо», навъҳои иҷтимоии ифродгароён, террористон, «зодагони Кавказ» ва ғайраҳо эҷод мешаванд, ки муносибати манфиро ҳам нис-бат ба «образ» ва ҳам ба тамоми чизҳое, ки бо он алоқамандӣ, ташкил медиҳад. Ба ин васила, сатҳи тарсу бими иҷтимоӣ ва муносибати манфӣ нисбат ба намоянда-гони миллат ва дини муайян боло меравад.[45]

Яке аз роҳҳои паст намудани вазъияти низоӣ дар минтақа пешгирии фишороварии иттилоотиву психологӣ ба ҳисоб меравад, ки айни замон ба муқобили аҳолӣ амали шуда истодааст.

Бояд дар назар дошт, ки маҳз матбуоти минтақавӣ ҳамроҳии нисбатан пурраи иттилотии равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҷамъиятии минтақаро таъмин ме-намояд ва метавонад ҳувияти шаҳрвандӣ ва тамаддуниро самаранок ташкил диҳад, ки зарурати омӯзиши доимии он-ро тавзеҳ медиҳад. Барои омӯзиши раванди ташкили ҳувияти бисёрсатҳаи шаҳрвандӣ ва тамаддунии хонандагон ба сифати гурӯҳи манфиатҳо метавон нашрияҳои зеринро муайян намуд: рӯзномаҳои универсалии ҷамъиятиву сиёсӣ, ки ба пешниҳоди иттилоот ва таҳлили рушди вазъият дар минтақа нигаронида шудаанд; рӯзномаҳои оммавӣ, ки сиё-сати иттилоотии худро дар самти инъикоси ҳаёти рӯзмарра бунёд менамоянд.

Интихоби рӯзномаҳои ҳаррӯза ва ҳафтаина, ки дар байни нашрияҳои маҳаллӣ аз ҳама бештар паҳн мешаванд ва мухтавои онҳо мавзӯҳои ҷамъиятиву сиёсиро дар бар мегирад, асоснок карда шудааст. Яке аз ҷиҳатҳои ҳатмӣ –

[45] Ниг.: Малькова В.К., Тишков В.А. Этничность и толерантность в средствах массовой информации. –М.: Изд-во ИЭА РАН, 2002.

ба инобат гирифтани доираи паҳн гардидани матбуоти даврӣ мебошад. Аз руи ин аломат нашриёҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ҷудо карда мешаванд. Сегменти нисбатан ноустувор дар ин радиф нашриёҳои шаҳрӣ ба ҳисоб мераванд, ки бо гузашти вақт ғасби ҳудудро аз ҳисоби ноҳияҳои наздик амалӣ менамоянд ё ба паҳн наму-дани маводи чопи дар сатҳи вилоятӣ мегузаранд.

Меъёри муҳимми интихоби васоити ахбори оммаи чопӣ адади нашр ба ҳисоб меравад, ки нишондиҳандаи маъруфияти он дар байни аҳолии маҳаллӣ эътироф карда мешавад. Лекин ба инобат гирифтан зарур аст, ки адади нашр дар минтақаҳои гуногун муқоиса карда намешавад. Адади нашри ҳадди ақали зиёди рӯзнома дар як минтақа метавонад аз адади нашри рӯзномаҳои на он қадар машҳур дар дигар минтақаҳо кам бошад. Мутобиқан, зарур аст, ки интихоб ба тариқи алоҳида дар ҳар як минтақа гузаронида шавад. Ба он нигоҳ накарда, ки дар системаи матбуоти даврӣ дар минтақаҳо нашриёҳои дорои миқдори зиёди адади нашр рӯзномаҳои рекламавӣ-иттилоотӣ ба ҳисоб ме-раванд, зарур аст, ки онҳо аз рӯйхат бароварда шаванд, зе-ро иттилооти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ дар онҳо ҷойи кам ба назар мерасад, худи иттилоот бошад, чун қоида, ху-сусияти дуюминдараҷаро касб менамояд.

Яке аз самтҳои самараноки таҳқиқоти эмпирикии ташкили ҳувияти шаҳрвандӣ ва тамаддунӣ тариқи воситаҳои ахбори умум, муқаррар намудани бандҳои асосии «масъалаи доғи рӯз» ба ҳисоб меравад. Таваҷҷуҳи интихо-бии коммуникатор, бо ҳангоми мураттабсозии «масъалаи доғи рӯз», иерархияи ҷиҳатҳоро дар он муайян менамояд ва бо ин роҳ ҳодисаҳоро мувофиқи аҳамиятнокӣ пешниҳод ме-намояд. Муайян намудани ҷиҳатҳои асосие, ки дар маркази диққати воситаҳои ахбори умум қарор доранд, бояд ҳамзамон бо омӯзиши мундариҷаи маълумот ҳамчун маҳсули ниҳоии истеҳсоли оммавии иттилоот ҳамроҳӣ кар-



да шавад. Таҳқиқи мундариҷавӣ-таҳлилии матнҳои рӯзноманигорӣ, аз нуқтаи назари доира ва навъи сужетҳои ҷойдошта, композитсия ва такроршавӣ, барои ошкор наму-дани нақши ин ё он нашрия дар ташкили зинаҳои гуногуни ҳувияти шаҳрвандӣ ва тамаддунӣ зарур аст.

Ҳамин тариқ, дар бартараф намудани вазъияти низоӣ дар минтақаи сермиллат соҳаи маориф ва васоити ахбори умуми муосир нақши муассир доранд. Дар ин асос, мета-вон қайд намуд, ки таҳлили маҷмӯи сабабҳои низои байни тоҷикон нишон медиҳад, ки ин низоъ падидаи тасодуфӣ набуд. Зарур аст, ки низои байни тоҷикон ҳамчун натиҷаи мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва динӣ, ки ҳалли саривақтии худро наёфтанд, баррасӣ карда шавад.

Махсусан боло рафтани фаъолнокии институтҳои му-ташаккили динӣ ва фардигардонии таҷрибаи динӣ, ки на ҳамеша ба созмонҳои эътирофгардидаи «расмӣ» такя ме-намояд, дар маҷмӯъ боло рафтани сатҳи фардигардонии ҷомеаи муосирро таҷассум менамояд. Боло рафтани сатҳи диндорӣ дар радифи болоравии динии пасошӯравӣ чи дар доираи институтҳои муташаккили динӣ, чи дар сатҳи фар-дии диндорӣ, ки бо интихоби роҳи шахсии тақводорӣ во-баста аст, ба назар мерасид.

# БОБИ II. НИЗОЪҲОИ МИНТАҚАВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОНҲО

## 2.1. Бозсозии системаи шӯравӣ ва тамоюли авҷ гирифтани низоъҳои минтақавӣ дар фазои шӯравӣ ва пасошӯравӣ

Омили муҳиме, ки ба вазъияти этникиву сиёсии минтақаҳои фазои пасошӯравӣ таъсир мерасонад, ин мавҷудияти ҳаракатҳо, созмонҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад, ки болоравии онҳо дар солҳои 90-уми асри XX оғоз гардид. Амали онҳо ба тезонидани суръат ва таҳрифи мундариҷаи истиқлолият оварда расонид. Қисме аз иттиҳодияҳои миллӣ кӯшиш менамуданд, ки дар як ҳолат соҳиби мақомоти ҳокимияти давлатӣ гардида, сохторҳои давлатии замони Шӯравиро иваз намоянд. Дар ҷумҳуриҳо ба як қатор иттиҳодияҳо ҳуқуқи ташаббускории қонунгузорӣ, инчунин ҳуқуқи воқеии санҷишу омӯзиши лоиҳаи қарорҳои қонунгузорӣ пешниҳод карда мешуд. Аксарияти онҳо барандагони принсипҳои муттаҳидкунанда гардиданд, ки на ба шуури сиёсии шаҳрвандон, балки ба манфиатҳои таърихӣ, этникӣ, этникиву иҷтимоӣ ва этникиву мазҳабӣ иртибот надоштанд. Омили махсусе, ки вазъияти этникиву сиёсии минтақаро ноором муайян менамуданд, мавҷудияти қисму дастаҳои ҳарбӣ ва ҳарбигардонидашудаи амалкунанда ё ташкилшаванда, ба ҳисоб мерафтанд.[46]

Таназзул ва фурӯпошии ҳокимият дар марказ ба болоравии элитаҳои минтақавӣ мусоидат менамояд. Милликунонии пасокоммунистӣ дар сатҳи минтақавӣ, дар оғоз ба бунёди давлатдории мустақил равона шуда буд, ки аз тарафи элитаҳои минтақавӣ барои дастрасӣ ба захираҳои давлативу сиёсӣ истифода карда мешуд.

[46]Ниг.: Гусев А.С. Региональные конфликты на Северном Кавказе: геополитический аспект // Конфликтология (Ежеквартальный научно-практический журнал). –2009. –№4. –С.126.



Раванди минтақагароӣ ва болоравии ҳувияти миллӣ низоъҳои этникии дунболадорро ба миён оварданд, масалан, дар собиқ Югославия, дар минтақаи Қавқози Шимолӣ, инчунин дар минтақаи Осиёи Марказӣ.[47]

Низоъҳои минтақавӣ дар атрофи низоми афзалиятҳо, ки махсусият ва услуби идеологияи умумидавлатиро муайян менамоянд, вусъат меёбанд. Ҳувиятҳои фавқулмиллии дар ин фазо, ташкилёбанда, ки ба таври доимӣ мазмун ва арзишҳои маданияти сиёсиро мукаммал менамоянд, бо сохторҳои ҳокимиятӣ дорои иртиботи мутақобила мебошанд. Дар ин вазъият ҳувияти фавқулмиллӣ махсусан бо ҳувияти миллӣ тақвият меёбад, ки дар чунин вазъияти ногузир низои минтақавиро бармеангезад. Ченаки иҷтимоиву сиёсии ҳувияти фавқулмиллӣ – ҳувияти шаҳрвандӣ, – ба таври мақсаднок бо идеологияи этномиллатгароӣ бо методҳои зӯроварии амалҳои бевосита танг карда мешавад.

Муҳаққиқ М.Е.Попов сатҳи вазъияти низоии минтақаи пасошӯравии Қавқози Шимолиро баҳогузорӣ намуда, вазъиятро чунин тавсиф намудааст: устувории нисбӣ дар минтақа дорои хусусияти ноустувор ва баргардонда аст, сатҳи баланди низоӣ нигоҳ дошта мешавад. Сатҳи асосии низоӣ дар минтақа – сатҳи маҳаллӣ аст, ки сатҳи баланди омодагии низоии этникӣ аҳолиро таъмин менамояд. Ин, дар навбати худ, заминаи низоъҳои минтақавиро устувор мегардонад, шароити гузариши босуръати шиддатнокӣ ва низоъҳои маҳаллиро ба низоъҳои минтақавӣ бунёд менамояд. Дар чунин шароит кӯшиши зиёд ба сафарбарнамоии низоҳои этникӣ дар ҳолати шид-

[47]Ниг.: Попов М.Е. Формирование надэтнических идентичностей как путь снижения этнической конфликтности в посткоммунистическом социуме // Региональные конфликты в контексте глобализации и становления культуры мира: Сборник научных материалов. –Ставрополь: Изд-во СГУ, 2006. – С. 262.

дат гирифтан ё низои аллакай оғозгардида бо унсурҳои этникӣ талаб карда намешавад.[48]

Вазъияти низоӣ ва мавҷудияти сабабу омилҳои асосии пайдоиши низоъ ба таври объективӣ ҳам ба рушди ҷамъиятӣ дар маҷмӯъ ва ҳам ба соҳаҳои алоҳидаи он, дар навбати аввал, соҳаи сиёсӣ хос аст. Дар илми шӯравӣ тасаввуроте ҳукмрон буд, ки таъйиноти сиёсати ҳокимияти давлатӣ дар ҷустуҷӯи «тавозуни манфиатҳо» зоҳир мегардад, ки ба пуррагӣ низоъро бартараф менамояд.

Дар ҷомеаи шӯравӣ омили бунёдӣ «мақсади умумӣ» шуморида мешуд, аз ин рӯ аксарияти таҳқиқотчиён чунин мешумориданд, ки дар бадастории чунин тавозун дар рушди ҷамъиятӣ душворие вуҷуд надорад. Ҳамин тариқ, дар ҷомеаи шӯравӣ чунин шуморида мешуд, ки низоъ хусусияти муваққатӣ дошта, зуд ба анҷом мерасад.

Ба андешаи мо, нуқтаи асосӣ дар масъалаи дарки сабабҳои бе воситаи низои минтақавӣ, бунёди сохтори фарогире мебошад, ки тамоми ҷонибҳои бо масъалаи мазкур алоқаманд ба он ворид гарданд ва ин сохтор онҳоро ба таври одилона роҳнамуд созад. Тибқи назария, низоъҳои минтақавӣ метавонанд дар заминаи яке аз чор сабаби бевосита ба вуқӯъ оянд: омилҳои дохилӣ, ки оммаро фаро мегиранд; омилҳои беруна, ки оммаро фаро мегиранд; ва бо элита алоқаманд мебошанд (муносибати носозгор бо кишварҳои ҳамсоя ); омилҳои дохилие, ки бо элита алоқаманд мебошанд (роҳбарони ноуҳдабаро). Бояд гуфт, ки сабабҳои бевоситаи навъи охирини низои минтақавӣ аз рӯйи хусусияти худ дохилӣ буда, бо элита алоқаманд мебошад. Аз ҷумла, мубориза барои ҳокимият, ки дар он шаҳрвандон иштирок мекунанд (Грузия, Тоҷикистон) ва ё

[48]Ниг.: Попов М.Е. Формирование надэтнических идентичностей как путь снижения этнической конфликтности в посткоммунистическом социуем // Региональные конфликты в контексте глобализации и становления культуры мира: Сборник научных материалов. –Ставрополь: Изд-во СГУ, 2006. – С. 265.



ҳарбиён иштирок менамоянд (Нигерия); баҳсҳои идеологӣ нисбати тарзи ташкили ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва динӣ дар кишвар; ҳамлаи ҷинояткорон ба давлат (Тоҷикистон – сентябри соли 2015).

Аз тарафи дигар, аз ҷониби мансабдорони муайян ташвиқоти фаъоли консепсия оид ба мавҷудият ва рушди ваҳдати пешбурди ҷомеа, ки вазъияти воқеии ҷомеаи шӯравиро таҷассум наменамуд, мешуд. Маҳз дар доираи сиёсати ИҶШС, ҷомеашиносон дар корҳои худ асосан «консепсияи давлатӣ»- ро истифода менамуданд ва ба ихтилофотҳо, ки решаҳои он ба таври аниқ дар шуури ҷамъиятӣ ҷой гирифта буданд, диққат намедоданд.

Ба ҷойи он ки мушкилоти мавҷуда дар ҷомеа ба таври воқеӣ баррасӣ ва таҳлил карда шаванд, ҷомеашиносон ба ҷустуҷӯи роҳҳо ва воситаҳои тасдиқи ваҳдати ҷомеа таваҷӯҳ зоҳир менамуданд.

Ҳамин тариқ, дар ИҶШС, низоъҳо эътироф намегардиданд ва дар ҳолати пайдоиши норозигӣ сохторҳои давлатӣ бо истифода аз қувва онҳоро ба маҷрои лозимӣ равона месохтанд. Ба андешаи мо, тамоми он ихтилофотҳо, ки дар солҳои мухталиф дар давлати Шӯравӣ мавҷуд буданд, на танҳо бо роҳу усули сиёсӣ ҳал нагардиданд, балки тарафҳоро танҳо бо истифода аз қувва ва бархӯрди ошкоро нигоҳ медоштанд.

Дар давраҳои алоҳидаи рушди таърихӣ, аксарияти мутафаккирон ва муҳаққиқон ба таври асоснок исбот намудаанд, ки мавҷудияти ихтилофотҳо дар ҷомеа қувваи пешбарандаи рушди ҷамъият аст. Лекин дар ҷомеашиносии шӯравӣ, дар асоси сиёсати давлат, ба ин масъала ба таври зарурӣ диққат намедоданд.

Ба ҷойи таҳқиқ ва баҳогузории объективӣ қонунҳои рушди ҷамъиятӣ, ҷомеашиносони шӯравӣ ба шарҳу эзоҳ ва асоснокнамоии баёноту изҳороти ходимони алоҳидаи сиёсии кишвар машғул буданд. Аз ин рӯ, чунин меҳисобанд,

ки маҳз чунин муносибат ба воқеияти рушди ҷамъиятӣ, ба дарки объективии падида ва равандҳои ҷамъиятӣ таъсири манфӣ расонид.

Қайд намудан зарур аст, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ назарияи «рушди бенизоъ» коркард шуда буд, ки ба пуррагӣ мавҷудияти ихтилофотҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва низоъро дар сохтори сотсиалистӣ рад менамуд. Лекин, дар доираи ин назария чунин нуқтаи назар пешниҳод карда мешуд, ки агар дар ҷомеа ихтилофот ва низоъ пайдо шавад, пас ин танҳо аз ҳисоби фаъолияти боқимондаҳои собиқ синфҳои истисморгар аст.

Метавон қайд намуд, ки ин назария дар амалия инъикоси худро ёфта буд, зеро дар доираи сиёсати давлат тамоми қувваҳои ҷамъиятӣ, ки метавонистанд сабабгори чунин мухолифатҳо ва низоъҳо бошанд, барҳам дода шуда буданд. Тавре маълум аст, чунин қувваҳои ҷамъиятӣ, ки метавонистанд ба рушди бомуваффақияти сотсиализм халал расонанд, душманони сохтори Шӯравӣ эълон гардида буданд. Аз ин рӯ, қувваҳои ҷамъиятии мазкур нобуд карда мешуданд.

Дар натиҷаи чунин сиёсат на танҳо замина барои мавҷудияти қувваҳои бадхоҳи иҷтимоӣ аз байн бардошта шуд, балки худи ин қувваҳои иҷтимоӣ нобуд карда шуданд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар асоси амалӣ намудани назарияи рушди бенизоъ, ба ҷомеа зарари бузург расонида шуд. Бояд фарқияти манфиатҳо ҳамчун сарчашмаи ихтилофотҳо ва низоъҳои иҷтимоӣ омӯхта ва таҳқиқ карда мешуданд. Лекин дар ҷомеаи шӯравӣ диққати асосӣ ба наздикшавии манфиати гурӯҳҳо ва қишрҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ равона карда мешуд, зеро дар сотсиализм ин манфиатҳо бояд якҷоя шуда, манфиати умумии тамоми ҷомеаро ташкил менамуданд.

Ҳамин тариқ, дар воқеият, низоъҳое, ки дар ҷомеаи пасошӯравӣ ба миён омаданд, нишона ва натиҷаи



ихтилофотҳои ҷиддие мебошанд, ки дар доираи низоми мавҷуда ҳалли худро наёфта буданд.

Бозсозӣ, ки соли 1985 бо роҳбари Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ Горбачёв М.С. оғоз гардид, доираҳои илмиро ба баҳсҳои бепоён ва баҳогузориҳои ба ҳам зид нисбат ба нақш ва натиҷаи таърихии он, баргардонид. Дар ҷараёни бозсозӣ, равандҳои бебозгашти фурӯпошии иҷтимоии давлати бузург, ки одатан онро империя меномиданд, ба миён омаданд.

Инқилоби соли 1917 ҳамшабеҳи бозсозӣ ба ҳисоб меравад. Худи ислоҳотчиён ҳамчун қувваи пешбаранда, тадриҷан риторикаи инқилобиро истифода намуда, стратегияи бозсозиро зери шиорҳои Инқилоби Октябр коркард намуданд. Ба андешаи онҳо мақсад ва вазифаҳое, ки назди бозсозӣ гузошта шуда буданд, бо мақсаду вазифаҳои Инқилоби Октябр монанд мебошанд. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки бозсозӣ ҳамчун падидаи беназир, хусусияти пурихтилофи афкори сиёсӣ ва хусусиятҳои хосси маданияти сиёсии пасошӯравиро таҷассум менамуд.

Аз оғози бозсозӣ амалияи муносибат бо ҷомеа ва ҷаҳони беруна тағйир ёфт, сиёсати расми ҳамчун унсури муҳими маданияти сиёсӣ эътироф гардид. Қайд намудан зарур аст, ки чунин сиёсат асосан дар баромаду изҳороти шахсони аввали давлат таҷассум меёфт, ки боиси интишор шудани теъдоди зиёди баромади шахсони аввали давлат гардид.[49]

Дар баъзе ҳолатҳо сиёсати бозсозӣ дастгирӣ карда мешуд ва чунин шуморида мешуд, ки ин сиёсат барои бунёди ҷомеаи нав имконият фароҳам меоварад ва рушди минбаъдаи ҷомеаи шӯравиро таъмин менамояд. Метавон қайд намуд, ки ин маводҳо асосан ҳамчун ҷавоби афкори ҷамъиятиву сиёсӣ ба изҳороти ҳокимият нашр мегардиданд.

[49] Ниг.: Горбачев М.С. Избранные речи и статьи. 1987–1990. В 7 т. –М.: Политиздат, 1987–1990

Қайд намудан зарур аст, ки афкори сиёсии шӯравӣ ва амалияи сиёсӣ дар заминаи марксизм рушд меёфтанд. Маҳз дар асоси корҳои марксистон ғояҳо рушд меёфтанд ва нақшаҳо барои оянда тарҳрезӣ мешуданд.

Дар заминаи марксизм тафсири мафҳумҳои «инқилоб» ва «ислоҳот» пешниҳод гардидааст. Дар амалия чунин тафсир бо мундариҷаи мушаххас пурра гардонида шудааст, ки аз тасаввурот ва сатҳи маълумотнокии сарварони сиёсӣ вобаста буд.[50]

Бозсозӣ ҷомеаи сермиллатро бо арзиши барҳам додани фазои ягонаи сиёсӣ озод намуд. Бозсозӣ маҳз дар масъалаи миллӣ бо душворӣ рӯ ба рӯ гардид, ки ихтилофот ва низоъҳои мухталифи баъд аз оғози бозсозӣ дар фазои пасошӯравӣ бавуқӯъомада далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Сиёсати бозсозӣ, ки аз тарафи як қисми роҳбарияти Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ бо сарварии М.Горбачев оғоз гардид, ба дигаргуниҳои назаррас дар ҳаёти кишвар ва умуман ҷаҳон оварда расонид. Дар ҷараёни бозсозӣ мушкилоти даҳсолаҳо ҷамъшуда, махсусан дар иқтисодиёт ва соҳаи муносибати байни миллатҳо рӯйи кор омаданд. Ғайр аз ин, саҳву хатогиҳое , ки дар раванди гузаронидани худи ислоҳот роҳ дода шуданд, илова гардидиданд. Якбора мухолифати сиёсии неруҳое, ки ҷонибдори роҳи сотсиалистии рушд ва ҳизбу ҳаракатҳое, ки ояндаи кишварро бо ташкили ҳаёт дар асоси принсипҳои капитализм алоқаманд менамуданд, тезутунд гардид. Инчунин, дар масъалаи симоиояндаи Иттиҳоди Шӯравӣ, муносибатҳои мутақобилаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ дар сатҳи иттифоқ ва дар сатҳи ҷумҳуриҳо, якдигарфаҳмӣ вуҷуд надошт. Дар оғози солҳои 1990 бозсозӣ боиси авҷ гирифтани бухрон дар тамоми

[50]Ниг.: Завалько Г.А.Понятие «революция» в философии и общественных науках: проблемы, идеи, концепции. Серия «Размышляя о марксизме». – М.: КомКнига, 2005. –С.35.



соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ гашт ва ба фурӯпошии минбаъдаи ИҶШС оварда расонид.

Лекин, мо ҳатто тасаввур карда наметавонистем, ки М.Горбачев чӣ гуна шахсро ҳамчун сарвари ғоявӣ интихоб менамояд. Соли 2001 А.Н.Яковлев, фаъолияти худро ба хотир оварда, эътироф намуд: «Дар давраҳои аввали бозсозӣ мо маҷбур будем, ки қисман дурӯғ гӯем, дурӯя бошем, маккорӣ намоем, зеро роҳи дигар вуҷуд надошт. Мо маҷбур будем ва ин аст хусусияти хосси бозсозии сохти тоталитарӣ, яъне шикасти ҳизби тоталитарии коммунистӣ».[51]

Соли 1985 А.Н.Яковлев мудири шуъбаи таблиғоти Комитети Марказии Иттиҳодӣ Шӯравӣ таъйин гардид ва баъдтар идеологи асосии «бозсозии» горбачевӣ гардид. Дар он давра дар бораи ӯ овозаҳои гуногун, махсусан, оид ба ватанро дӯст надоштанаш, ҷой доштанд, мақолаи дар солҳои 70-ум навиштаи ӯро ба хотир меоварданд, ки аз мавқеи бадбинии халқи рус навишта шуда буд. В.А. Крючков дар китоби худ менависад: «Ман ягон маротиба аз Яковлев ягон сухани гармро оид ба Ватан нафаҳмидаам, мушоҳида накардаам, ки ӯ аз чизе фахр карда бошад, масалан аз ғолибияти мо дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Ин маро махсусан дар ҳайрат мегузошт, зеро ӯ худ иштирокчии ҷанг буд, ҷароҳати сахт бардошта буд. Мумкин аст, кӯшиши барбод додан, бе эътибор донистани ҳама кас ва ҳама чиз, аз адолат - ҳиссиёти табиии инсон, поквиҷдонӣ нисбат ба Ватан ва миллату халқи худ боло гирифтааст. Боз як нукта, ман ягон вақт аз ӯ сухани хубро оиди миллати рус нафаҳмидаам. Мафҳуми «халқ» барои ӯ ягон вақт арзише надошт».[52]

Дар муқаддимаи нашрияи «Китоби сиёҳи коммунизм» ба забони русӣ А.Н. Яковлев менависад: «Пас аз анҷумании XX Ҳизби коммунистӣ дар доираи хеле маҳдуди рафиқон ва

[51] Соломенцев М.С. Зачистка в Политбюро. Как Горбачев убрал врагов. – М.: Эксмо, 2011. –С.201.
[52]Ҳамон ҷо.. –С.203.

ҳамфикрони наздики худ мо мушкилоти демократикунонии кишвар ва ҷомеаро баррасӣ менамудем. Методи одӣ – методи ташвиқоти «ғояҳоро» интихоб намудем. Гурӯҳи воқеииислоҳотчиён нақшаи зеринро (албатта, ба таври шифоҳӣ) коркард намуданд: бо обрӯю эътибори Ленин, Сталин ва сталинизм зарба задан. Сипас, дар ҳолати муваффақият, бо Плеханов ва сотсиал-демократия зарба задан ба Ленин, бо либерализм ва «сотсиализми маънавӣ» зарба задан ба равандҳои инқилобгаро, дар маҷмӯъ.

Режими тоталитарии шӯравиро танҳо тариқи озодбаёнӣ ва тартиботи умумии ҳизб, ҳамзамон бо манфиатҳои мукаммал намудани сотсиализм амали худро рӯйпуш намудан, аз байн бурдан мумкин буд. Ба қафо нигариста, метавонам бо ифтихор гӯям, ки тактикаи ҳилагарона, лекин одӣ – механизми тоталитаризм ба муқобили системаи тоталитаризм муваффақ гардид».[53]

Маҳз А.Н.Яковлев, бо ризоияти М.С.Горбачев, ҷобаҷогузории кадрҳои ҳизбиро оғоз менамояд, бо истифода аз методҳои гуногун аз ҳаёти сиёсӣ одамони дорои ақидаҳои «номувофиқу номуносиб» дур карда шуданд. Масалан, чунин метод нисбати муҳаррири боистеъдод ва боғайрату фаъоли маҷаллаи «Коммунист» Р.И.Косолапов истифода гардид. Ӯро аз вазифа озод намуда, ба Университети Москва ба кор фиристоданд. Ричард Иванович яке аз нафароне буд, ки ҳатто баъди аз маҷалла рафтан, аз болои ӯ назорат мебурданд. «Назорат» дар он зоҳир мегардид, ки ба ин шахси қобилиятнок аз нав ба боло рафтан дар зинаи хизматӣ ва ҷамъиятӣ роҳ дода намешуд. Ҳодисаву воқеаҳои минбаъда нишон доданд, ки А.Н.Яковлев кадрҳои идеологиро хело хуб медонист.

Вале, якумин « таҷдиди ҳизбӣ»- ро М.С Горбачев фавран пас аз интихоб гардиданаш ба вазифаи Котиби генера-

[53] Соломенцев М.С. Зачистка в Политбюро. Как Горбачев убрал «врагов перестройки». –М.: Эксмо, Алгоритм, 2011. –С. 204.



лии Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ гузаронида буд. Яке аз аввалинҳо шуда соли 1985 Г.В. Романов, Н.А. Тихонов ва В.В. Гришин буданд, аз ҳайати Бюрои сиёсии Комитети Марказии Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ хориҷ карда шуданд. Дар давоми се сол 85% ҳайати Комитети Марказӣ нав карда шуд, ки аз нишондиҳандаи солҳои 1934-1939 зиёд буд, дар он давра 77% ҳайати КМ нав гардида буд. Тавсифу ситоиши иваз намудани кадрҳо нуқтаи кулминатсионӣ дар ҷобаҷогузории кадрии соли 1988 гардид, ки дар анҷоми он аз ҳайати Бюрои сиёсӣ ва Комитети Марказии Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ А.А. Громико и В.И. Долгих хориҷ карда шуданд.[54]

Тағйироти кадрие, ки аз тарафи М.С.Горбачев анҷом дода шуд, на танҳо роҳбарияти ҳизбӣ ва шӯравиро заиф гардонид, балки ба фоҷиаҳо бо талафоти ҷонӣ оварда расонид. 11 декабри соли 1986 маҷлиси Раёсати Ҳизби Коммунистӣ баргузор гардид, ки оиди ба нафақа рафтани Котиби якуми Ҳизби коммунистии Қазоқистон Д.А Кунаев қарор қабул намуд.

Ин қарор зери фишори М.С.Горбачев қабул гардида буд. Пас аз қарори Раёсат оиди ба нафақа рафтани Д.А.Кунаев, Пленуми Комитети Марказии Ҳизби коммунистии Қазоқистон баргузор гардид, ки 16 декабри соли 1986 Г.В.Колбинро котиби якуми Комитети Марказии Ҳизби коммунистии Қазоқистон интихоб намуд. Ӯро дар ҷумҳурӣ дастгирӣ намекарданд, илова бар ин, қоидаи ҳанӯз дар давраи Сталин муқарраршуда вайрон карда шуд. Мувофиқи ин қоида котиби якуми ҳизби коммунистии миллӣ аз ҳисоби намояндаи халқу миллати мувофиқ интихоб карда мешуд.

Таъйин гардидани Г.В.Колбин сабаби баргузории намоишҳои оммавӣ дар Алма-Ато гардид. Агар ба Д.А.Кунаев имконият медоданд, ки дар назди халқ баромад намояд, ин

[54] Соломенцев М.С. Зачистка в Политбюро. Как Горбачев убрал «врагов перестройки». –М.: Эксмо, Алгоритм, 2011. – С.206.

намоишҳо пешгирӣ мешуданд. Барои ҳалли ин масъала 17 декабри соли 1986, тақрибан соатҳои 11 Д.А.Кунаев ба Комитети Марказии Ҳизби коммунистии Қазоқистон омад. Ӯ дар қабулгоҳи котиби якум ду соат интизор гардид, лекин тақрибан соати 13, Г.В.Колбин изҳор намуд, ки ӯ озод аст, метавонад истироҳат намояд, вазъият бе ӯ ҳам ба эътидол меояд.

Дар ҳамин вақт, тавре, ки Е.К.Лигачев қайд менамояд, ба шуури котиби генералӣ татбиқ кардани ба ном «синдроми Хрушев» пайдо шуда оғоз гардид. Дар рӯзномаҳо доимо овозаҳо нисбати «сӯиқасд» бар зидди М.С.Горбачев паҳн мегардиданд ва дар навбати аввал Лигачевро ном мебурданд. Ӯ дигар ба гурӯҳи Горбачев, ки бо омадани Яковлев аз нав ташкил ёфт ва дар алоқамандӣ бо оғози тағйири тамоили мақсадҳои бозсозӣ, мувофиқ намеомад. Аз ин хотир, овозаҳо оид ба «суиқасд», танҳо ба манфиати Яковлев буданд.[55]

А.Н.Яковлев образи душмани бозсозиро ихтироъ кард. Ин мафҳум – «душмани бозсозӣ» якумин маротиба дар саҳифаҳои «Рӯзномаи Москва» («Московские новости») пайдо шуд. Тавре Е.К.Лигачев таъкид менамояд, чунин пурпечутобӣ дар сиёсат маънои онро дошт, ки моҳиятан худи мафҳуми «бозсозӣ» ба таври махфӣ бо мафҳуми «ҷаҳиши бузург» иваз карда мешуд. Нафароне, ки пеш аз чунин ҷаҳиш эҳтиёткорӣ зоҳир намуда, доимият ва мутассилии раванди навсозии сотсиализмро бе тағйири асосҳои он бехтар мешумориданд, тарафдорони методҳои пешинаи фармондиҳиву бюрократӣ, қувваҳои боздоранда ва умуман консерватор эълон карда мешуданд.

М.С.Горбачев мақсадҳои сиёсати «бозсозии» худро соли 1999 дар семинар дар Университети америкоии дар Туркия нисбатан ошкоро баён намуд. Ӯ чунин иброз дошт:

«Мақсади тамоми ҳаёти ман барҳам додани коммунизм буд, ки нисбат ба одамон диктатураро раво медид. Маро ба пуррагӣ ҳамсарам дастгирӣ намуд, ки зарурати

[55] Лигачев Е.К. Предостережение // Газета «Правда». 1999. февраль.



инро ҳатто пештар аз ман дарк намуда буд. Маҳз барои ба даст овардани ин мақсад ман мавқеи худро дар ҳизб ва кишвар истифода намудам. Маҳз аз ҳамин рӯ ҳамсарам маро барои ба таври муттасил ишғол намудани мансабҳои баланд дар кишвар тарғиб менамуд. Вақтеки ман бо Ғарб шинос шудам, фаҳмидам, ки наметавонам аз мақсади пешгузошташуда қафо гардам. Барои ба даст овардани ин мақсад манро зарур буд, ки тамоми роҳбарияти Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Иттиҳоди Шӯравӣ ва инчунин тамоми кишварҳои сотсиалистиро иваз намоям.

Идеали ман дар он давра роҳи кишварҳои сотсиал-демократӣ буд. Иқтисодиёти нақшавӣ ба амалӣ намудани иқтидоре, ки дар он давра миллату халқиятҳои лагери сотсиалистӣ доро буданд, имконият намедод. Танҳо гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ метавонист имконияти рушди динамикиро пешниҳод намояд… Роҳи халқ ба озодӣ душвор ва тулонӣ аст, лекин ҳатман бомуваффақият хоҳад буд. Танҳо барои ин тамоми ҷаҳон бояд аз коммунизм озод гардад».[56]

М.С.Горбачев дар оғози ҳукмронии худ дарк карда наметавонист, ки чӣ гуна таҳдиду хатарҳоро ихтилофот ва низои байни миллатҳо барои Иттиҳоди Шӯравӣ пеш меоранд. Ӯ боварӣ дошт, ки масъалаи миллӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ҳалли худро ёфтааст. Воқеият тасаввуроти ӯро рад намуд.

Низоъ байни Арманистон ва Озарбойҷон барои Қарабоғи Кӯҳӣ моҳи марти соли 1988 ба қатлу ғорати оилаҳои арманӣ дар Сумгаитии Озарбойҷон оварда расонид. Дар навбати худ, ҳазорҳо озариҳо маҷбур гардиданд, ки аз Арманистон ва Қарабоғи Кӯҳӣ фирор кунанд. Дар оғози соли 1989 роҳбарияти иттифоқӣ дар Қарабоғ

[56] Речь М.С. Горбачева на семинаре в Американском университете в Турции [Электронный ресурс]. – URL: http://patriotica.ru/enemy/gorbachev_speech.html (дата обращения: 17.09.2018 г.)

ҳукмронии бевоситаи Иттиҳодиро ҷорӣ намуд ва бо ин роҳ ният дошт, ки ин мушкилотро ҳал намояд. Лекин, охири ҳамон сол Қарабоғи Кӯҳиро ба доираи ҳуқуқии Озарбойҷон баргардонид. Шӯрои Олии Арманистон дар ҷавоб ба ин амал, оид ба ҳамроҳ намудани Қарабоғи Кӯҳӣ ба Арманистон қарор қабул намуд. Низоъ ба ҷанги байни қисмҳои ҳарбии Озарбойҷон ва Қарабоғи Кӯҳӣ мубаддал гардид, ки дар он Қарабоғи Кӯҳӣ аз тарафи Арманистон дастгирӣ карда мешуд. Шӯрои Олии Озарбойҷон 24 сентябри соли 1989 қонун оид ба истиқлолияти ҷумҳуриро қабул намуд. Дар моҳи январи соли 1990 дар Боку қатлу ғорати арманиҳо оғоз гардид. Дар ҷавоб қӯшунҳои иттифоқӣ ба Озарбойҷон даровaрда шуданд, ки ин боиси қурбониҳои зиёд байни аҳолӣ гардид.

Дар Грузия сарнагун кардани ҳукумати сотсиал-демократии меншевикии Грузияи соҳибистиқлолро дар соли 1922 аз тарафи Армияи Сурх ба хотир оварданд. Дар моҳи май-июни соли 1989 дар Фарғона қатлу ғорати туркҳо-месхетиниҳо, ки ҳанӯз соли 1944 ба ин ҷо фиристода шуда буданд, ба миён омад. Роҳбарияти ҳарбӣ то гирифтани амру фармонҳои бевосита ба ин амал дахолат накард. Дар натиҷа, ҳазорҳо нафар қурбонии зӯриву зӯроварӣ гардиданд. Ин ҳодисаву падидаҳо боиси муносибати танқидии аҳолии таҳҷоӣ нисбат ба ҳокимияти иттифоқӣ гардид. Тирамоҳи соли 1989 болоравии ҳаракатҳои миллӣ дар Украина ба назар мерасид. Анҷумани 1-уми ҳаракати РУХ, ки барои соҳибистиқлолии Украина баромад менамуд, барпо гардид.

Зери таъсири бетартибиву бесарусомониҳои иқтисодӣ дар ҷумҳуриҳо шиддатнокии иҷтимоӣ боло рафт. Норозигӣ аз сиёсати роҳбарияти маркази аксарияти иттиҳодияҳои ғайрирасмии сиёсиро аз тарафдорони бозсозӣ ба мухолифони он мубаддал мегарданд, онҳо мавқеи зиддииттиҳодиро ишғол менамуданд. Сарварони фронтҳои миллӣ ба тариқи дақиқ мушкилоти иқтисодӣ ва миллии



ҷумҳуриҳои худро тасвият карда, боварии аҳолиро ба даст меоварданд ва дарҳол ба неруи бонуфӯзи сиёсӣ табдил меёфтанд.

Маъруфияти зиёдро талаботи барқарор намудани истиқлолияти давлатии ҷумҳуриҳои миллӣ касб намуд. Дар ҷумҳуриҳои назди Балтика талаботи асосӣ эътироф накардани Шартномаи соли 1939 байни Иттиҳодӣ Шӯравӣ ва Германияи фашистӣ гардид, ки ҳамчун муоҳидаи Молотов – Риббентроп машҳур аст. Ин шартнома ба Иттиҳоди Шӯравӣ имконият дод, ки ҷумҳуриҳои назди Балтикаро забт кунанд. Моҳи ноябри соли 1988 Фронти миллии Эстония бо талаботи эътирофи истиқлолият, мустақилияти сиёсӣ ва тағйири муносибат ба моликият дар ҷумҳурӣ баромад намуд. Равандҳои ба ин монанди болоравии худшиносии миллӣ, ҷустуҷӯи ҳувияти миллӣ ва муайян намудани манфиатҳои миллӣ дар Литва, Латвия, Озарбойҷон, Молдова ва Украина ҷараён доштанд. Дар пойтахтҳои ҷумҳуриҳо мавҷи намоишу гирдиҳамоиҳо шуда гузаштанд. Гирдиҳамоии оммавӣ дар Кишенев ба бетартибиҳо мубаддал гардид.

Натиҷаи ин дигаргуниҳои сиёсӣ дар рӯҳияи аҳолии ҷумҳуриҳо боиси шиддатнок гардидани мавқеи роҳбарони онҳо нисбат ба роҳбарияти марказ гардид. Доираи ҳукумрон умед ба он доштанд, ки ин ҳаракату ҷумбишҳо роҳро барои ба даст овардани ҳокимият дар ҷумҳуриҳои соҳибистиқлол барои онҳо мекушоянд. Таърих ин интизориҳоро тасдиқ намуд. Дар Грузия ба ҷойи гурӯҳи президент Гамсахурдиа қавми Шеварднадзе омад, дар Озарбойҷон президент Абулфаз Элчибей, сарвари фронти миллиро Гейдар Алиев – собиқ аъзои Раёсати Кумитаи Марказии Иттиҳоди Шӯравӣ иваз намуд. Дар тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи миёна ҳокимият дар дасти собиқ аъзоёни Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ боқӣ монд. Барои қисми зиёди бюрократияи ҳизбӣ ҳаракатҳои миллӣ номақбул буданд.

Ба низоъҳои байни миллату халқиятҳо ва қувват гирифтани ҳаракатҳои миллӣ роҳбарияти иттифоқӣ ё ҷавоб намедод, ё қувваро нисбати онҳо истифода менамуд. Қӯшунҳои ҳавзаи ҳарбии назди Қафқоз Гирдиҳамоии осоиштаро дар Тбилиси бо истифодаи гази гиряовар пароканда намуд, ки қурбониҳо зиёд буданд. Фармон оид ба истифодаи қушун барои пароканда намудани гирдиҳамоӣ аз ҷониби ҳокимияти ҳизбии маҳаллӣ дода шуда буд, лекин хашму ғазаби аҳолӣ ба муқобили Москва равона шуда буд. М.С.Горбачев дарк менамуд, ки истифодаи қувва на танҳо обрӯю эътибори ӯро халадор менамояд, балки Иттиҳоди Шӯравиро бе қарзҳои Ғарб мегузоранд.Ҷазодиҳии оммавӣ танҳо ба шикасту муфлисшавии давлат суръат мебахшид. Лекин, дарки ин масъала, масъалаи бо кадом роҳ ҳифзу нигоҳ доштани Иттиҳоди Шӯравиро бартараф намекард.

Бо рушди бозсозӣ мушкилоти миллӣ бештарро касб намуданд. Онҳо ҳам шакли талаботи истиқлолияти давлатӣ, ҳам шакли низоъҳои миллиро гирифтанд.

Ҳаракатҳои миллӣ ва «паради истиқлолиятхоҳиҳо» оғоз гардиданд. Дар мавҷҳои бозсозӣ дар як қатор ҷумҳуриҳои иттифоқӣ қувваҳое ташкил ёфтанд, ки мустақилияти миллиро ба даст оварданд. Дар Эстония, Латвия, Белорусия ҳаракатҳои ҷамъиятии оммавии «Фронти миллӣ» (октябр 1988), дар Литва – «Саюдис» (сентябри 1988), дар Украина «Рух» бунёд ёфтаанд. Ин ҳаракатҳо дар аввал вусъат додани раванди демократикунонӣ, нигоҳ доштани забон ва фарҳанги хосси халқи худро талаб менамуданд. Дере нагузашта, шиорҳои васеъ намудани ваколатҳои ҳокимиятии ҷумҳуриҳо ба талаботи мустақилияти пурра ва баромадан аз ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ, яъне истиқлолияти давлатӣ мубаддал гардиданд. Алалхусус, Конститутсияи Иттиҳоди Шӯравӣ расман ҳуқуқи ҷумҳуриҳои Иттиҳодиро ба худмуайянкунӣ то ҷудо гардидани онҳо аз иттифоқ эътироф карда буд. Дар ҷумҳуриҳои назди Балтика ин бо аз



нав дида баромадани муносибатҳои ҳуқуқӣ ва баҳогузориҳои сиёсии ворид гардидани ин ҷумҳуриҳо ба Иттиҳоди Шӯравӣ, талаботи эътирофи далели забт гардидани ин кишварҳо аз ҷониби Давлати Шӯравӣ дар соли 1940 ҳамроҳӣ карда мешуд.

16 ноябри соли 1988 Шӯрои Олии Эстония бартарии қонунҳои ҷумҳуриро аз қонунҳои Иттиҳоди Шӯравӣ эълон кард ва 26 ноябр Декларатсияи истиқлолиятро қабул намуд, ки ба мақомотҳои олии Эстония ҳуқуқ медод, ки дар ҳудуди худ амали меъёрҳои қонунгузории Иттиҳоди Шӯравиро боздоранд. Ҷудоихоии ҷумҳуриҳо номи «паради истиқлолиятҳоро» гирифт.

Моҳи августи соли 1989 Шӯрои Олии Литва меъёрҳои ҳуқуқиро оид ба ворид шудан ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ ғайриқонунӣ эълон намуд. Моҳҳои феврал–марти соли 1990 ҳаракати «Саюдис» дар интихоботи Шӯрои Олӣ Литва ғолиб омад, ки дере нагузашта қарори барқарор намудани давлати Литваро қабул намуд; дар интихобот ба Шӯрои Олӣ дар Латвия ва Эстония низ Фронтҳои миллӣ ғолиб омаданд. Шӯрои Олии Эстония истиқлолияти ҷумҳуриро эълон дошт (бо нигоҳ доштани алоқаҳо бо марказ). Дар оғози моҳи май Шӯрои Олии Литва декларатсияро оиди барқарор намудани истиқлолияти ҷумҳурӣ қабул намуд.

Моҳи июни соли 1990 истиқлолияти РСФСР – ҷумҳурии калонтарин ва бунёдкунандаи системаи Иттифоқ, эълон карда шуд ва дар октябри ҳамон сол қонун оиди ҳуқуқи мақомоти ҷумҳуриявӣ нисбати боздошти амали меъёрҳои ҳуқуқии иттифоқӣ дар ҳудуди РСФСР қабул карда шуд.

Ин ба шиддат гирифтани низои байни роҳбарияти иттифоқ ва мубаддал гардидани Иттиҳоди Шӯравӣ аз абарқудрат ба давлати бунёдии шартӣ оварда расонид ва ба фурупошии ниҳоии он мусоидат намуд.

Моҳи августи соли 1990 Шӯрои Олии Арманистон истиқлолияти ҷумҳуриро эълон дошт, моҳи август-ноябр истиқлолияти давлатиро Тотористон, Карелия, Якутия, Коми, Удмуртия, Бошқирдистон ва дигар собиқ автономияҳои РСФСР эълон намуданд, моҳи декабр Молдавия, Украина, Озарбойҷон истиқлолияти давлати эълон карданд.

Моҳи феврали соли 1991 Шӯрои Олии Литва қонуни конститутсиониро оид ба соҳибистиқлолии Литва қабул намуд. Моҳи марти соли 1991 аксарияти иштирокчиёни раъйпурсӣ дар Литва, Эстония ва Грузия барои соҳибистиқлолии ҷумҳуриҳои худ овоз доданд. 9 апрели соли 1991 дар солгарди дуюми ҳодисаҳои фоҷиавии 9 апрели соли 1989, дар Тблиси Шӯрои Олии Грузия қарорро оид ба барқарор намудани соҳибистиқлолии давлатӣ қабул намуд, 26 майи ҳамон сол якумин президенти Грузия З.Гамсахурдиа интихоб гардид.

Мухолифатҳо ва низоъҳои миллӣ дар аксарияти ҳолатҳо аз тарафи ходимони сиёсӣ аз лагерҳои гуногун ба таври сунъӣ барангехта мешуданд ва онҳо кӯшиш менамуданд вазъияти баамаломадаро барои ҳалли ин ё он проблема истифода намоянд. Дар ҳама ҷо, ҳокимиятҳои маҳаллӣ соҳаҳои асосии саноатро ба дасти худ гирифтанд.

Дар як қатор ҳолатҳо кӯшишҳои монеа пеш овардан ба ҳаракатҳои миллӣ шакли ҳарбиро мегирифтанд. Москва ё роҳбарияти маҳаллии коммунистӣ кӯшиш менамуданд оппозитсияро нигоҳ доранд, ҳатто баъзан аз қувваи ҳарбӣ истифода менамуданд. Масалан, рӯзи якшанбеи 9 апрели соли 1989 дар Тблиси бо истифода аз артиш гирдиҳамоии осоишта, ки бо шиорҳои пешниҳоди истиқлолият ба Грузия баромад менамуданд, пароканда карда шуд (21 нафар ҳалок, теъдоди зиёди одамон ҷароҳатҳои мухталиф бардоштанд).

Ба хотири пешгирӣ намудани баромади Литва аз ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ, 13 январи соли 1991 артиш,



танкҳо ва қисмҳои махсус ба Вилнюс ворид шуданд ва кӯшиш намуданд маркази телевизионии Вилнюсро ба даст оранд ва табаддулоти давлатиро дар ҷумҳурӣ анҷом диҳанд. Лекин, аҳолии Вилнюс ба ин амал монеа гардиданд. Пас аз як ҳафта, рӯзи якшанбе, 20 январи соли 1991, қисмҳои махсус ба Вазорати корҳои дохилии Латвия ҳуҷум карданд.

Изтироби оммавӣ дар заминаи миллӣ, ки бо истеъфои Д.А.Кунаев аз мансаби котиби якуми Ҳизби коммунистии Қазоқистон ба миён омада буд, рӯзҳои 17-19 декабри соли 1986 дар Алма-Ато шуда гузашт. 24 июни соли 1987 гирдиҳамоии тоторҳои Қрим дар Майдони сурхи Москва бо талаби барқарор намудани мухторияти миллати қриму тотор шуда гузашт.

Моҳи феврали соли 1988 низои мусаллаҳонаи тӯлонӣ байни Арманистон ва Озарбойҷон барои Қарабоғи Кӯҳӣ оғоз гардид (дар харитаи Иттиҳоди Шӯравӣ аввалин «нуқтаи даргир» пайдо шуд). 28-29 феврали соли 1988 дар Сумгаити қатлу ғорати арманиҳо ба миён омад. Моҳи январи соли 1990 дар алоқамандӣ бо шиддат гирифтани низои байни Арманистон ва Озарбойҷон, бетартибиҳову куштору ғорати хунин, дар Боку ҳолати фавқулода эълон карда шуд, шаби 19 ба 20 январ бошад ба шаҳр қӯшунҳои Вазорати корҳои дохилии Иттиҳоди Шӯравӣ ворид карда шуданд. 134 нафар кушта ва зиёда аз 700 нафар ҷароҳатҳои гуногун бардоштанд. Соли 1989 ва махсусан дар солҳои 1990-1991 дар Осиёи Марказӣ бархурдҳои хунин шуда гузаштанд – дар Алма-Ато, дар водии Фарғона, дар Душанбе ва як қатор ноҳияҳои дигар. Бештар аз ҳамма, ақаллиятҳои миллӣ, ки ба онҳо аҳолии русзабон низ дохил мешуд зарар диданд. Низоъҳои мусаллаҳонаи этникии шиддатнок дар Қавқоз, пеш аз ҳама, низоъҳои Грузия, Абхазия ва Осетияи Ҷанубӣ ба ҳисоб мерафтанд. Солҳои 1990-1991 дар Осетияи Ҷанубӣ, моҳиятан, ҷанги воқеӣ ҷой дошт, ки дар он

ярокҳои вазнин, авиатсия ва танкҳо истифода мешуданд. Бархӯрд, аз он ҷумла, бо истифодаи яроқи оташфишон, байни миллатҳои гуногуни кӯҳистон ба миён меомаданд.[57]

Мухолифати байни русҳо ва молдованҳо дар Приднестрове ҷой дошт, ки аҳолии он ба муқобили вайрон гардидани ҳуқуқи миллии худ ва баромадани Молдова аз ҳайати Иттифоқ эътироз менамуданд. Дар ҷумҳуриҳои назди Балтика як қисми аҳолии русзабон муқобили роҳбарияти ҷумҳурӣ баромад менамуд. Ихтилофот аз тарафи қисме аз роҳбарияти марказии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ дастгирӣ карда мешуд.

Қайд намудан зарур аст, ки пайдоиши низоъҳои мухталиф шаҳодати сиёсати нокоми миллии бозсозӣ буда, хусусияти бардуруғии демократии онро нишон доданд. Ҳамин тариқ, гирдиҳамоиҳо, корпартоиҳо бо талаботи хусусияти миллӣ дошта тадриҷан ба бархӯрди ошкоро гузаштанд, ки бо боварии комил метавон гуфт, ки натиҷаи бозсозӣ дар давлати шӯравӣ буданд.

Марказ қудрат надошт, ки тарафҳои мухолифро оштӣ диҳад, аз ин рӯ ҳарчи бештар аз принсипҳои конститутсионии умумидавлатӣ дур мегардид. Маҳз чунин амал ногузир низои байни миллатҳоро дар фазои шӯравӣ пас аз даврai оғози бозсозӣ бармеангехт. Ба андешаи мо, маҳз бозсозӣ ва пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун давлат рӯйдодҳои рамзие гардиданд, ки рушди минбаъдаи давлатҳои нави соҳиб-истиқлолро муайян намуданд. Яке аз сабабҳои асосии фурупошии давлати шӯравӣ эҳёи миллӣ дар ҷумҳуриҳои шӯравӣ гардиданд, ки дар аксарияти ҳолатҳо боиси низоъҳои байни миллатҳо мешуд.

Ҳамин тариқ, метавон таъкид намуд, ки оғози солҳои 90-ум дар фазои Иттиҳоди Шӯравӣ зери ливои эҳёи этникиву миллӣ ва ба даст овардани соҳибистиқлолӣ аз ҷониби

[57] Жуков В.Ю. Новейшая история России: Перестройка и переходный период. 1985-2005. –СПб., 2006. –С.51.



ҷумҳуриҳои бародар гузаштааст. Илова бар ин, кӯшиши сарварони ҳаракатҳои ғайрирасмии ҷамъияти иттифоқӣ ва ҷумҳуриҳои худмухтор ҳаракати умумидемократӣ ба муқобили тоталитаризми шӯравӣ ба ҳисоб меравад, ки ин натиҷаи раванди бозсозӣ мебошад. Як қатор муаллифон дар голибияти ин ҳаракатҳои миллӣ гарави бадастории озодии шахсии аксарияти миллатҳоро дар фазои пасошӯравӣ аз парастории «империяи Кремл» медиданд.[58]

Қайд намудан зарур аст, ки дар дарки илмии мактабҳои Ғарб, бозсозиро ҳамчун омили асосии «инқилобҳои бахмалин», аз байн бурдани девори Берлин, интиҳои «ҷанги сард», пошхӯрии «империяи бадӣ» баррасӣ мекарданд. Маҳз бозсозӣ сабаби асосии фурупошии ИҶШС гардид, зеро дар ин раванд тамоми мушкилот, ки солҳои тӯлонӣ ҳукумат тахти назорат қарор дода буд, ногаҳон ошкор шуданд. Ҳамин тариқ, маҳз бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ дар давлати шӯравӣ сабаби ҳалли мушкилоти ҷиӣд гардиданд, ки дар солҳои мавҷудияти иттифоқ ҳамчун проблема қабул карда намешуданд.

Дар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ бозсозӣ ҳамчун даврai эҳёи миллӣ дониста мешуд. Муқаррароти асосии бозсозӣ ва ошкорбаёниро истифода намуда, халқҳои ИҶШС, ки дар вақти мавҷудияти давлати шӯравӣ халқи ягона дониста мешуданд, муборизаро барои истиқлолият оғоз намуданд. Маҳз кӯшиши Иттиҳоди Шӯравӣ барои нигоҳ доштани ягонагӣ дар тамоми фазои давлат боиси низоъҳои хунин гардид.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ масъалаи миллӣ ба таври расмӣ ҳалшуда ҳисобида мешуд, доимо оиди дӯстии байни халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ сухан гуфта, онро ташвиқу тарғиб менамуданд. Лекин маълум шуд, ки дӯстии байни халқҳо падидаи абстрактӣ будааст. Аз ҷониби дигар

[58] Ниг.: Авторханов А. Империя Кремля: советский тип колониализма. – М., 1988. –С.46.

маълум шуд, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ дӯстии байни халқҳо асосан хусусиятӣ маҷбуриро доро будааст, аз ин хотир бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ ба ҳаракатҳои миллӣ барои озодӣ ва истиқлолият такони нав дод.

Аз ин рӯ, дар шароити ошкорбаёнӣ ва демократикунонии ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, ба вуҷуд омаданд ва рушди ҳаракатҳои марказгурез ва сепаратистӣ ногузир мегардид. Таърихнигорӣ чех М.Грох дар асоси таҳлили ҳаракатҳои миллӣ ва сепаратистӣ асосан се давраро ҷудо менамояд: эҳёи фарҳангӣ, ташвиқоти миллӣ, ҳаракатҳои оммавӣ.[59] Ҳамин тариқ, метавон тасдиқ намуд, ки дар шароити ошкорбаёнӣ ва дастрасии озод ба васоити ахбори омма дар ҳудуди Иттиҳоди Шӯравӣ ҳаракатҳои миллӣ дар мӯҳлати кӯтоҳ ташкил ва рушд карданд.

Омили асосии сар задани низоъҳо байни миллату халқиятҳо дар ҳудуди иттифоқ миллатгароӣ гардид. Масалан, Рижков Н.И. раиси Совети Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ қайд менамояд, ки «қувваи хеле мудҳиш ва харобиовар» ва «мустабиди пурқувват»- и фурӯпошии давлат маҳз миллатгароӣ ба ҳисоб меравад.[60] Миллатгароӣ ҳамчун тасдиқи бартарияти ҳувияти миллӣ аз болои талаботҳои синфӣ, динӣ ва умуман инсоният баромад менамояд.

Пас аз оғози бозсозӣ, миллатгароӣ, ки муддати тӯлонӣ бо дӯстии халқҳо рӯйпӯш карда мешуд, яку якбора авҷ гирифт. Яке аз аввалин эътирози миллӣ намоиш дар Алма-Ато гардид, ки аз иваз намудани котиби якуми ҳизби коммунистӣ оғоз гардид. Дар ин раванд намояндаи миллати казоқ бо намояндаи миллати рус, бидуни маслиҳатҳои пешакӣ бо элитаи маҳаллӣ иваз карда шуд.

[59] Мирослав Грох. Формирование наций и национальные движения малых народов // На путях становления украинской и белорусской наций: факторы, механизмы, соотношения. –М., 2004. –С.81.
[60]Ниг.: Рыжков Н. И. Трагедия великой страны. – М., 2007. – С. 33.



Метавон қайд намуд, ки Роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ ба барангезанда будани ҳаракатҳои миллӣ аҳамияти зарурӣ намедод. Иштибоҳи ҳукумати шӯравӣ, ба ақидаи мо, дар он зоҳир мегардид, ки дар шароити нав арзишҳои демократиро эълон намуда, ҳанӯз методҳои кӯҳнашудаи идоракунӣ ва сиёсати кадриро ба роҳбарӣ гирифта буданд.

Ҳамин тариқ, воситаҳои кӯҳнаро истифода намуда, марказ ҳанӯз амалҳои зӯрӣ ва зӯровариро истифода менамуд, ки дар натиҷа дар ҷумҳуриҳои шӯравӣ эътибору нуфузи Фронтҳои миллӣ боло рафт. Маҳз ифротгароию радикализатсияи ин Фронтҳои миллӣ ба натиҷаҳои хунин оварда расонид.

Бунёди воҳидҳои маъмурии сунъии думиллата омили дигари пайдоиши низоъ ба ҳисоб меравад. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ, чунин воҳидҳо, ба монанди Чечену-Ингушетия, Кабардину-Балқар, Карачаево-Черкесия вуҷуд доштанд. Илова бар ин, халқиятҳои ягона ба мухторияти ҷумҳуриҳои мухталифи иттифоқ тақсим шуда буданд. Масалан, осетинҳо ҳам дар Россия ва ҳам дар Грузия, арманиҳои қаробоғӣ дар Озарбойҷон, тоҷикон дар Ӯзбекистон. Дар ҳолати фурӯпошии фазои ягонаи геополитикӣ ва иқтисодӣ, яку якбора тамоми ихтилофотҳои пештар ҷамъшуда тезутунд шуданд.

Ба рушди иқтисодии Иттиҳоди Шӯравӣ нигоҳ накарда, метавон қайд намуд, ки тақсимоти неъматҳои иҷтимоиву иқтисодӣ байни ҷумҳуриҳои шӯравӣ нобаробар буд. Тавозуни тақсимоти неъматҳои иҷтимоӣ байни халқҳо мавҷуд набуд, ки маҳз аз ин хотир як қатор ҷумҳуриҳо қафомонда ҳисобида мешуданд, ки наметавонистанд ба рушди ҳаракатҳои миллӣ дар ин ҷумҳуриҳо таъсир расонанд. Пас аз таҳлили мушкилоти мазкур, метавон ба чунин хулосае омад, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун сарчашмаи ашёи хом қабул карда мешуданд. Бекорӣ байни аҳолӣ мавҷуд буд, одамон метавонистанд танҳо ба корҳои

мавсимӣ машғул шаванд ва ин омил низ метавонист ба рушди ҳаракатҳои миллӣ оварда расонад.

Раванди бозсозӣ ба эҳёи ислом дар Осиёи Марказӣ ва Қавқоз мусоидат намуд, ки ба ҳаракатҳои байни миллатҳо ва ҳаракатҳои мили омили мазҳабиро зам намуд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки вазъияти низоӣ дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар асоси омилҳои сиёсӣ пайдо шуданд, ки ба онҳо метавон сентрализм ва ягонагии ҳокимият, ҷазодиҳӣ; омилҳои иқтисодӣ – таназзули саноат, бекорӣ, қашшоқӣ; омилҳои иҷтимоиву психологӣ – тоқатнопазирии миллӣ, шаклҳои манфии худтасдиқнамоии миллӣ, миллатгароии ошкоро, шахсиятпарастӣ, ғуруру ҳавобаландии сарварони миллӣ; даъвои ҳудудӣ нисбат ба якдигар.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки мавҷудияти чунин ақидаву эътиқод, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ масъалаи миллӣ ба пуррагӣ ҳал гардидааст, ба он оварда расонид, ки дар ҳукумат, дар аксарияти ҳолатҳо, оиди мушкилоти воқеии халқиятҳои алоҳида хабардор набуданд. Аз тарафи дигар, дар ҳукумат чораҳои мушаххас ва зарурӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи хусусияти миллӣ дошта қабул ва амалӣ нагардиданд.

Қайд намудан зарур аст, ки низоъҳои маҳаллӣ дар фазои пасошӯравӣ дорои сабабҳо, омилҳо ва заминаҳои якхелаи пайдоиш мебошанд ва онҳо дорои нишонаҳо ва хусусиятҳои зерин мебошанд:

Якум, фурӯпошии системаи шӯравӣ, ки устувориро дар фазои мазкур дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсат, иқтисодиёт, соҳаи ҳарбӣ ва идеология таъмин менамуд. Аз ин рӯ, тамоми кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбати танзими вазъияти буҳронӣ ва низоъ, ба ҷустуҷӯи омили ивазкунандаи суботи низоми шӯравӣ равона гардида буд.

Дуюм, душвории танзими вазъияти бамиёномада. Пас аз он, ки марҳилаҳои фаъоли ин буҳронҳо ва низоъҳо бо



таъсири фаъоли Федератсияи Россия дар нимаи аввали солҳои 90-ум қатъ гардиданд, ҳамчун системаи динамикӣ ин буҳронҳо ва низоъҳо ба шакли собит гузаштанд, ки бидуни таъсири беруна метавонанд дар чунин вазъият муддати номуайян боқӣ монанд.

Сеюм, метавон тасдиқ намуд, ки дар низоъҳои маҳаллии пасошӯравӣ ба таври амиқ мавҷудияти проблемаҳои глобалӣ ба назар мерасад, ба монанди зиёд гардидани фарқият байни нодорӣ ва сарватмандӣ, таркиши демографӣ, таҳдидҳои технологияҳои навтарин, терроризм, гардиши маводи мухаддир ва ғ.[61]

Лекин, қайд намудан зарур аст, ки ба чунин хусусиятҳои ба ҳам монанди низоъҳои фазои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нигоҳ накарда, низоъ дар Тоҷикистон аз рӯйи як қатор нишондиҳандаҳо фарқ мекунад. Агар дигар низоъҳо дар ин фазо асосан хусусияти байниэтникӣ дошта бошанд, низои сиёсии Тоҷикистон дорои хусусияти дохилиэтникӣ мебошад.

Метавон тасдиқ намуд, ки низои дохилӣ ба ҳеҷ ваҷҳ бо натиҷаи ҳодисаҳои тасодуфан бо ҳам мувофиқомада алоқаманд нест. Чунин низои дохилӣ бо сабабҳои мушаххасу дақиқ шарҳу эзоҳ дода мешавад. Тавре, ки як қатор муаллифон қайд менамоянд, қабл аз пайдоиши низоъ давраи тӯлонии таърихӣ паси сар шудааст. Дар ҳолати мазкур нақши ҳалкунандаро шиддатнокии иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ҷомеаи тоҷик бозидааст, ки ба тариқи доимӣ боло мерафт ва заминаҳои ҷиддии ихтилофотро дар сатҳи дохилиэтникӣ бунёд менамуд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар ҷомеашиносии шӯравӣ масъалаи мушкилоти низоъ нокифоя ва ғайриобъективона таҳқиқ шуда буданд ва чунин

[61] Ниг.: Региональные конфликты на постсоветском пространстве (Абхазия, Южная Осетия, Нагорный Карабах, Приднестровье, Таджикистан). – М.: ООО «Издательство ГНОМ и Д», 2002. –С. 231.

шуморида мешуд, ки низоъ ҳамчун падидаи иҷтимоиву сиёсӣ ба ҷомеаи Шӯравӣ хос нест. Аз ин рӯ дар ҷомеашиносии шӯравӣ оиди ҷомеаи бенизоъ сухан мегуфтанд ва асоснок мекарданд, ки тамоми масъалаҳои миллӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ аллакай ҳалли худро ёфтаанд. Роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ ба барангезанда будани ҳаракатҳои миллӣ диққати зарурӣ намедод.

Раванди бозсозӣ ва либерализатсияи муносибатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ба он оварда расониданд, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ ҳаракатҳои миллӣ қувват гирифтанд. Проблемаеро, ки солҳои тӯлонӣ ҳалшуда мешумориданд ва бо истифода аз чораҳои қатъӣ онро нигоҳ медоштанд, яку якбора дар охири солҳои 80-ум авҷ гирифт. Мумкин буд, ки як қатор низоъҳои байниэтникӣ дар ҷомеаи пасошӯравӣ бартараф карда шаванд, лекин дар амалӣ намудани сиёсат воқеияти нави ҳаёти ҷамъиятиро ба инобат намегирифтанд.

## 2.2. Нақши миёнаравӣ дар раванди ба танзим овардани низои байни тоҷикон

Яке аз мушкилоти муҳим дар илмҳои ҷомеашиносӣ, махсусан дар доираи илмҳои сиёсӣ, муайян намудани роҳҳо ва воситаҳои бартараф намудан ё ҳалли низоъҳо дар ҷомеа мебошад. Муваффақият дар ин самт аз муайян намудани объект ва предмети мушаххаси низоъ, манфиатҳои ҳар яке аз тарафҳои низокунанда вобаста аст. Маҳз дар ин асос шароит барои ҳалли осоишта ё сиёсии низоъ пайдо мешавад. Илова бар ин, метавон таъкид намуд, ки шарти дигари муҳимми танзими осоиштаи низоъ фаъолият ва кӯшиши механизмҳои гуногун, ки маслиҳат, вохӯриҳо, гуфтушунидҳоро таъмин менамоянд, ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан зарур аст, ки имконияти ҳалли ихтилофотҳои сиёсӣ танҳо дар ҳамон ҳолат пайдо меша-



вад, ки агар тарафҳои даргир ба ин омода бошанд. Омилҳои мухталиф мавҷуданд, ки метавонанд ба рафтори тарафҳои даргир таъсир расонанд. Ба чунин омилҳо метавон омилҳои иқтисодӣ ва маънавӣ шаванд. Илова бар ин, метавон таъсири бозингарони сиёсии беруна ё ҳамон мамлакатҳоеро, ки дар минтақаи мазкур манфиатҳои худро доранд, махсусан қайд намуд.

Ин бозингарон ё давлатҳо, воситаҳои гуногуни фишоровариро истифода намуда, тарафҳои даргирро маҷбур месозанд, ки ба гуфтушунид рӯй оранд. Лекин, бо боварии комил метавон гуфт, ки омили муҳим, пеш аз ҳама, хоҳиш ва нияти тарафҳои даргир боқӣ мемонад.

Нишон додан зурур аст, ки миёнаравӣ ба монанди низоъҳо ва ихтилофотҳо дар ҷомеа таърихи худро дорад. Аз давраи қадим миёнаравӣ барои танзим ва ҳалли низоъҳои мухталифи сиёсӣ истифода карда мешуд. Муддати тӯлонӣ муҳаққиқон ба раванди гузаронидани гуфтушунидҳо диққат намедоданд. Маҳз дар асоси нақши муассири миёнаравӣ дар танзим ва ҳалли низоъҳо дар давраи навтарин он объекти таҳлили илмӣ гардид.

Зери мафҳуми «миёнаравӣ» раванди ғайрирасмие фаҳмида мешавад, ки дар ҷараёни он тарафи сеюми холис, ки ҳуқуқи қабул намудани қарорро надорад, ба тарафҳои баҳскунанда дар бадастории қарори мутақобилаи судманд кумак менамояд. Ин таснифи умумиқабулгардида як қатор хусусиятҳои асосии раванди миёнаравӣ, махсусан ғайримуқаррарӣ будани раванди иҷро ва самтнокии он дар бадастории ризоиятро таҷассум менамояд. Инчунин, он воқеиятро таҷассум менамояд, ки бартарии муҳимми миёнаравӣ бадастории ризоият дар асоси принсипи ихтиёрӣ ба ҳисоб меравад.

Миёнаравӣ дар 25 соли охир маъруфияти хосса касб намуд. Махсусан пас аз фурупошии Иттиҳоди Шӯравӣ ба раванди миёнаравӣ аз ду самт таваҷҷӯҳ зоҳир мегардид: сарварони ғайринизомӣ, шахсони расмии давлат ва тарафи

сеюм. Гарчанде мақсад ва муносибатҳо гуногун буданд, мақсади ягона – мубаддал гардонидани ғояи миёнаравӣ дар низоъҳои «ҳамҷавор» ва ҷамъиятӣ ба мафҳуми умумиқабулгардида ба ҳисоб мерафт.

Мисоли равшан танзими низои байни тоҷикон ба ҳисоб меравад, ки дар он иштирокчиёни раванди миёнаравӣ ба имконияти таҷдиди назари муносибатҳои инсонӣ, ки дар рафти миёнаравӣ амалӣ гардидааст, бовар намуданд ва тасдиқи амалии онро хуш пазируфтанд.

Тавре маълум аст, дар доираи омӯзиши низоъ мақоми асосиро роҳҳои ҳалли низоъҳои ба вуқӯъомада ишғол менамоянд. Яке аз чунин роҳҳо ҳалли осоиштаи низоъҳо ба ҳисоб меравад. Бо мақсади ҳалли осоиштаи низоъҳо зарур аст, ки омилҳои зерин ба иҷобат гирифта шаванд:

- омили институтсионалӣ, яъне, мавҷудият ё бунёди институт дар ҷомеа барои гузаронидани гуфтушунидҳо: комиссияҳои созиш, комиссия оид ба сулҳ ва ғ.;

- омили консенсуалӣ – мавҷудияти ризоият байни тарафҳо нисбат ба он, ки қарори якҷоя кадом ҷиҳатҳоро фарогир аст;

- омилҳои кумулятивӣ - ҳар қадаре, ки иштирокчиёни низоъ кам бошанд, то ҳамон андоза имконияти танзими осоиштаи он зиёд мегардад;

- омили таҷрибаи таърихӣ – ба тарафи худ ҷалб намудани нерӯҳо ва анъанаҳои танзими осоиштаи низоъ, ки дар кишвари мазкур ё дигар кишварҳо ҷой дорад;

-омили тавозуни қувваҳо – ҳарду тараф бояд дорои ҳуқуқ ва ваколатҳои баробари ҳалли вазъияти низоӣ бошанд;

- омили психологӣ – ба инобат гирифтани хусусиятҳои субъективии иштирокчиёни низоъ.[62]

Қайд намудан зарур аст, ки ҳанӯз дар оғоз, вақте ки Тоҷикистон дар оташ қарор дошт, роҳбарияти ҷумҳурӣ дарк

[62] Лебедева М.М. Политические урегулирование конфликтов. –М., 1997. – С.175.



намуда буд, ки метод ва воситаи ягонаи ҳалли низоъ миёнаравӣ ва гуфтушунидҳо байни тарафҳои даргир ба ҳисоб меравад. Лекин барои амалӣ намудан ва оғози раванди гуфтушунидҳо, донистани методҳои мавҷудаи ҳалли вазъияти низоӣ зарур буд. Аз тарафи дигар, зарур буд, ки ин восита ва методҳо ба шароити маҳаллӣ мувофиқ карда шаванд.

Дар низои тоҷикон барои роҳ надодан ба амалиётҳои густурда, зиёиён, намояндагони сохторҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, чандин маротиба кӯшиш намуданд, ки созишномаро оид ба оштӣ ва сулҳ ба имзо расонанд. Чунин кӯшишҳо дар Хоруғ (1992) ва Каленинобод амалӣ гардиданд, аммо натиҷаи дилхоҳ надоданд.

Масалан, яке аз чунин кӯшишҳо дар Хоруғ амалӣ гашт. Тарафҳои даргир ба хулосае омаданд, ки амалиётҳои ҳарбӣ байни ҷонибҳо аз ҳаддӣ эътидол хеле дур рафтаанд, аз ин рӯ бояд созиш ва ҳамдигарфаҳмӣ мушкилоти мавҷударо бо роҳи осоишта ҳал намоянд. Маҳз, барои ҳамин, охири моҳи июл дар Хоруғ вохӯрии намояндагони ҳокимияти расмӣ, ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ доир гардид. Дар ин вохӯрӣ ризоияти муайян ба даст оварда шуд, шароити оштӣ байни тарафҳои даргир таҳия гардид. Дар доираи созишномаи ин вохӯрӣ тарафҳо ӯҳдадор гардиданд, ки гаравгонҳоро озод намоянд, гузаргоҳҳои ҳарбиро аз байн бардоранд, бино ва объектҳои ғасбгардидаро озод намоянд, бунёдҳои ҳарбиро пароканда намоянд, ярокҳоро супоранд. Лекин, қайд намудан зарур аст, ки иҷроиши созиши мазкур зери гузошта шуд, зеро як қатор сарварони дастаҳои ҳарбӣ ва сарварони мухолифинро ҷанбаҳои асосии қарордодҳои бадастомада қонеъ намекарданд. С.Сафаров иброз намуд, ки тарафдорони ӯ то лаҳзае, ки ҳукумати мавҷуда ба истеъфо наравад нияти супоридани ярокро надоранд, зеро ин ҳукумат ғайриқонунӣ аст. Маҳз дар асоси чунин изҳорот худи ҳамон рӯз амалиётҳои ҳарбӣ дар қисми ҷанубии кишвар баркарор гардиданд.

Қайд намудан зарур аст, ки танзим ва умуман идора намудани низои мусаллаҳона хеле душвор ва мураккаб мегардад. Дар ҳолати ҷой доштани амалиёти ҳарбӣ, низоъ хусусият ва хусусиятҳои дигарро касб менамояд. Дар чунин ҳолат имконияти танзими осоиштаи низоъ ва муносибати байни иштирокчиён аз даст меравад. Дар Тоҷикистон, якчанд маротиба кӯшиши танзими муносибати байни тарафҳо амалӣ гардид, аммо ин кӯшишҳо натиҷаи дилхоҳ надоданд. Тарафҳо роҳи ҳалли зӯроварии ҳалли масъаларо интихоб намуданд, ки ба рушди минбаъда ва вусъат ёфтани амалиётҳои ҳарбӣ мусоидат намуд.

Дар алоқамандӣ бо ин, муҳаққиқи рус М.М.Лебедева қайд менамояд, ки вақте ки низоъ рушд меёбад ва ҳудудҳои нав ба навро фаро мегирад, қонуниятҳои зерин пайдо мешаванд:

- ҳар қадаре, ки сатҳи амалиётҳои ҳарбӣ баланд бошад, ҳар қадаре, ки дар ҷараёни низоъ зӯроварӣ зиёд истифода шавад, то ҳамон андоза раванд ва оғози танзими низои мазкур душвор мегардад;
- низоъҳое, ки дар онҳо се ё зиёда аз он ҷонибҳо иштирок менамоянд, танзими онҳо мушкилот мегардад;
- мавҷудияти миқдори зиёди мухолифатҳо нисбати масъалаҳои асосӣ ба амалҳои зӯроваронаи тарафҳои даргир оварда мерасонад;
- ҳар қадаре ки амалиётҳои ҳарбӣ дар низоъ ҷиддӣ ва зиёд бошанд, то ҳамон андоза ҷараёни танзими осоиштаи он душвор мегардад.[63]

Метавон тасдиқ намуд, ки маҳз дар доираи ин қонуниятҳо, дар Тоҷикистон, дар ҳоли мавҷуд будани амалиётҳои ҳарбӣ, танзими муносибати байни тарафҳои даргир ба шикаст мувоҷеҳ шуд.

Пас аз барқарор намудани сохти конститутсионӣ дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, ҳанӯз ихтилофотҳои ҳарбӣ

[63]Ниг.: Лебедева М.М. Политическое урегулирование конфликтов: подходы, решения, технологии. –М., 1999. – С. 40.



идома доштанд. Аз ин рӯ, зарурати ҳалли осоиштаи низоъ пайдо шуд. Дар чунин шароит оғози гуфтушуниди ҷонибҳои даргир, новобаста аз қӯшунҳои Федератсияи Россия, бо мушкилоти зиёд мувоҷеҳ гардид.[64] Қайд намудан зарур аст, ки дар оғоз неруҳои оппозитсионӣ ва ҳукумати кишвар ба гуфтушунид омода набуданд, ҳатто роҳи ҳалли осоиштаи низоъро рад менамуданд.

Изҳороти сарварони мухталифи кишварҳои ИДМ ва мансабдорони баландпояи ҳарбӣ оиди он, ки низои Тоҷикистон танҳо бо роҳи гуфтушуниди сиёсӣ ҳалли худро меёбад, то дараҷаи муайян ба муносибати роҳбарияти кишвар нисбати мухолифин таъсир расонид.

Ҳамин тариқ, бо кумаку дастгирии созмонҳои байналмиллаӣ, пеш аз ҳама СММ ва як қатор давлатҳо, дар Москва гуфтушуниди сиёсӣ байни вакилони ҳукуматӣ ва оппозитсия оғоз гардид. Дар ин вохӯрӣ дар масъалаи тасдиқи рӯзнома мувофиқат ба даст оварда шуд, ки зиёда аз 30 масъаларо дар бар мегирифт.

Бо миёнаравии СММ гуфтушуниди байни тоҷикон соли 1992 оғоз гардид. Маҳз бо миёнаравии ин созмон раванди оштии байни тарафҳои даргир дар Тоҷикистон оғоз гардид. Бояд гуфт, ки дар он солҳо СММ дар ҳалли мушкилоти мухталифи ҷомеаи тоҷик нақши муассир доштааст. Гуфтушуниди байни тарафҳои даргир дар Тоҷикистон на танҳо аҳамияти маҳаллӣ, балки аҳамияти минтақавӣ низ доштанд, зеро ҷиҳатҳои байнимиллии низоъ ҷой дошт ва тарҳи тоҷикии танзими вазъияти низоӣ, метавонад барои чунин вазъиятҳои ниҳоӣ муфид бошад.[65]

Ҳамин тариқ, агар нақши СММ дар раванди сулҳ дар Тоҷикистон дар давраи аввал (аз моҳи майи соли 1993- то соли 2000), асосан бо барқарор намудани сулҳ, нигоҳдории сулҳ ва расонидан кумаки башардустона алоқаманд бошад,

[64] Известия. 17 марта 1994.
[65] Сайдмуродов Ш. Национальное примирение в Таджикистане и его современное значение. – Душанбе, 2003. – С. 68.

пас дар давраи дуюм (аз июни с. 2000 то июли с.2007), СММ дар барқарор намудани кишвар дар давраи пас аз низоъ нақши муассир дошт. Яъне, тамоми агентиҳои СММ ба ташкили барномаҳо диққат медоданд, ки ба рушд ва барқарорсозии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии инфрасохтори кишвар равона шуда буданд.[66] Дар марҳилаи нави мусоидат дар ҳалли низои мусаллаҳона дар Тоҷикистон, роҳбарияти СММ, зарурати бунёди сохтори нав – Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатия ҳифзкунанда дар Осиёи Марказиро пешниҳод намуд.[67]

Қайд намудан зарур аст, ки раванди гуфтушунид хеле мураккаб буда, дорои хусусиятҳои хосси худ мебошад. Гуфтушунид дар шароити муносибатҳои низоӣ дар қабули қарорҳо ба тарафҳо масъулияти махсусро вогузор мекунад, зеро рушди минбаъдаи муносибатҳо маҳз аз он қарорҳое вобаста аст, ки аз ҷониби тарафҳо қабул карда мешаванд. Баъзан, қабули қарор метавонад боиси қувват гирифтани низоъ гардад. Аз ин рӯ талаб карда мешавад, ки дар раванди гуфтушунид, қарорҳои қабулшуда бояд амиқу дақиқ ва ҳаматарафа таҳлил карда шаванд.

Ин гуфтушунидҳо бо миёнаравии СММ ва бо иштироки кишварҳои кафил: Россия, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Туркманистон, ки дар бадастории сулҳ дар Тоҷикистон саҳми бузург гузоштаанд, амалӣ гардиданд.

Тарафҳои мухолиф муддати тӯлонӣ ба зӯроварӣ такя менамуданд ва танҳо дар моҳи сентябри соли 1994, пас аз панҷ моҳи оғози раванди гуфтушунидҳо, якумин Созишномаро оид ба оташбас ба имзо расониданд, ки сипас ба таври системавӣ аз ҷониби ҳарду тараф, махсусан аз ҷониби оппозитсия вайрон карда мешуд. Амалиётҳои ҳарбӣ то охири со-

[66]Ниг.: Раджабов С.А. Международно-правовые аспекты урегулирования вооруженного конфликта в Таджикистане. –Душанбе, 2011. –С.69.

[67]Ниг.: Рахматуллоев Э. Нужно ли Центральной Азии превентивная дипломатия? // Ученые записки. –2007. –№3. –С.152.



ли 1996 идома ёфтанд. Дар чунин ҳолат ҳарду тараф дар вақти гуфтушунидҳо иброз доштанд, ки бо роҳи ҳарбӣ ҳал намудани низои байни тоҷикон ғайриимкон аст ва танҳо гуфтушунидҳо метавонанд ба сулҳро барқарор созанд.

Қайд намудан зарур аст, ки муқарраротии асосии қарордодҳои дуҷониба, ки ба Созишномаи умумӣ ворид карда шудаанд, моҳи майи соли 1995 омода буданд. Дар ин вақт ҳукумат эълони авфи умумӣ, дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешниҳод намудани мансабу вазифаҳо ба намояндагони мухолифин, муттаҳид намудани даставу гурӯҳои мусаллаҳ дар сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ, қонунӣ гардонидани ҳизбҳо ва ҳаракатҳои оппозитсионӣ пешниҳод намуд. Ҷониби оппозитсия бошад оиди эълон доштани давраи дусолаи гузариш, бунёди Шӯрои ризоияти миллӣ бо ҳуқуқи пешниҳоди ворид намудани тағйироту дигаргуниҳо ба меъёрҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намуд. Илова бар ин, ҳукумат пешниҳод намуд, ки фаъолият дар доираи Конститутсияи мавҷуда амалӣ гардад, тарафи мухолиф бошад, аз нав дида баромадани Конуни асосӣ ва як қатор меъёрҳои дигари ҳуқуқиро талаб менамуд. Барои танзими ин зиддияту ихтилофот ва коркарди дигар пешниҳодҳо беш аз ду сол гузашт.

Гуфтушуниди байни тоҷикон нишон дод, ки саҳми бузургро дар танзими низоъ метавонанд сарварони тарафҳои дар низоъ иштироккунанда бозанд. Дар ҷараёни вохӯриҳои байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарвари Оппозитсияи муттаҳидаи тоҷик А.Нурӣ дар моҳи майи соли 1995 ва махсусан дар охири соли 1996 ва 1997, масъалаҳои принсипиалии бадастории сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон танзим карда шуданд.

Илова бар ин, дар ин давра ба пурраги ду проблемаи муҳим ҳал карда шуданд: Якум, ба таври расмӣ дурнамои иштироки «қувваи сеюм», ки дар натиҷаи гуфтушунидҳо оиди тақсимоти ҳокимият берун монда буданд, дар ҳаёти

сиёсии кишвар муайян нагардида буд. Намояндагони оппозитсия чандин маротиба қайд намуданд, ки бадастории сулҳ дар кишвар бе иштироки сиёсатмадарон аз вилояти Суғд (Ленинобод) дар идоракунии давлат ғайриимкон аст. Намояндагони Россия ва Эрон низ иброз медоштанд, ки иштироки намояндагони тамоми қувваҳои сиёсии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар раванди истиқрори сулҳ ҳатмӣ мебошад.

Дуюм, як қатор ҳуҷҷатҳо дар доираи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, батафсил коркард нагардида буданд. Ин боис гашт, ки тарафҳо дар асоси манфиатҳои худ онҳоро тасниф намуданд, чунин вазъияте ба миён омад, ки дар доираи он ҳарбиёни оппозитсия муддати ду сол пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ яроқҳои худро насупориданд. Дар ҳуҷҷатҳои байнидавлатӣ тартиби муттаҳид намудани ҳарбиёни оппозитсияи муттаҳидаи тоҷик бо сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ ва инчунин сарчашмаҳои маблағгузории раванди мазкур муайян нагардида буданд. Ин, албатта, раванди амалӣ намудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳро ба таъхир андохт. Баъд аз ду соли ба имзо расидани ин ҳуҷҷат дар кишвар давраи дуюми иҷроиши протоколи ҳарбӣ ба итмом нарасид, ки дар навбати худ, имконият надод, ки қонунигардонии фаъолияти ҳизбҳои оппозитсионии манъгардида дар соли 1993 амалӣ гардад, аз ин рӯ онҳо натавонистанд фаъолияти худро оғоз намоянд ва ба интихобот тайёр шаванд.

Ба норасоиҳои нишондодашуда нигоҳ накарда, масъалаи асосӣ ҳал карда шуд: тарафҳо Созишномаи умумии сулҳро бо интихоби методи сиёсии ҳалли низоъ ба имзо расониданд.

Раванди гуфтушуниди байни тоҷикон мисоли равшан ба ҳисоб меравад, ки дар асоси кумаки бевосита ва иштироки СММ, кишварҳои манфиатдор, пеш аз ҳама Россия, тарафҳои мухолиф роҳи мушкилтаринро паси сар карданд, ки боиси барқарор намудани сулҳ дар кишвар гардид.



СММ, Шӯрои Амният доираи васеи методҳои таъсиррасониро барои ҳарду тараф, ки дар гуфтушунидҳо иштирок намуданд, мавриди истифода қарор доданд.

Дар мисоли Тоҷикистон, СММ исбот намуд, ки қувваи воқеӣ ба ҳисоб меравад ва метавонад манфиати тарафҳои даргирро ба ҳам орад ва вазифаи сулҳофариро иҷро намояд.

Дар радифи СММ дар ба бадастории сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ҳашт кишвари нозир кумак расонидаанд, аз ҷумла Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Россия, Туркманистон, Ӯзбекистон. Нақши пешбаранда ба Россия тааллуқ дорад, ки ташаббускори раванди гуфтушунид буд ва дар бадастории қарорҳои мутақобилан судманд кумак намуд.

Намояндагони Россия аз манфиати объективӣ танзими сиёсии низоъ дар Тоҷикистон ва ба эътидол овардани вазъият на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми минтақа бармеомаданд. Ҳузури пойгоҳи ҳарбии Федератсияи Россия дар ҳудуди Тоҷикистон ба тарафҳои даргир таъсири боздоранда мерасонид.

Ҳамин тариқ, гуфтушуниди байни тоҷикон, ки қариб чор сол идома ёфт, бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон бомуваффақият ба итмом расид. Натиҷаҳои раванди гуфтушуниди тоҷикон барои тамоми ҷаҳон аҳамияти амалӣ доранд, зеро хеле кам баназар мерасад, ки ҷанги шаҳрвандӣ бо сулҳ ва бидуни ғолибону мағлубон ба итмом бирасад. Ҳалли низои байни тоҷикон исбот намуд, ки бо ёрии тамоми қувваҳои созандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ бо роҳи осоишта, тариқи гуфтушунидҳо аз низои тӯлонӣ ва хунин баромадан мумкин аст.

Иҷрои қарордодҳои бадастомада барои рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шароитҳои мусоидро фароҳам оварданд. Дар натиҷаи кӯшишҳои чорсолаи ҷомеаи

чаҳонӣ, пеш аз ҳама Россия,вазъи ҳалокатбори ҷанги шаҳрвандӣ ҳам аз ҷониби роҳбарияти Тоҷикистон ва ҳам ҷониби оппозитсия дарк шуд, ба низоъ дар кишвар қатъ гардид. Кишвар баҳои бузургро барои иштибоҳҳои роҳбарияти пешинаи ҷумҳурӣ, барои дахолати ҳарбии Иттиҳоди Шӯравӣ ба Афғонистон, барои парокандагии минтақавӣ ва манфиатҳои сиёсии элитаҳои минтақавӣ пардохт намуд.

Бо тамоми фоҷиабории худ ҷанг барои Тоҷикистон анҷоми таърих нагардид. Имрӯз кишвар дар арсаи байналмиллалӣ мақоми хоссаро ишғол менамояд. Созишномаҳои осоиштаи Москва ва Теҳрон имконияти муфидро барои дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ бунёд намуданд.

Бо ба итмом расидани раванди муттаҳидшудани неруҳои ҳарбии Оппозитсияи муттаҳидаи тоҷик ба таркиби мақомотҳои қудратӣ, дохил намудани намояндагони мухолифин ба ҳукумат, имконият фароҳам оварда шуд, ки дар якҷоягӣ давлати дунявӣ бунёд карда шавад, иқтисодиёт барқарор ва алоқаҳои беруна рушд дода шаванд. Рӯ овардани роҳбарияти кишвар ба сарчашмаҳои давлатдории тоҷикон, сабақи таърихии ташкил ва фурупошии давлати Сомониён, қадами дуруст ба сӯйи ташкили идеологияи миллӣ мебошанд, ки метавонад миллати тоҷикро муттаҳид намоянд. Тасдиқи ин ақидаҳо интихоботи озоди президентӣ дар солҳои 1999, 2006, 2013 ва 2020 ба ҳисоб меравад.

Амалӣ намудани муқаррароти баёнгардида ба ҳалли самараноки вазифаҳои мушаххас, ки бо бартараф намудан ва танзими низоъҳои минтақавӣ ва таъмини бевоситаи амнияти байналмиллалӣ алоқаманд мебошанд, мусоидат менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар раванди гуфтушуниди дилхоҳ низои иҷтимоиву сиёсӣ. на оиди ба фарқияти манфиати тарафҳо, ки ба низоъ оварда мерасонад, балки оиди манфиатҳои умумӣ, ки системаи муносибати онҳоро таш-



кил менамоянд ва метавонанд ба муттаҳидшавии тарафҳо оварда расонад, сухан гуфтан зарур аст.

Дар чунин муносибат шиорҳои мухталифи тантанавӣ ва чораҳои амалӣ барои бартараф намудани низоъ ё бартараф намудани омилҳои асосии пайдоиши он истифода карда мешаванд. Масалан, чунин шиорҳо, ба монанди «Халқ – ягона ва том», «Тоҷикистон – хонаи умумии мо», даъватҳои асосӣ дар давраи баромадан аз ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буданд.

То оғози гуфтушунидҳо ва дар раванди гуфтугӯи сиёсӣ чунин воқеаву ҳодисаҳое ба миён меомаданд, ки ба раванди гуфтушунид таъсири манфӣ мерасониданд. Яке аз чунин воқеаҳо нашри лоиҳаи Конститутсияи нав буд, ки оппозитсия онро хуш напазируфт, зеро қарордод ба даст оварда шуда буд, ки дар таҳияи он тамоми неруҳои сиёсии Тоҷикистон иштирок менамоянд. Омили дигар, ин шиддатнокии вазъияти муташанниҷи кишвар буд, ки ҳанӯз ихтилофоти байни сарварони минтақавӣ мавҷуд буд, оиди куштори рӯзноманигорон ва намояндагони оппозитсия хабарҳо расонида мешуданд. Тамоми ин омилҳо ба раванди гуфтушунидҳо таъсири манфӣ мерасониданд, монеаҳоро барои кори муттасили он бунёд менамуданд.

Баррасии аксарияти масъалаҳои танзими осоишта хеле душвор мегузашт ва дар ин самт мукилоти зиёде мавҷуд буданд. Масалан, дар давраи дуюми гуфтушунидҳо, ки нуҳ рӯз давом кард ва дар он масъалаи оташбас баррасӣ карда мешуд, созишнома ба имзо нарасид, зеро вакилони ҳукуматӣ ба шарти неруҳои оппозитсионӣ нисбати озод намудани тамоми маҳбусони сиёсӣ розӣ нагардиданд.

Қайд намудан зарур аст, ки неруҳои оппозитсионӣ, натиҷаи дилхоҳро бо роҳи сиёсӣ ба даст оварда натавониста, амалиёти доманадори ҳарбиро дар ҳудуди Тоҷикистон оғоз намуданд. Ҳукуматро гунаҳкор менамуданд, ки махсус вақтро кашол медиҳанд, зеро ният дорад раъйпурсӣ оид ба

қабули конститутсияи нав ва интихоботи президентро бо иштироки неруҳои дигари сиёсӣ, ки оид ба ин масъала дар созишномаҳои пешина қарордод ба даст оварда шуда буд, гузаронанд.

Илова бар ин, неруҳои оппозитсионӣ Вазорати корҳои дохилии Россияро дар халалдор намудани имзои созишнома оид ба оташбаси муваққатӣ гунаҳкор намуд. Танҳо пас аз талафотҳои назаррас, ҳукумат маҷбур шуд, ки ба шарти неруҳои оппозитсионӣ розӣ шавад. Қайд намудан зарур аст, ки дар давраи сеюм, масъалаи тамдиди мӯҳлати амали созишнома оид ба оташбас низ хеле душвор ва тӯлонӣ буд.

Лекин, ба ин нигоҳ накарда, дар доираи амали миёнаравон ва кӯшиши тарафҳои даргир, созишнома ба имзо расонида шуд. Лекин, дар ноҳияҳои алоҳида, махсусан дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ бархӯрдҳо идома доштанд, ки дар ин маврид тарафҳо якдигарро гунаҳкор менамуданд. Тарафҳо, махсусан неруҳои оппозитсионӣ, чандин маротиба ба миёнаравон, махсусан ба Котиби Генералии СММ Бутрос Голи муроҷиат намуданд. Дар ин муроҷиатҳо неруҳои оппозитсионӣ ҳукуматро гунаҳкор намуда, аз СММ талаб намуданд, ки назоратро аз рӯйи иҷроиши Созишнома оид ба оташбаси муваққатӣ пурзӯр намоянд.

Мавриди зикр аст, ки бо кӯшиши иштирокчиёни гуфтушунидҳо, муносибатҳои нав ташаккул ёфтанд, ки дар заминаи онҳо маҳсули нав ба даст оварда шуд. Дар раванди гуфтушунидҳо тарафҳо оид ба саҳми ҳар як нафар дар бадастории ризоияти умумӣ ва ташкили ҳамкориҳо барои ба даст овардани натиҷаи ниҳоӣ аҳду паймон намуданд. Дар чунин ҳолат, одатан, тақсимоти ҳокимият ба миён меомад. Таъкид намудан зарур аст, ки дар раванди гуфтушунидҳо, одатан, тарафҳо кӯшиш менамуданд, ки мавқеи худро мустаҳкам намоянд, ки барои ин аз талаби қатъӣ, таҳдид ва ҳатто қатъ намудани раванди гуфтушунидро истифода менамуданд. Чунин рафтори тарафҳои даргир дар раванди



гуфту-шунидҳо дар Тоҷикистон низ мушоҳида карда мешуд. Ҳам аз ҷониби оппозитсия ва ҳам аз тарафи ҳукумат чандин маротиба кор ҳатто то ба пурра қатъ намудани раванди гуфтушунидҳо омада расид.

Таҷрибаи фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ нишон медиҳад, ки раванди гуфтушунидҳо дар шароити низоъ метавонад бомуваффақият бошад, агар як қатор омилҳо ба инобат гирифта шаванд. Ба чунин омилҳо метавон муайян намудани мавзӯи мушаххаси низоъ; мавҷудияти иродаву хоҳиши иштироки тарафҳо дар гуфтушунидҳо ба натиҷаҳои мушаххас ноил гаштан; дурӣ ҷустан аз истифодаи қувва барои мустаҳкам намудани мавқеъ дар раванди гуфтушунидҳо; гуфтушунидҳо аксарияти ҷиҳатҳои мувофиқ будани манфиати тарафҳоро дар бар мегиранд; иҷроиши бечунучарои ӯҳдадориҳо дар доираи гуфтушунидҳо; баррасии масъалаҳои мушаххас; ҷой надоштани ҳиссиёти сиёсӣ ё ҷавоби эмотсионалӣ; сатҳи маълумоти умумӣ ва маданияти сиёсии иштирокчиён; ба роҳ мондани муносибатҳои боэътимод байни иштирокчиён; касбият дар ташкил намудани гуфтушунидҳо ва ғ.

Қайд намудан зарур аст, ки новобаста аз фарқияти манфиати иштирокчиёни гуфтушунидҳо, онҳо дорои манфиат ва талаботҳои умумӣ мебошанд. Маҳз манфиатҳои тарафайн асоси гуфтушунидҳоро ташкил медиҳанд. Бидуни ин манфиатҳо гуфтушунидҳо моҳият ва маънои худро аз даст медиҳанд. Дар ҳолате ки, агар тарафҳо манфиатҳои тарафайнро ба инобат нагиранд, пас имкони қатъ гардидани гуфтушунидҳо ба миён меояд ё низои мавҷуда бо предмети нав ва иштирокчиёни нав шиддат мегирад. Дар раванди гуфтушунидҳо омили муҳим ратсионализатсияи мавқеи тарафҳо ба ҳисоб меравад. Ба тарафҳо зарур аст, ки ба эҳсосот дода нашаванд ва ба муносибатҳои ғайрирасмӣ нагузаранд. Метавон бо боварии комил қайд намуд, ки чунин вазъият дар асоси сатҳи маданияти сиёсӣ ва сифатҳои

интеллектуалии иштирокчиёни гуфтушунидҳо таъмин карда мешавад.

Омили муҳимми дигар эътимод байни иштирокчиёни гуфтушунидҳо ба ҳисоб меравад. Барои ин мувофиқат дар дарки мушкилоти мавҷуда, ки дар раванди гуфтушунидҳо бояд ҳалли худро ёбанд, зарур аст. Дар ҳолати як хел қабул нагардидани проблема аз тарафи иштирокчиён, гуфтушунид наметавонад натиҷаи дилхоҳ, ки иштирокчиён онро интизоранд, диҳад. Аз ин рӯ, қабул намудани ҳар қарор дар алоҳидагӣ нозарур ва қобилияти бовар кунонидани мухолифи раванди гуфтушунидҳо зарур мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки қабул накардан ё ва нобоварӣ нисбати иштирокчии дигар, шубҳаро ба миён меорад, ки дар натиҷа замина барои қатъ гардидани гуфтушунидҳо пайдо мешавад. Маҳз нобоварӣ яке аз монеаҳои психологӣ дар роҳи бадастории ризоият дар мисоли гуфтушунид ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ гардид, инчунин ба тӯл кашидани раванди байни тоҷикон таъсир расонид.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди гуфтушунидҳо тарафҳо метавонанд усулҳои мухталифро барои ба даст овардани манфиати бештар истифода намоянд. Масалан, дар рӯзи ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, тарафи оппозитсия талаботи озод намудани гурӯҳи маҳбусонро, ки тарафдорони оппозитсия ба ҳисоб мерафтанд, пешниҳод намуд. Лекин, тавре, ки тафтишот нишон дод, ин одамон ба оппозитсия ягон муносибат надоштанд. Чунин талаботҳо метавонанд, дар бисёр ҳолатҳо, сабаби қатъ гардидани гуфтушунидҳо гарданд. Лекин тарафи ҳукуматӣ, барои ба имзо расонидани Созишномаи умумӣ, талаботи оппозитсияро дар рӯзи ба имзо расонидани он иҷро намуд[68].

[68] Сухомлинов А.В., Шалаев Г.А. Дорога к согласию. Эмомали Рахмонов – человек и политик. –М.: Собеседник, 2002. –С.75.



Дар ҷаҳони муосир дар танзими низоъҳо миёнаравон аз шаклҳои гуногун истифода менамоянд, зеро дар шароити имрӯза баромад аз низоъ, ҳалли он тариқи гуфтушунидҳо барои рушди минбаъдаи ҷомеа, барои тарафҳои даргир ва барои ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳим арзёби мегардад. Чи тавр профессор А. Муҳаббатов қайд мекунад: «Миёнравӣ дар ҳалли моҷароҳо нақши муҳим дорад. Ба мо маълум нест, ки нақши миёнравӣ дар даврҳои қадим чигуна будааст, аммо тадқикотҳои илми муосир нишон медиҳад, ки миёнарвaӣ ҳамеша вуҷуд доштааст»[69]. Ҳамин тариқ, миёнаравӣ воситаи асосии таъсиррасонӣ ба низоъ ва тарафҳои дигар ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат чунин таъсиррасонӣ бо мақсади ҳалли осоиштаи низоъ амалӣ карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки миёнаравӣ аз ҷониби ҷомеа қабул гардида, ҳеҷ як аксуламал аз тарафи омма пешниҳод намегардад. Воситаҳои дигар, ба монанди истифодаи муҷозот ё ворид намудани неруҳои сулҳовар дар баъзе ҳолатҳо норозигиро байни аҳолӣ ба миён меоранд.

Муҳаққиқи тоҷик, профессор А.Самиев чунин мешуморад, ки дарси асосии раванди сулҳ дар Тоҷикистон чунин аст:

1) Ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба ҷанги хунин, ноадолатона ва бемаъно дар Тоҷикистон, ки идомаи низои сиёсӣ, динӣ ва этникӣ дар кишвар буд, нуқта гузошт. Дар заминаи сулҳи бадастомада симои воқеии таърихӣ, менталитети халқи тоҷик, ки моҳият ва маънои онро ғояи сулҳ ва гуманизм ташкил менамояд, ошкор карда шуд. Дар халқи тоҷик чунин дақиқияти психологӣ зоҳир гардид, чунин сифатҳои хусусияти миллӣ ва ғояҳои миллӣ ошкор карда шуданд, ки пештар фаромӯш гардида буданд. Зарур буд, ки онҳо аз мавқеи нав ташаккул дода шаванд. Зарур буд, ки онҳо дарк карда шаванд ва сипас қарори дурусти сиёсӣ қабул карда шавад. Ҷавоби ин падида, сирри он, пеш аз ҳама, дар хусусиятҳои менталитети

[69] А. Муҳаббатов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе, «Истеъдод», 2013. – с.213.

тоҷик, дар фалсафа ва фарҳанги бой он пинҳон буд. Мавҷудияти ғояи сулҳ, ҳиссиёти дӯстӣ, гуманизм ва интернатсионализм асрҳои тӯлонӣ ба тоҷикон хос буд. Онҳо қисми органики фарҳанг ва тарзи ҳаёти тоҷиконро ташкил менамуданд. Дар он солҳои душвори ихтилофоти миллии яроқнок ин ғояҳо ба таври фаъол худро зӯҳур намуданд, дар шуури ҷамъиятӣ ҳукмронӣ менамуданд ва дар сиёсати давлатӣ ҳамчун шарти зарурии худнигоҳдории миллат, ҷой гирифтанд.

2) Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ халқи тоҷикро аз маҳвшавӣ нигоҳ дошт ва имкониятҳои воқеии мустаҳкам намудани истиқлолияти ҳақиқиро таъмин намуд. Дар ҷангҳои шаҳрвандии муосир, ба монанди оне, ки дар Тоҷикистон шуда гузашт, ҳам дар Афғонистон идома дорад, дахолати қувваҳои беруна эҳсос карда мешавад, ки сулҳ ва устуворӣ ва истиқлолияти пурраи ин кишварҳоро намехоҳанд. Дар тамоми таърихи тамаддун, пас аз Сомониён, халқи тоҷик якумин маротиба истиқлолияти пурраи давлатӣ ва сиёсиро ба даст овард. Созишномаи сулҳ заминаи воқеии ягонагии миллиро бунёд намуд. Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ, ки 18 июни соли 1997 таъсис дода шуд, натиҷаи бевоситаи созишномаи мазкур ба ҳисоб меравад.

3) Созишномаи сулҳ ба муттаҳид ва ягона гардидани тамоми неруҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуд. Ба имзо расонидан ва бунёди Шӯрои ҷамъиятӣ (9 марти соли 1996), инчунин ҳамроҳ гардидани Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ба ин ҳаракат натиҷаи бевоситаи он ба ҳисоб меравад. Имрӯз, қувваҳои сиёсии ҷомеаи мо дар муқобили якдигар қарор надоранд, ба ҷудоихоҳӣ машғул нестанд, баръакс роҳҳои асосии созиши сиёсиро ҷустуҷӯ менамоянд. Маҳз чунин муносибат, чунин робита асоси давлати демокративу ҳуқуқбунёдро ташкил медиҳанд ва заминаи устувори сиёсиро барои рушди минбаъда бунёд менамоянд.[70]

[70]Самиев А. Исторические уроки мирного процесса в Таджикистане. Душанбе, 2002. –С.3-4.



Дар баробарӣ ин, миёнаравӣ барои таъмини имконияти баррасии мушкилот аз тарафи ҷониби тарафҳои даргир зарур аст. Дар оғоз, миёнарав робитаро байни тарафҳо таъмин менамояд, яъне, тарафҳои даргир маҳз тариқи миёнарав мубодилаи афкор менамоянд. Чунин амал метавонад тамаркузи диққат ба моҳияти проблема, на ба ҳиссиёт ва озору ранҷиши тарафайн мусоидат намояд. Аз тарафи дигар мусоидат намояд, иттилооe, ки тариқи миёнарав пешниҳод карда мешавад, кафолат дода мешавад, ки он боътимод ва дуруст аст.

Амалияи сиёсӣ собит менамояд, ки тарафҳо худ ба миёнарав муроҷиат менамоянд. Бояд гуфт, ки гуфтушунид дар он сурат натиҷаи дилхоҳ ба бор меорад, ки агар миёнарав аз ҷониби ҳарду тарафи даргир интихоб шуда бошад. Тавре, амалия нишон медиҳад, тарафҳои даргир дар ҳолатҳои зерин ба миёнарав муроҷиат менамоянд:

- объекти низоъ дақиқ набошад, тамоми восита ва методҳои танзими низоъ аллакай истифода шудаанд, лекин дигар роҳи ҳал вуҷуд надорад;

- ҳарду тараф талаботҳои якдигарро истиснокунанда пешниҳод менамоянд ва наметавонанд мустақилона «васати тиллоӣ»- ро дарёфт намоянд;

- тарафҳо қонун ва дигар меъёрҳоеро, ки дар ҳалли низоъ калидӣ ба ҳисоб мераванд, ба таври гуногун тасниф менамоянд;

- як тараф ба тарафи дигар зарари ҷиддӣ мерасонад, аз ин рӯ тарафи ҷабрдида ба мухолифи худ муҷозот талаб менамояд;

- тарафҳо ба мувофиқа омадаанд ва барои устувор намудани он назорати объективии беруна нисбати иҷроиши он зарур аст.[71]

Қайд намудан зарур аст, ки миёнарав ба тарафҳо дар ҳалли проблемаҳо тариқе кумак мерасонад, ки барои тараф-

[71]Ниг.: Анцупов А.Я., Шипилов А.И. Конфликтология: - М.: ЮНИТИ, 1999. С.485.

ҳои даргир қобили қабул бошад. Миёнарав тарафҳоро ба анҷоми осоиштаи низоъ ҳавасманд менамояд, лекин проблемаро ба ҷойи иштирокчиёни раванди гуфтушунидҳо ҳал намекунад. Қабули қарори ниҳоӣ бар дӯши худи тарафҳои даргир вогузор мешавад. Миёнарав ба қабули чунин қароре мусоидат менамояд, ки анҷоми осоиштаи низоъ барои яке аз тарафҳо зоҳир гардидани заифӣ ва мағлубият ба назар нарасад.

Аз ин рӯ, метавон таъкид намуд, ки миёнарав ҳамчун ташаббускори созишнома баромад менамояд ва шакли ҳуҷҷати ниҳоиро пешниҳод менамояд, яъне миёнарав пешниҳоди яке аз тарафҳоро ба таври дигар тартиб медиҳад, ки аз ҷониби иштирокчии дигари раванди гуфтушунид қабул карда шавад. Илова бар ин, миёнарав макон ва вақти гузаронидани вохӯриро муайян ва пешниҳод менамояд.

Дар танзими низои байни тоҷикон, аз тарафи миёнаравон ҳудуди кишварҳои гуногун, ба монанди Афғонистон, Россия, Эрон ва дигар кишварҳои нозир, пешниҳод гардида буданд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар амалия танзими низои байни тоҷикон дар баробари бо методҳои анъанавии ҳалли низоъҳо, методҳои ғайрианъанавӣ низ истифода шуданд, ки бо хусусиятҳои халқи тоҷик алоқаманд буданд.

Нақши анъана дар ҷомеаи тоҷик хеле бузург аст, зеро анъана сатҳу шаклҳои мухталифи шуури ҷамъиятиро алоқаманд менамояд ва дар муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷасум меёбанд. Дар ҷомеаи Тоҷикистон як қатор институтҳои анъанавӣ боқӣ мондаанд, ки пас аз ба даст овардани истиқлолият дар рушди низоъ нақши ҳалкунанда бозидаанд. Аз тарафи дигар, маҳз ҳамин институтҳо ва алоқаҳои анъанавӣ барои паст намудани сатҳи низоъ дар ҷомеаи тоҷик истифода шудаанд.[72] Дар ҷомеаи тоҷик то ба

[72] Махмадов А.Н. Таджикистан: урегулирование «нетрадиционного конфликта» традиционными методами // Урегулирование конфликта и построение гражданского общества. Москва - Вашингтон. М., 1997. - С. 54.



имрӯз институтҳо ва алоқаҳои анъанавӣ боқӣ мондаанд, ки пас аз бадастории истиқлолият дар рушди низои байни тоҷикон нақши муайян бозидаанд.

А.Н. Маҳмадов қайд менамояд, ки чунин институтҳои анъанавӣ, чун машварати куҳансолон – машварат, нишасти мардон – ҷамъомад, анъанаи рақобат, табақаи рӯҳониён ва ғайраро метавон дар паст намудани сатҳи низоъ истифода намуд.[73]

Дар ҳалли низои байни тоҷикон он воситаҳо ва методҳое истифода шуданд, ки ба таври васеъ дар тамоми низоъҳо истифода бурда мешаванд. Хусусияти чунин истифодабарӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин методҳо ва воситаҳо дар шакли маҷмӯӣ истифода шудаанд ва самараву натиҷаи заруриро ба бар оварданд[74]. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки таҷрибаи танзими низои байни тоҷикон метавонад ҳамчун намунаи бартараф намудани низоъҳо хизмат намояд.

Моҳи августи соли 1995 дар ҷавоб ба хоҳиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Котиби кулли СММ намояндагии махсуси СММ оид ба барқарор намудани далелҳоро дар алоқаманди бо зӯроварӣ дар Тоҷикистон, шиддат гирифтани бухрон дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва хатари пайдоиши низоъ, ки барои сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ ва берун аз ҳудуди он хатари муайян эҷод менамояд, ба Душанбе фиристод.

6-19 апрели соли 1994 дар Москва даври якуми гуфтушуниди байни тоҷикон дар зери ҳимояи СММ бо кумаку дастгирии фаъоли Россия доир гардид. Мақсади асосӣ, яъне оғози гуфтугӯи сиёсӣ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва оппозитсия ба даст оварда шуд.

[73] Махмадов А.Н. Таджикистан: урегулирование «нетрадиционного конфликта» традиционными методами // Урегулирование конфликта и построение гражданского общества. Москва - Вашингтон. М., 1997. - С.55.

[74] Хидирова М.У. Институт лидерства в контексте трансформационного общества (на материалах Республики Таджикистан). Монография. – Душанбе, 2008. –С.73.

18-28 июни соли 1994 дар Теҳрон даври дуюми гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба ризоияти миллӣ баргузор гардид. Мақсади асосӣ ба имзо расонидани созишнома оид ба қатъ намудани амалиётҳои ҳарбӣ ба ҳисоб мерафт. Дар Теҳрон намояндагони Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Россия, Ӯзбекистон ва САҲА иштирок намуданд.

17 сентябр вакилони ҳукуматӣ ва оппозитсия дар пойтахти Эрон созишномаро оид ба оташбаси муваққатӣ ва дигар амалҳои душманона дар сарҳад дар давраи гуфтушунидҳо ба имзо расониданд. Илова бар ин изҳороти якҷояи натиҷаҳои машваратҳои байни тоҷикон оид ба ризоияти миллӣ қабул карда шуд.

20 октябр – 1 ноябри соли 1994 дар Исломобод даври сеюми гуфтушунидҳо баргузор гардид. Ба сифати нозирон намояндагони Россия, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон иштирок намуданд. Бо ба итмом расидани гуфтушунидҳо ҳарду тараф барои дароз намудани муҳлати созишномаи оташбаси муваққатӣ ва дигар амалҳои душманона дар сарҳад ва дар ҳудуди давлат то 6 феврали соли 1995 ба мувофиқа омаданд. Бо ризоияти тарафҳои низоъ муҳлати амали созишнома оид ба оташбас дар ҷумҳурӣ то 26 апрели соли 1995 дароз карда шуд.

24 июли соли 1994 сессияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳуриро қабул намуд. Мувофиқи қонуни қабулшуда барои қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоботи умумихалқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раъйпурсӣ гузаронида шуд.

6 ноябри соли 1994 Эмомалӣ Раҳмонов Президенти Тоҷикистон интихоб гардид.

16 декабри соли 1994 Шӯрои Амнияти СММ қарорро оид ба таъсиси Намояндагии СММ дар Тоҷикистон бо мақсади назорат бурдан аз болои иҷроиши созишнома оид ба оташбас қабул намуд. Намояндагии СММ бояд фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо Қувваҳои дастаҷамъонаи сулҳовари ИДМ дар Тоҷикистон амалӣ менамуд.

Тавре маълум аст, низоъҳои минтақавӣ яке аз омилҳои асосии пайдоиши низоъҳои сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Аз нуқтаи назари сиёсат, ҳамон низоъҳое нисбатан муҳим ба ҳисоб мераванд, ки дар соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ пайдо мешаванд ва бо тақсим намудани чунин арзишҳо, ба монанди ҳокимият, неъматҳои моддӣ, мавқеи иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд.

Таҳлил ва ҳалли низоъҳои ошкоршуда дар сатҳи ошкорбаёнии пурраи сиёсӣ бо сохтори системаи сиёсӣ, хусусияти фаъолияти он, махсусан маданияти сиёсӣ алоқаманд мебошанд. Барои ҷомеа баррасии низои минтақавӣ дар шароити баҳсу мунозираҳои кушод қобили қабул аст, зеро имконият пайдо мешавад, ки мавқеъҳое, ки манфиату арзишҳои онҳоро таҷассум мекунанд, муайян карда шаванд.

Воқеаҳои Тоҷикистон ё низои байни тоҷикон, чандин сол ҷомеаи ҷаҳониро ба изтироб оварданд. Дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ба вазъияти Тоҷикистон як қатор кишварҳо таъсири бевосита ва бавосита расониданд. Қайд намудан зарур аст, ки дар он давра мақомоти байниҳукуматие вуҷуд надошт, ки сиёсати ин давлатҳоро нисбат ба Тоҷикистон ҳамоҳанг созад. Аз ин рӯ, амалҳои сиёсие, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз тарафи ин давлатҳо роҳандозӣ мегардид, ба манфиатҳои давлати дигар мухолиф буданд ва ихтилофотро ба миён меоварданд.

Як қатор муаллифон, олимон ва муҳаққиқон, ба монанди В.И.Бушков, Д.В.Микулский ва дигарон имконияти бадастории танзими низои байни тоҷиконро рад намуда буданд.

Масалан, муаллифони зикргардида қайд намудаанд, ки дар чунин шароит наметавонад ба баэътидол омадани вазъияти иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, ки рӯз аз рӯз бад шуда

истодааст дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад. Воқеаҳои охирин масъалаи муҳимтарин, яъне системаи намояндагии минтақаҳоро дар мақомоти ҳокимиятӣ ба миён мегузоранд. Тавре маълум аст, дар асоси тамоми низоъҳои сиёсӣ масъалаи истиқлолият, ҳокимият, худмуайяннамоӣ ҷой дорад, ки барои минтақаҳои муайян, гурӯҳҳо ва миллатҳо муҳим аст. Чунин низоъҳо тӯлонӣ мебошанд, ки дар ҷараёни онҳо тарафҳои даргир собитқадамии худро нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, тариқи гуфтушунидҳои дутарафа ва миёнаравии беруна мумкин аст қарори барои ҷонибҳо муфиди ҳалли проблемаро дарёфт.

Муаллифи дигар Ю.В. Ганковский чунин мешуморад, ки «ҳалли беҳтарини проблемаи тоҷик роҳи танзими сиёсӣ, роҳи бадастории созиши сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Идомаи ихтилофоти мусаллаҳона метавонад ба пошхӯрии давлати тоҷикон оварда расонад. Аммо, созиш неруҳои экстремистиеро, ки ҳам дар худи Тоҷикистон ва ҳам берун аз он амал менамоянд, рад менамояд. Онҳоро фаҳмидан мумкин аст: танзими сиёсӣ барои онҳо маънои марги сиёсиро дорад».[75]

Мувофиқан, танзими низои минтақавӣ, пеш аз ҳама, бо оппозитсия ва сарварони сиёсӣ алоқаманд аст. Навъ ва шакли оппозитсия аз неруи низои сиёсӣ, аз системаи амалӣ намудани он дар раванди сиёсӣ вобаста аст.

Низои минтақавӣ низое мебошад, ки дар алоқамандӣ бо тақсимоти ҳокимият, ҳукмронӣ ва доираи нуфӯз пайдо мешавад. Яке аз шаклҳои равшани зуҳуроти он дар Тоҷикистони муосир низои байни тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Раванди гуфтушунидро дар ин радиф метавон ҳамчун восита ва имконияти пешдастӣ кардан аз якдигар донист. Дар ин ҷо мавқеи тарафҳо на ҳамеша самимӣ мебошад. Лекин, пайваста рад намудани воқеият, аз он ҷумла муас-

[75] Ганковский Ю.В. События в Таджикистане и их резонанс в мире. –М., 2002. –С.77.



сир, дар ниҳояти кор, заминаи нохушоянд барои муносибатҳои собит ба ҳисоб меравад.

Дар раванди гуфтушунидҳо тарафҳо мушкилотеро баррасӣ менамоянд, ки ҳалли онҳо барои бадастории натиҷаи қобили қабул талаб карда мешавад. Тавре маълум аст, ҳалли проблема давра ба давра амалӣ мегардид.

Душвории асосии танзими низои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар он зоҳир мегардид, ки дар шароити ҷумҳурӣ он на танҳо тақсимоти муайяни ҳокимиятро бо оппозитсия, балки бозсозии сохториро низ дар назар дошт.

Пас аз таҳлили падидаи мазкур, метавон ба хулоса омад, ки дар солҳои охир ба миёнаравӣ, бешубҳа, ба таври ҷидди муносибат менамоянд. Институти миёнаравӣ ҳанӯз нобаробар амал менамояд, лекин қадам ба қадам як қатор таҷрибаҳоро ба даст меоранд, ки вазъияти орому суботи Тоҷикистон шаҳодати он аст. Аз ин рӯ, дар заминаи таҳлилу омӯзиши таҷрибаи миёнаравӣ дар Тоҷикистон, ба мақсад мувофиқ аст, ки роҳу усулҳои фаъолияти миёнарави такмил дода шавад.

## 2.3. Нақши акторҳои хориҷӣ дар ҳалли низои дохилии Тоҷикистон

Воқеан низои дохилии Тоҷикистон яке аз низоъҳои мураккаб ва хеле бухронзо ба шумор мерафт. Зеро дар раванди ба амал омадани низои мазкур на танҳо шумораи зиёди неруҳои сиёсии дохилӣ, балки дахолати давлатҳои хориҷӣ низ ба назар мерасид. Ғайр аз ин, дар раванди ҳалли низои дохилии Тоҷикистон дар баробари неруҳои созанда ва сулҳофари кишвар, инчунин як қатор давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ низ ширкат намуда буданд. Ҳалли низои сиёсӣ ва раванди гуфтушунид миёни ҷонибҳои даргир дар шароити душвори сиёсӣ ба амал мео-

мад. «Падидаи аз ҳама хатарнок дар он рӯзҳо ин буд, ки Конститутсия ва дигар қонунҳои мамлакат зери пой шуда, ҷинояткорӣ ва қонуншиканӣ ба як рафтори муқаррарӣ табдил ёфта буд»[76]. Дар чунин шароити мушкил пешгирӣ намудани оташи ҷанги шаҳрвандӣ, таъмин намудани волоияти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ қариб, ки ғайриимкон гардида буд. Таҳлили вазъият неруҳои созандаи мамлакатро ба хулосае овард, ки ҳалли низои дохилии Тоҷикистон бо роҳи зурӣ ва истифодаи яроқу аслиҳа ғайриимкон аст. Бинобар ин, масъалаи ташкил намудани гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир пеш гузошта шуд ва он дар аввал натиҷаҳои дилхоҳ намедод. Албатта, дар раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир як қатор давлатҳо ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, бе дарназардошти он, ки бархе аз онҳо дар мавридҳои мушаххас рафторҳои яксамта низ зоҳир менамуданд, ташаббуси зиёд нишон додаанд.

Ҳамин тариқ, соли 1992 давлатҳои узви ИДМ бо дарназардошти вазъияти сиёсии Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ як қатор созишномаҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ қабул менамоянд. Аммо муваффақиятҳои асосии ИДМ як соле баъд, соли 1993, ки дар шаҳри Москва баргузор гардида буд, дида мешавад. Дар воҳӯрии сарони давлатҳои узви ИДМ, ки 24 сентябри соли 1993 баргузор гардида буд, як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим ба имзо расонида мешаванд. Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими қабулгардида Қарор дар бораи таъсиси Нерӯҳои дастаҷамъии сулҳофар мебошад[77]. Давлатҳои аъзои ИДМ дар асоси санадҳои мазкур дар бораи таъсиси Неруҳои дастаҷамъии сулҳофари ИДМ дар Тоҷикистон

[76] Суханронии Э. Раҳмон ба муносибати 5-солагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ. 26 июни соли 2002, шаҳри Душанбе [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/6693 (санаи истифодабарӣ: 12.10.2018)

[77] Решение о формировании Коллективных миротворческих сыл и начале их функционирования [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N93/573/38/img /N9357338.pdf?OpenElement



қарор қабул мекунанд.[78] Нерӯҳои сулҳофари ИДМ дар Тоҷикистон бояд дар чаҳор самти асосӣ фаъолият менамуданд: а) бо мақсади устувор намудани сулҳу субот дар Тоҷикистон вазъиятро дар марзи Тоҷикистону Афғонистон боя ба эътидол меоварданд; б) ба вуҷуд овардани шароите, ки гуфтугӯи ҷонибҳои манфиатдорро дар самти танзими низои сиёсӣ имконпазир мегардонид; в) дастрас намудан, ҳифз кардан ва тақсим намудани кумакҳои башардӯстона; г) ташкили шароити боамон барои баргардонидани гурезаҳо ва муҳофизати инфрасохтори ҷомеа.[79]

Ҳамчунин дар воҳӯрии рӯзи 24 сентябри соли 1993 ҳуҷҷати дигар таҳти унвони «Созишнома дар бораи Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар ва меъёрҳои муштараки ташкил намудани таъминоти моддию техникии он» низ қабул мегардад. Тибқи моддаи 1-уми созишномаи мазкур зери ибораи «Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар» неруҳои ҳарбии Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва дигар давлатҳои узви ИДМ ҳамроҳ лавозимоти ҳарбӣ, яроқу аслиҳаи онҳо ва техникаи ҳарбии онҳо дохил мегарданд, ки барои танзими вазъият ва таъмини сулҳ бо фармондеҳии ягона амалӣ карда мешавад.[80] Мувофиқи ҳуҷҷатҳои имзошуда Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар бояд то 1 октябри соли 1993 ба муҳлати шаш моҳ таъсис дода мешуданд ва бо хоҳиши давлатҳои аъзои ИДМ муҳлаташон бояд дароз карда мешуданд. Масъалаи маблағгузории ин

[78] Рахматуллаев Э. Роль Организации Объединенных Наций в урегулировании межтаджикского конфликта: автореф. дисс. ... канд. полит. наук: 23.00.04 / Рахматуллаев Эркин. –М., 2002. – С.12.

[79] Шарафиева О.Х. Гражданская война в Таджикистане. 1990-1997 гг.: дис. ... канд. ист. наук: 07.00.03 / О.Х.Шарафиева. – Томск, 2010. – С.102.

[80] Ст. 1. Соглашение о Коллективных миротворческих силах и совместных мерах по их материально-техническому обеспечению от 24 сентября 1993 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N93/573/38/img/N9357338.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

ниҳоди ҳарбии сулҳофар дар замимаи 2 созишномаи мазкур ҳаллу фасл гардида буд. Мувофиқи ин ҳуҷҷат, нисфи хароҷоти Неруҳои дастаҷамъии сулҳофарро Федератсияи Россия, 15% Қирғизистон, 15% Қазоқистон, 10% Узбекистон ва 10% Тоҷикистон бояд ба уҳда мегирифтанд.[81]

Чунин навъи фаъолият дар самти таъмини сулҳу субот иқдоми аввалини ИДМ ба шумор мерафт, ки он ҳам бошад дар ҳамкорӣ бо СММ ва САҲА дар амал татбиқ мегардид. Ҳарчанд ҳамаи кӯшишҳои неруҳои сулҳофари ИДМ бо муваффақият анҷом наёфта бошанд ҳам, нақши ин иттиҳод дар таҳкими сулҳу субот ва танзими низои байни тоҷикон хеле назаррас буд. Ин буд, ки Шӯрои Амнияти СММ кӯшишу талошҳои Нерӯҳои сулҳофари ИДМ-ро ба инобат гирифта, фаъолияти онро ҷонибдорӣ намуда буд. Бинобар ин, минбаъд СММ аз кумакҳои ИДМ дар самти танзими низои сиёсии Тоҷикистон ва баргузор намудани гуфтушунидҳои ҷонибҳои низоъ ба таври васеъ истифода намуда, онҳоро на танҳо ба сифати нозир, балки масъулони баргузории воқеаҳои таърихӣ интихоб намуд.

Фаъолияти давлатҳои узви ИДМ, аз ҷумла Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон дар самти ташкил ва гузаронидани гуфтушунидҳо ва раванди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон хеле назаррас мебошад.[82]

Бояд тазаккур дод, ки дар рӯзҳои баргузории даври аввали гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир 15 апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав ҳамзамон вохӯрии сарони давлатҳои узви ИДМ низ баргузор гардида буд. Ин навбат дар самти танзими низои сиёсии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои дигар ба имзо

[81] Размеры долевых взносов государств-участников для финансирования деятельности Объединенного командования Коллективных миротворческих сыл. Приложение 2. Там же.

[82] Сайфуллоева З.Х. Роль международных организаций и стран содружества в укреплении мира в Таджикистане (из опыта Таджикистана): автореф. дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / З.Х. Сайфуллоева. – Душанбе, 2007. – С.14.



расонида мешаванд. Аз ҷумла, қарор дар бораи муҳлати буду боши Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар дар ҳудуди Тоҷикистон, ҳайат ва вазифаҳои он; Шартномаи муассисон оид ба таъсиси Фонди кӯмак ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Фонди кӯмак ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо мерасанд. Бо дарназардошти идома ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва таҳдиди аз ҷониби Афғонистон ворид гардидани ҷангиёни зархарид ва ҷияткор ба қаламрави мамлакат Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ дар бораи дароз намудани муҳлати Неруҳои сулҳофар қарор қабул намуданд. Қарори мазкури муҳлати ҳузури неруҳои мазкурро то 31 декабри соли 1994 бо имконияти дубора дароз намудани муҳлати он муқаррар намуд. Инчунин мувофиқи қарори қабулгардида 4 давлати узви ИДМ (Қазоқистон, Қирғизистон, Россия ва Узбекистон) барои фаъолияти неруҳои сулҳофар дар ҳудуди Тоҷикистон бояд 16000 ҳазор нафар сафарбар менамуданд. Ин навбат вазифаҳои неруҳои дастаҷамъии сулҳофар ба таври зайл муайян гардида буд:

1.Бо мақсади дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани вазъияти устувор ва эътидол даровардани сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон, фароҳам овардани шароит барои пешбурди гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил, ки нияти бо роҳи сиёсӣ ҳал намудани низоъро пеша намудаанд;

2.Саривақт бурда расонидан, ҳифз намудан ва тақсим кардани кумакҳои гуманитарӣ, фароҳам овардани шароити бехафв барои баргашти гурезагон, таъмини амнияти онҳо дар макони зисташон, бо мақсади амалигардонии ҳадафҳои мазкур ҳифз намудани инфрасохтор ва объектҳои ҳаётан муҳими мамлакат.[83]

[83] Решение о сроке пребывания, составе и задачах Коллективных миротворческих сыл в Республике Таджикистан [Электронный ресурс]. URL.: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N94/194/82/pdf/N9419482.pdf?OpenElement (дата обращения: 05.02.2017)

Дар ҷаласаи мазкур инчунин дар бораи ташкили Фонди кӯмак ба Ҷумҳурии Тоҷикистон Шартномаи муассисон ба имзо расонида мешавад. Бояд гуфт, ки дар бораи таъсиси Фонди мазкур ҳанӯз 24 сентябри соли 1993 қарор қабул гардида буд. Аммо дар ин вохӯрӣ муассисони фонд муайян карда мешавад. Мувофиқи шартномаи мазкур Фонд ташкилоти байнидавлатӣ ба шумор мерафт. Зеро муассисони он чунин давлатҳо муайян карда шуда буданд: Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Гурҷистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Молдова, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва Украина. Фонди мазкур аз ҳисоби чунин сарчашмаҳо ташкил карда мешуд:

1.Маблағҳое, ки аз тарафи давлатҳои муассис пардохт мегардид; манбаҳои моддӣ, кору хизматрасониҳое, ки аз ҷониби онҳо пешниҳод мегардид;

2.Маблағҳои ихтиёрии давлатҳои алоҳида, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.[84]

Фаъолияти Фонди мазкур ба воситаи Оинномаи он амалӣ мегардид. Мувофиқи Оинномаи Фонди мазкур, мақсади он кумак расонидан ба ташаббусҳои роҳбарияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ба эътидол овардани вазъи иқтисодию иҷтимоии мамлакат ба шумор мерафт[85].

Ҳамин тариқ аз солҳои 1993-1994 сар карда давлатҳои узви ИДМ на танҳо дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, балки дар самти беҳтар намудани вазъияти иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон омодагии худро нишон додаанд.

---

[84] Уредительный договор о создании Фонда помощи Республики Таджикистан. Москва, 15 апреля 1994 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N94/194/82/pdf/N9419482.pdf?OpenElement (дата обращения: 05.02.2017)

[85] Устав Фонда помощи Республики Таджикистан. Там же.



Бояд қайд кард, ки 19 январи соли 1996 дар шаҳри Маскав ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои узви ИДМ баргузор гардида буд, ки дар он Консепсияи танзим намудан ва пешгирӣ кардани низоъҳо дар ҳудуди давлатҳои ИДМ қабул гардид. Мувофиқи бандҳои алоҳидаи Консепсияи мазкур танзим намудан ва пешгирӣ кардани низоъҳо вобаста ба миқёс ва марҳилаи рушди он дар самтҳои гуногун бояд амалӣ карда мешуд.

Дар вохӯрии мазкур дар бораи то 30 июни соли 1996 дароз намудани муҳлати фаъолияти Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар дар ҳудуди Тоҷикистон қарор қабул гардид. Дар ҳуҷҷати мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия мегардад, ки бо дарназардошти механизмҳои мавҷуда раванди баргузории гуфтушунидҳоро бо иштироки мухолифин, созмонҳои байналхалқӣ ва комиссияиҳои мавҷуда фаъол намоянд.[86] Ҳамин тариқ, дар вохӯрии сарони давлатҳои ИДМ 19 январи соли 1996 дар муносибат бо масъалаи буду боши Неруҳои дастаҷамъии сулҳофари ИДМ дар ҳудуди Тоҷикистон қарорҳои муҳим қабул гардиданд, ки онҳо ба марҳилаи навбатии даври панҷуми гуфтушунидҳои байнитоҷикон таъсири амиқ расониданд.

Дар миёни давлатҳои узви ИДМ Федератсияи Россия мавқеи махсусро ишғол намудааст. Дар раванди ташкил ва баргузории гуфтушунидҳо президент ва раиси Ҳукумати Федератсияи Россия, вакилони Думаи Давлатӣ, вазир ва муовинони вазири корҳои хориҷӣ, вазорати мудофиа, Шӯрои амният, коршиносон ва таҳлилгарони зиёди Вазорати корҳои хориҷӣ ва вазорати мудофиаи Россия, сафорати Россия дар Тоҷикистон ва Эрон, роҳбарияти сохторҳои

---

[86] Приложение II. Решение о продлении срока пребывания Коллективных миротворческих сил в Республике Таджикистан. Москва, 19 января 1996 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/021/82/img/N9602182.pdf?OpenElement (дата обращения: 22.01.2017)

қудратии Россия дар Тоҷикистон ва чанде дигарон саҳми худро гузоштаанд.[87]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ барои Россия Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи ҳимояи манфиатҳои муҳими геополитикӣ ва геостратегӣ ба шумор мерафт ва бо чанд далел таваҷҷӯҳи вайро нисбат ба ҳалли низои сиёсии тоҷикон асоснок намудан мумкин аст. Аввал ин, ки Тоҷикистон ба яке аз мамлакатҳои ноустувор ва ҷангзадаи минтақа, яъне бо Афғонистон ҳамсарҳад буд, ки ин кишвари ноором метавонист ба воситаи Тоҷикистон барои Россия мушкилиҳои ҷиддӣ эҷод намояд. Масалан, хариду фуруши силоҳу аслиҳаи ғайриқонунӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ғ. ба ин мисол шуда метавонанд. Ҳамзамон сарҳади Тоҷикистону Афғонистон сарҳади берунии ИДМ низ маҳсуб мееёфт. Бинобар ин, Россия ба воситаи пойгоҳи низомии 201-ум ҳамчун неруҳои сулҳофари ИДМ кӯшиш менамуд, ки дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон амниятро таъмин намояд. Россия аз рӯзҳои аввали ҷанги шаҳрвандӣ ба вазъияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, бо шарофати ҳузури пойгоҳи ҳарбии 201-ум дар раванди танзими низоми сиёсии тоҷикон нақши муҳим бозидааст. Бо дархости Ҳукумати Тоҷикистон ба мамлакат Нерӯҳои сулҳофари ИДМ ворид карда шуда буданд, ки унсури марказии онро пойгоҳи низомии 201 ташкил медод, ки минбаъд ин гурӯҳи кумакрасон эътирофи байналхалқӣ пайдо намуд[88]. Кӯмакҳои ҳарбии Маскав аз ҷониби аксари аҳолии Тоҷикистон ва ҳамчунин аз ҷониби ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷонибдорӣ пайдо намуд. Зеро дарк мегардид, ки баъди фу-

[87] Пешков М. Россия стратегический партнер Таджикистана / М.Пешков // Бизнес и политика. – 2000. – №1.

[88] Пряхин В.Ф. Региональные конфликты на постсоветском пространстве (Абхазия, Южная Осетия, Нагорный Карабах, Таджикистан). – М.: Изд-во «ГНОМ и Д», 2002. – С.63.



рупошии режими шӯравӣ махсусан дар ҳудуди Осиёи Марказӣ метавонист шумораи зиёди табаддулоти давлатӣ ва ҷангҳои шаҳрвандӣ ба вуқуъ ояд, чи гунае, ки дар Афғонистон баъди хориҷ шудани нерӯҳои ҳарбии Иттиҳоди Шӯравӣ рух дода буд[89].

Баъди гузашти марҳилаи муайян маълум гардид, ки ҳалли низои сиёсии байнитоҷикон бо роҳи дахолати ҳарбӣ ғайриимкон аст. Махсусан, дар моҳи июли соли 1993 баъди ҳуҷуми нерӯҳои мухолифин аз ҳудуди Афғонистон ба хизматчиёни ҳарбии Россия, ин гуна вазъият собит гардид. Бинобар ин, Россия кӯшиш намуд Ҳукумати Тоҷикистонро бовар кунонад, ки барои ҳалли низои сиёсӣ роҳҳои имконпазири гузаронидани гуфтугӯ бо мухолифинро ташкил намояд. Зарурати гузаронидани гуфтугӯ бо мухолифин дар шароите ба амал омада буд, ки дар ҳудуди Афғонистон нерӯҳои ҳарбии ҳаракати «Толибон» рӯз то рӯз қувват мегирифт, ки чунин вазъият ба Тоҷикистон низ таъсири ҷиддӣ мерасонид ва Россияро низ дар ҳарос меандохт. Бо дарки чунин вазъият фаъолиятҳои дипломатӣ оғоз гардид ва минбаъд роҳҳои сулҳҷӯёнаи ҳалли низои сиёсии Тоҷикистон ҷустуҷӯ мегардид. Бо ташаббуси Россия дар зери ҳимояи СММ баргузории гуфтугӯи байнитоҷикон имконпазир гардид ва бесабаб нест, ки даври аввали ин гуфтугӯ дар шаҳри Маскав баргузор гардид. Дар марҳилаҳои минбаъдаи гуфтугӯи байнитоҷикон низ Россия фаъолона ширкат намуда, яке аз кафилони баста шудани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба ҳисоб мерафт.

Ӯзбекистон аз миёни давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз иштирокчиёни фаъоли ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ва аз миёни давлатҳои пасошӯравӣ баъди Россия мавқеи дуюмро ишғол намудааст. Чунин фаъолно-

[89] Малышева Д.Б. Региональный аспект конфликта в Таджикистане / Д.Б.Малышева // Центральная Азия и культура мира. – 1997. – №1. –С.76.

кии сиёсии Узбекистон бо як қатор омилҳои асоснок карда мешавад: ҳамсарҳад будани Тоҷикистону Ӯзбекистон, дар сарҳади байнидавлатӣ мавҷуд будани ҳудудҳои баҳсноки марзӣ, мавҷудияти диаспораҳои этникӣ дар ҳарду кишвар; вобастагии иқтисодӣ; манфиатдор будани роҳбарияти онвақтаи Ӯзбекистон аз рукуди исломгароён, ки дар натиҷаи ба сари қудрат омадани онҳо барои режими Ӯзбекистон таҳдиди ҷиддӣ ба шумор мерафт. Баъди оғози амалиётҳои ҳарбӣ роҳбарияти сиёсии Ӯзбекистон аз як қатор оқибатҳои ногувори низои сиёсии Тоҷикистон метарсиданд. Ӯзбекистон аз ҳама бештар аз ташкилёбии режими исломӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ҳарос менамуд. Зеро дар ин муддат фаъолгардии мухолифини динӣ дар ҳудуди Ӯзбекистон ба мушоҳида мерасид ва онҳо аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ ба таври қатъӣ саркӯб карда мешуд. Чунин омилҳои Узбекистонро маҷбур менамуд, ки яке аз иштирокчиёни фаъоли ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон гардад. Аммо баъзан нақши Узбекистонро дар низои сиёсии Тоҷикистон ба таври гуногун баҳогузорӣ менамоянд: баъзан онро иштироки амалиётҳои ҷангӣ, баъзан ҷониби манфиатдор ва ҳамчун миёнарав дар раванди баргузории гуфтугӯҳои сулҳҷӯёна арзёбӣ менамоянд. Воқеан ҳам таҳлили адабиёти илмӣ ва матбуоти даврӣ нишон медиҳад, ки Узбекистон дар раванди ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ва дар раванди баргузории гуфтугӯҳои сиёсӣ мавқеъҳои гуногунро ишғол намудааст. Як қатор омилҳоеро номбар намудан мумкин аст, ки онҳо сабаби тағйирёбии мавқеи Узбекистон гардидаанд. Аммо афзалияти бештар пайдо намудани таъсири Россия дар минтақа омили асосие мебошад, ки Узбекистонро хеле зиёд нороҳат месохт.

Дар ибтидои солҳои 1990 муҳаққиқони эронӣ муносибатҳои Тоҷикистону Эронро бо дарназардошти алоқаҳои фарҳангӣ, таърихӣ, забонӣ ва динӣ афзалиятнок



арзёбӣ намудаанд.[90] Эрон ҳеҷ гоҳ ба таври кушоду равшан мавқеи исломгароёни тоҷикро, ки кӯшиши сохтани давлати исломиро менамуданд, ҷонибдорӣ намекард ва барои хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон талош меварзид. Васеъ гардидани миқёси ҷанг ва ҳудуди ҳамсоядавлатҳо ворид шудани он боиси ноором гардидани ҳудудҳои шимолу шарқии Эрон мегардид, ки чунин вазъият бо манфиатҳои миллии вай мухолифат менамуд. Оғози муборизаҳои мусаллаҳона дар Тоҷикистон Эронро маҷбур намуд, ки барои муътадил намудани вазъияти баамаломада чораҷӯӣ намояд. Эрон аз рӯзҳои аввали муборизаҳои мусаллаҳона ба монанди Россия яке аз иштирокчиёни фаъоли гуфтушунидҳо ба шумор меравад.

Эрон наметавонист ба таври кушоду равшан дар ҳудуди Тоҷикистон барои сохтани давлати мазҳабӣ кӯшиш намояд. Зеро агар чунин мешуд Ҳукумати Тоҷикистон аз дохили мамлакат ва ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон аз хориҷи мамлакат, ки роҳи бунёди давлати дунявиро пеш гирифта буданд, дар муқобили Эрон қарор мегирифтанд. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бунёди давлати дунявӣ аз ҷониби ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷонибдорӣ пайдо намуда буд.[91] Бинобар ин, ҳадафҳои стратегию геополитикии Эрон ҳамчун сиёсати пинҳонии ин давлат боқӣ мемонд.

Ҳамин тариқ, Эрон дар муносибат бо ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон мавқеи хеле ҳасосро ишғол намуда, сиёсати худро дар муносибат бо Тоҷикистон эҳтиёткорона амалӣ менамуд. Зеро агар Эрон мухолифини тоҷикро бечуну чаро дастгирӣ менамуд, муносибати худро

---

[90] Горский В.В. Ирано-таджикские отношения [Электронный ресурс]. URL: http://www.iimes.ru/rus/stat/2005/05-04-05.htm (дата обращения: 07.06.2016)

[91] Пряхин В.Ф. Региональные конфликты на постсоветском пространстве (Абхазия, Южная Осетия, Нагорный Карабах, Таджикистан). – М.: Изд-во «ГНОМ и Д», 2002. – С.53.

бо Россия, ки шарики стратегиаш маҳсуб меёфт, вайрон месохт. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, солҳои 1993-1998 Эрон мухолифини тоҷикро бо паноҳгоҳ таъмин намуд. Чунин ҳолат бо он вобаста буд, ки неруҳои сиёсии Эрон дар муносибат бо низои сиёсии байни тоҷикон манфиатҳои гуногунро ҷустуҷӯ менамуданд. Масалан, дар он давра агар Вазорати корҳои хориҷии Эрон асосан бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ мекарда бошад, пас хазинаҳои афзалиятноки динӣ ва як қатор сохторҳои қудратии Эрон, ки дар мансабҳои калидии онҳо консерваторон фаъолият менамуданд, бо мухолифини тоҷик ҳамкорӣ доштанд. Аммо чунин алоқаҳо хеле эҳтиёткорона ба роҳ монда мешуд, то ки муносибати Теҳронро бо Душанбе вайрон насозанд.[92] Ҳарчанд аз лиҳози идеологӣ арбобони сиёсии Эрон бо мухолифини тоҷик наздикӣ дошта бошанд ҳам, Теҳрон бо дилхоҳ ҳукумати Тоҷикистон, ки иқтидори воқеии танзими низои сиёсиро дошт, омодаи ҳамкорӣ буд.

Ғайр аз ин, дар танзим ва ҳалли низои сиёсии Тоҷикистон ва махсусан ташкили оштии милии тоҷикон Созмони Миллали Муттаҳид нақши барҷаста дорад. СММ дар тули баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир нақши миёнаравиро иҷро намуда, дар мавридҳои душвори низоӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки мавқеи онҳоро ба ҳам наздик созад.

Иштироки СММ дар танзими низои сиёсии Тоҷикистон дар ду марҳилаи асосӣ сурат гирифтааст. Марҳилаи якум: омодагии фаъолияти СММ барои таъмини сулҳу субот дар Тоҷикистон ва оғози амалиётҳои сулҳофарӣ (1992-1994). Марҳилаи дуюм: амалиётҳои фаъоли сулҳофарӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби СММ (1995-1997).

[92] Горский В.В. Ирано-таджикские отношения [Электронный ресурс]. URL: http://www.iimes.ru/rus/stat/2005/05-04-05.htm (дата обращения: 07.06.2016)



Бояд ёдовар шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 1992 аъзои Созмони Миллали Муттаҳид набуд. Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ 2 марти соли 1992 дар ҷаласаи 46-уми Маҷмааи умумии СММ Ҷумҳурии Тоҷикистон расман узви комилҳуқуқи ин созмони байналмилалӣ эълон мегардад.[93] Дар ибтидои соли 1992 вазъияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноором буд ва Ҳукумати мамлакат аз фурсати муносиб истифода намуда, баъди аъзо гардидан дар ин созмони бонуфуз дар нимаи дуюми соли 1992 СММ-ро барои иштирок дар таҳкими амният даъват намуд. Бори якум 29 сентябр ва бори дуюм 15 октябри соли 1992 бо ташаббуси иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Искандаров Акбаршо барои иштироки СММ дар таҳкими сулҳу суботи Тоҷикистон даъват ба амал оварда шуд. Ниҳоятан баъди таҳлили вазъияти дохилии мамлакат Котиби Генералии СММ Бутрос Гали 29 октябри соли 1992 барои сафарбар намудани намояндагони сулҳофари ин созмон қарор қабул намуд.[94]

СММ дар марҳилаи аввали фаъолиятҳои худ дар самти таъмини сулҳу субот, ташкили комиссияҳои сулҳофар ва бо ин мақсад ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо дигар созмону ташкилотҳо амалиётҳои зиёдеро анҷом дода буд. Пеш аз ҳама, бо ташаббуси намояндагони расмии СММ се даври гуфтушунид миёни ҳукумат ва мухолифин дар шаҳрҳои Москва, Теҳрон ва Исломобод ташкил карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар раванди ҳалли низоъҳои сиёсии Тоҷикистон давлатҳои узви ИДМ ва созмонҳои байналмилалӣ чун СММ ва САҲА нақши босазо гузош-

[93] Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах. Том 1. / Под общ. ред. Х.Зарифи. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С.168.
[94] Абдуллоев И. ООН и межтаджикский конфликт: миротворческая миссия ООН в межтаджикском диалоге / И.Абдуллоев // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б.Гафурова. Гуманитарные науки. – 2013. – №1 (34). – С.100-101.

таанд. Онҳо бо назардошти вазъияти муташанниҷи сиёсӣ ба сифати миёнарав баромад намуда, ҷонибҳои даргирро пайваста ба гуфтугӯ даъват намудаанд. Онҳо дар раванди ташкили гуфтушуниди ҷонибҳои низоъ ва дар самти ба имзо расидани созишномаҳои гуногуни сулҳҷӯёна саҳми худро гузоштаанд. Инчунин назорати иҷро ва риояи шартҳои созишномаҳои мазкур низ аз ҷониби созмонҳои мазкур анҷом дода шудааст.

